# Замини Модарон

**Шаҳзода Самарқандӣ**
**(Назарзода)**

2013

Motherland

© Shahzoda Samarqandi 2013

Shahzoda Samarqandi is hereby identified as author of this work in accordance with Section 77 of the Copyright, Design and Patents Act 1988

Cover: Danial Keshani, Kourosh Beigpour
Layout: H&S Media

ISBN: 978-1780833163

All rights reserved. No part of this publication may be reproduced, stored in a retrieval system, or transmitted, in any form or by any means, electronic, mechanical, photocopying, recording or otherwise, without the prior permission of the pulishers.

This book is sold subject to the condition that it shall not, by way or trade or otherwise, be lent, resold, hired out or otherwise circulated without the publisher's prior consent in any form of binding or cover other than that in which it is published and without a similar condition including his condition being imposed on the subsequent purchaser.

Эҳдо ба меҳнаткашони сарзаминам

Модар дар нимрӯзи тобистон канори мазраъа рӯ ба осмон хобида аст. Дар ҳоли ба дунё овардани ман аст. Канораш марди фарбеҳе пасу пеш роҳ меравад ва коре ҳам аз дасташ барнамеояд. Ин райис колхози мост. Дастони модар ба пояи борики як бута печидааст. Дандон ба дандон гузошта ва на фарёде мекашад ва на оҳе дармеорад. Хуб нест дар ҳузури мард заъфи худро нишон диҳад. Аз райис хоста, дар ҳамин давру барҳо бошад, вале наздик наояд. Хуб нест, мардум ҳарф мезананд. Муҳимтар аз ҳама шавҳараш нороҳат мешавад агар бидонад марди бегонае ин лаҳзаи ҳассоси ҳамсарашро дида аст.

Хоҳарам бо гиря мерасад ва ҳарчӣ дар даст дорад назди модар мегузорад. Модар ором дастони худро дароз карда ва дар доман чизеро бо эҳтиёт гирифтааст. Дастмолро

рӯи замин паҳн мекунад ва маро рӯи он мегузорад. Пиразане ҳам лангон лангон аз он сӯи мазраъа мерасад ва бо ёрии райис аз ҷӯйбор мегузарад. Бо ду дасти ларзон ва ба сӯи осмон дароз баланл-баланд дуъо мекунад: “Худои бузургвор, бораҳму ғамхор, ба ин зани бечора қувват деҳ ва ба ин кӯдак умри дароз! Омин!” райис бо абрувони каҷ ва чашмони нороҳат ба пирзан нигоҳ мекунад, ки яъне, ба додаш бирас, зудтар!

Хоҳарам танҳо чизе, ки аз саҳнаи ба дунё омадани ман дар ёд дошт ҳамин буд. Аммо пиразане, ки то ба ҳол дояи ман аст ва аз ман ҳамеша интизори ҳадя дорад, мегӯяд, вақте расидам, дидам рӯи дастмоли сабзе хобидаӣ ва банди нофат ҳануз туро ба модар васл мекард, ангор аз хок руйида бошӣ. Мисли каду! Ба ман лақаби Худрӯй дода буд. Мегӯяд, аввалин бистарат замин ва сақфи руйи сарат осмон буд. Ту ҳеч вақт хонагӣ нахоҳӣ шуд.

Ин пиразан буд, ки ба ман Офтоб ном дод. Хушҳол будам. Офтоб беҳтар аз каду аст, на? Падарам албатта норозӣ буд, вале занон, ки ҳамбастагии бештаре бо ҳам доштанд, ба ҳарфи ӯ гӯш надоданд ва маро Офтоб садо карданд, то номи ман ниҳоятан Офтоб шуд. Ин гуна аст, ки ман ду падар дорам ва ду

модар.

Райис, ки муътақид аст, агар ӯ ба мадади модар намерасид, ман зинда намемондам ва доя ҳам ҳамин идаъоро дошт. Аммо модар мегуфт, ки ман бидуни мадади касе, бидуни ранҷу заҳмати зиёде худро берун кашидам ва аз байни пойҳои модар ба ғуруби офтоб нигоҳ кардам. Модар ҳамеша шоирона ба рӯйдодҳои атроф нигоҳ мекард. Дақиқан баръакси ман. Ман воқеъбинам, мисли падарам. Шояд далелаш он аст ҳеч хушие аз зиндагӣ надидам. Дар мазраъа зода шудам, мисли як каду ва ба троктури кӯҳнаи колхоз саворам карданд ва ба хона оварданд. Хонае, ки модар ҳозир набуд як лаҳза ҳам дар он бимонад. Аз сари субҳ то домани шаб дар саҳро мегашт ва нафасе рост мекард, ҳатто вақте медонист, ки ман дар нимароҳам. Ин ҳам шуд шурӯъи зиндагӣ? Агар одамро шурӯъи сарнавишташ ин бошад, пойинашро худо ба хайр кунад. Албатта бо ҳамин баҳона, вақте бузург шудам, он танҳо троктури колхозро ба ман доданд. Аз байни он ҳама ҷавонмарди тануманд ба ман, ба духтари лоғару зишт супурданд. Идаъояшон ҳам ин буд, ки аз замони ба дунё омадани ман, замин серҳосилтар ва барномаҳои солонаи панба сари вақт иҷро шуда буд. Пойи қадами ман ангор барои

ҳама хушӣ оварда буд, ба ҷуз худи ман…

Сар аз дафтар бармедорам. Ҳудуди чиҳил сол аз ин навишта мегузарад ва тамоми ин муддат модар боре ҳам онро ба бегонае нишон надода буд. То рӯзе, ки марде рус вориди хонаи мо шуд ва ба пиёлаи чойе ки ба дасташ дода будам, нигоҳ кард. Ба пиёла дуру дароз нигоҳ кард ва баъд ба ман, баъд ба модар ва баъд боз ба пиёла. Чойи пиёла доғ буд, вақте як даст рӯйи сина гузоштам ва бо дасти дигар онро ба суяш дароз кардам, оринҷи худро гузошта буд, рӯйи миз ва нигоҳ мекард. Вақте пиёларо ба лабонаш наздик бурд, дигар аз чой бухор барнамеомад. Сард шуда буд чой. Аммо чашмонаш бештар барқ мезад. Пурсид, албуми хонаводагӣ доред? Модар ба ман нигоҳ карду гуфт, “шояд дафтари хотирот бештар ба дардаш мехурад, не?“ Сари худро такон додам на ба маънои оре ва на ба маънои на. Ёдам нест сарамро чӣ гуна такон додам. Бештар шабеҳи ларзиш буд. Гуфт, биоварам. Марди рус ҳамчунон гоҳ ба ман ва гоҳ ба модар нигоҳ мекард. Пиёлаи чой аз ёдаш рафта буд.

Аз ҷой баланд шудам ва сандалиро дубора наздики миз гузоштам, коре, ки ҳеч вақт анҷом намедиҳам. Аммо намедонам чаро

дар ҳузури ин марди рус дасту по гум карда будам. Сандалиро, ки боз дубора бояд рӯйи он бишинам, чаро зери миз гузоштам? Эҳсос мекардам модар ҳам ҳаяҷон дошт. Касе рӯ ба рӯи мо нишста буд, ки бо тамоми вуҷуд ба мо таваҷҷуҳ кунад. Дами дар ба модар нигоҳ кардам. Бароям равшан набуд, ки чаро саргузаште, ки ба падар нагуфта буд, мехоҳад ба ин марди бегона ифшо кунад.

Дар китобхона дунболи дафтари модар гаштам. Дар он ҷое, ки дафъаи охир гузошта будам набуд. Ангуштамро рӯйи ҳамаи китобҳо гузоштам ва талош кардам ба як нуқта тамаркуз кунам. Пайдо накардам. Бо дасти холӣ баргаштам. Ҳануз вориди утоқ нашуда будам, модар гуфт: "рӯйи тахт аст". Нагуфт рӯйи кадом тахт. Аммо рост рафтам утоқи модар. Рӯйи тахти хоби ӯ буд. Аз қабл барнома рехта буд. Дарфтарро варақ задам, ҳама сафаҳот дар сари ҷойи худ буд. Марди рус дафтарро аз аввал то охир варақ зад ва дубора ба ман баргадонд: "Бихон!" Ба модар нигоҳ кардам. Нигоҳаш ором ва ҳатто қаноатманд буд. Аз сафҳаи авввал шурӯъ кардам ба хондан.

Модар нимрӯзи тобистон канори мазраъа рӯ ба осмон хобидааст ва дар ҳоли ба дунё овардани ман аст... Мард дастонашро

баланд кард. Ба ӯ нигоҳ кардам ва бидуни ин ки чизе гуфта бошад, тарҷума кардам. Ба модар нигоҳ кард. Ангор мехост ҳамаи хатҳои рухсорашро бишуморад. Чашм аз ӯ намеканд. “Воқеан?” Модар сар ҷунбонд ва ба китоб нигоҳ кард: “ҳар чӣ ин ҷост, ҳақиқати рузгори ман аст.” Мард аз ҷой бархост ва ба чапу рост қадам зад. Дертар баъд аз ҳафтаҳо фаҳмидам, ки он ҷо ба худ фикр мекард: “бо ин шурӯъ шавад ва... ва баъд...” Ба самти модар тоб хурду пурсид: “куҷост ин мазраъа?”

Аз ҷой бархостам ва пушти сандалиро маҳкам гирифтам. “Ман ҳам медонам! Ҳар сол ду-се бор бо модар онҷо меравам, қадам мезанам.” Модар ба маънои тасдиқ сар меҷунбонад. Ин дафтарро шояд ду нафар бештар нахонда бошад. Модар ва ман аз хонандаҳои доимии он будем. Модар вақте дилгир мешуд, онро ба даст мегирифт ва бахшҳоеро бо ёрии ангуштонаш пайдо мекард ва мехонд. Ва ҳамеша марбут ба модараш буд. Шояд кулли дафтар марбут ба модараш буд, намедонам.

Ангор ҳар сафҳаеро боз мекард роҷеъ ба модараш буд. Ман қисматҳоеро мехондам, ки марбут ба худи ӯ буд. Ҳар бор ҳам ба шоири ҷавон фикр мекардам. Ҳеч вақт

нагуфт, ки шоири ҷавон кист. “Оё ман мешиносамаш? Оё ҳанӯз зинда аст?” Ҳар бор ки пурсидаам гуфта: “шоирест, ки ҷавон аст!”

Дӯст надошт исрор кунам, мегуфт, ин ҳама гузашта аст ва беҳтар аст дар ҳамон тобути замон бихобад. Марди рус омада буд ин тобутро боз кунад.

Модар даври троктури сурх ором-ором роҳ мерафт ва ба филмбардор чизеро тавзеҳ медод. Як дасташ мисли ҳамеша ба пушт буд ва рӯи барҷастагии камараш хобида. Ин ҳолати дӯстдоштаи ӯ буд ва вақте мехост қоматашро рост кунад кафи дастони худро ба камараш фишор медод. Вақте қоматашро раҳо мекард пушти дастро ба камар мегузошт ва ангуштонаш ба сони панҷаҳои паранда ҳангоми парвоз ба ҳам баста мешуд. Пиру пурдард шуда буд модар. Аммо ҳеч ба рӯйи худ намеовард. Шодобтар аз ҳамеша бо гурӯҳи филмбардорӣ мерафту меомад. Дар гирифтани муҷаввиз раҳнамоиашон кард ва дар гирифтани порае аз замини панба барои филмбардорӣ ва троктуреро ҳам аз маркази панба овард дар ихтиёри гурӯҳи филмбардорӣ гузошт.

“Торих бояд бозсозӣ шавад, то маҳфуз бимонад”, мегуфт, ҳар бор ки

мехост аз филм дифоъ кунад. Ҳама дар ҳоли рафту омад ва ҷунбу ҷуш буданд ва ба ҳар касе нигоҳ мекардам бо шавқу завқ кори худро идома медод. Танҳо коргардон ором ва сангин дар умқи манзараи атроф ғўтта зада буд. Гўё соҳиби ҷашни арўсие бошад, ки аз шўриву сахтии пушти саҳнаи он бохабар аст ва ба ҳар гўша, ки менигарад ифодаи чеҳрааш тағйир мекард. Дастонашро ба бозувонаш салибвор мебаст ва ба так-таки мардуми атроф хира мешуд.

Бештари авқот чашм ба ў буд. Ҳар бор ки ба ў менигаристам худнависро тоб медод ва қабл аз ин ки чизеро ёддошт кунад, бо мўйлаби тирарангаш бозӣ мекард. Аввал фикр мекардам пушти ангуштонашро бўй мекунад, баъдан вақте дақиқтар нигоҳ кардам, фаҳмидам, ки дўст дорад бо нўки тези мўйлабҳояш бозӣ кунад. Вақте мутаваҷҷеҳ мешуд, ки нигоҳе ба ў хира аст ва ё аз хаёл сар берун мекашид, даст ба сурати худ мемолид ва мўйлабҳои баҳамзадаашро мураттаб мекард.

Аз ҷой бахостам ва дилу нодилон доманамро такон додам. Майдони панба аз берамақтарин чизе буд, ки шабу рўз аз телевизион медидам. Дар рўзномаҳо дар ҳама фаслҳои сол аз аксҳои сафҳаи аввал

буд. Гоҳе ҳар коноле иваз мекардам ҳама гузорише доштанд аз охирин вазъияти ҷамъоварии панба, миқдори ҷамъоварӣ, суръати ҷамъоварӣ, таъсири обу ҳаво ба раванди ҷамъоварӣ ва ғайра ва ҳоказо.

Панба ин қадар такрорӣ шуда буд, ки дигар на медидамаш ва на ба он фикр мекардам ва на бароям арзиш дошт. Барои дигарон низ чунин буд ангор. Вагарна касе пайдо мешуд, ки бигӯяд "вой, бас аст, басссссссссс!" Вале касе чизе намегуфт ва ман ҳам.

Мавзуъҳои муҳимтаре доштам, ки на ном доштанд ва на нишон. Мавзуъҳое, ки тамоми умр мисли абр дар зеҳнам ҷой гирифта буданд ва на чеҳра доштанд ва нишони зоҳирӣ ва номи мушаххас, ки ба шумо таъриф кунам. Чизе буд шабеҳ ба баҳонаи хубе барои нарафтан дунболи чизҳое, ки боъиси хушбахтӣ буданд.

Модар навишта буд: "панба мисли ноздонаест, ки таваҷҷӯҳи тамоми ҷомеаро ба худ банд мекунад. Аз фарҳангиён то пизишкон, аз донишҷуён то кӯдакони мактабу дабистон, аз расона то ҳунар... ҳама дар ихтиёри равнақу нумӯи ӯ буд. Панба худ ҷомеа буд." Бо ин ноздона танҳо монда будам ва дилам мехост гунаҳояшро байни ду ангушти худ бигирам ва бифишорам.

Дардаш диҳам. Ранҷаш диҳам он тавр ки ба модар дода буд.

Даст дароз кардам ва панбаеро аз чаноқаш берун кашидам, мисли абрешим ғоз шуд. Дубора даст ба ғӯзаи дигар бурдам, “оҳ, оҳ...” нӯки тез ва борики он зери нохунҳоям рафта буд. Дарде сӯзони шабеҳ ба хориш ба тамоми баданам мунтақил мешуд. Мисли заҳри хазанда зери пӯстам ҷой гирифта буд. Ангуштамро ба даҳон бурда будам ва ҷойи захмро зери дандонҳоям фишор медодам. Оромтар мешуд вақте гоз мезадам. Аммо то раҳо мекардам боз месӯхт ва боз таваҷҷуҳ мехост.

Коргардон наздик омад ва гуфт: “чашмони худро бибанд ва бо чашмони модар нигоҳ кун. Тавре ба саҳро нигоҳ кун, ки агар ҳама ҳосил ҷамъ нашавад, мардум белибос, беравған, беҳезум мемонад. Он тавре ки модар шабу рӯз ба он фикр мекунад.” Ба коргардон нигоҳи тунде фиристодам. Дона-дона қадам задам сӯйи дигарон. Дигароне, ки ангор маро дарк мекарданд. Дар тӯли муддати филмбардорӣ суоле дар дил доштам: “чаро панба?”

Таваҷҷуҳи ӯ ба кишти панба шигифтовар буд.. Ӯ дар панба чизеро медид, ки барои ман пинҳон буд. Бо эҳтиёт панбаро мегирифт

ва бӯй мекард. “Ҳммм... буйи барфу борон медиҳад!” Ва ё як каф хокро ба даҳон мебурд ва забонашро дар он фурӯ мекард. Хокро дар даҳонаш чалап-чалап мекард ва нарм-нарм мемакид. Боре гуфта буд: “хоки ин ҷо ба ростӣ бӯйи дарё медиҳад.” Бӯйи дарё?

Қабл аз моҷарои филм вақте ба панбазор нигоҳ мекардам се чизро медидам: осмон, замин ва уфуқ. Ҳар чӣ байни ин се қарор дошт, бароям муҳим набуд.

Ҳоло ӯ байни ин се ҳазорон муҳимоте пайдо карда буд, ки барои ман тозагӣ дошт. Муҳимоте, ки ман на онҳоро медидам ва на бароям муҳим буд. Чизҳои содда ва маъмулӣ, ки бо вожаҳои тоза ва печида аз онҳо ном мебурд ва ҳарф мезад, ки гуё бори аввал мешунидам. Гоҳ дӯстона ва гоҳ хашмгин суҳбат мекард. Талош мекард водорам кунад мисли ӯ бибинам. Мисли ӯ бибинам ва бибӯям. Аммо ҳар кор мекардам панба бӯйи борон ва ё бӯйи дарё намедод.

Аммо кам-кам боварам мешуд, ки мешавад шуғле дошт ва бо шавқ анҷом дод. Шояд аслан бори аввал медидам, ки гурӯҳе шабу рӯз дар саҳрои панба ҳузур дошта бошад, вале саргарми кори дигаре. Ҳамеша вақте аз канори мардуми машғули кор мегузаштам ба ин фикр мекардам, ки шабу рӯз дар ҳоли

таъзим кардан ба замин ҳастанд. Аммо ин гурӯҳ ба дурбин таъзим меоварданд ва ҳар лаҳза дар ҳоли бозу бастани он буданд. Гоҳе рӯйи китф, гоҳе савори худрав аз ин гӯша ба он гӯшаи майдон мебаранд.

Дурбин ва панба мисли ду буте мардумеро ба худ машғул карда буданд. Дастонамро пушти камар халқа карда будам ва ба шеваи модар роҳ мерафтам. Модар аз дур ба сӯям нигоҳ мекард, мисли чароғе, ки намешуд нодида монд. Наздиктараш омадам. Бо лабханд гуфт: Азизам, ин одати пиронсолии ман аст. Дар ҷавонӣ бо қомати рост ва сари баланд роҳ мерафтам. Ба худ фикр мекардам, тақлид ба ҳаракоти модар сахт набуд, ба ҳайкали ман аммо намезебид.

Саҳрои фарохи панба бо хатти оҳан ба ду тақсим шуда буд. Панбаҳои шукуфта мисли барф рӯйи заминро фаро гирифтаанд. Ҳамхати роҳи оҳан коноли обёрӣ лабрез аз оби сурхранге буд ва чанд нафар аз гуруҳи филмбардорӣ кафшҳои гилолуди худро мешустанд. Даҳ-дувоздаҳ хаймаи сафарӣ мисли пинадӯзҳои холдор рӯйи замин нишаста буд. Ду вогуни қадимӣ ҳам канори онҳо дар торикии шаб гоҳ барқ мезад ва гоҳ дар дамои офтоб куҳнатару ранграфтатар ба назар мерасид.  Яке аз вогунҳо барои ман ва

модар буд. Дар гармои рӯз кор мутаваққиф мешуд ва ҳама зери дарахтҳои ҷавони сарв канори конол дароз мекашиданд ва садои гиторе ҳамроҳ бо ҳуштакзаданҳои дастҷамъӣ аз дӯрӣ ба гӯш мерасид.

Вориди вогун шудам ва дафтари ёддошти модарро аз рӯйи тахти оҳанин бардоштам. Ҳар бор сангинтар мешуд ва ҳар бор интихоби ин ки чӣ қисматашро бихонам тӯл мекашид. Гоҳе аслан варақ мезадам ва ба шакли ҷумлаҳо нигоҳ мекардам. Вожаҳо бо меҳр ба синаи варақ дӯхта шудаанд. Диққате, ки барои ҳар кадоми онҳо гузошта таваҷҷуҳамро медуздад ва замон фаромӯш мешавад. Модар ба ҳар коре, ки даст мезад бо ҳавсала ва сабки хоси худ анҷом медод.

Чашмонамро бастам ва таваккалона нохун ба мағзи китоб бурдам: "Хотироти даврони навҷавонӣ" Солҳои пур аз туғёнҳои сӯзанда ва созандаи духтаре, ки дар авҷи шикастанҳои косаву кӯзаҳои урфу одоти маҳаллӣ қарор дорад. Духтаре, ки ба роҳатӣ белу табар ба даст мегирифт, аммо оҷиз аз бардоштани сӯзану дӯхтани дарзи пироҳан аст. Духтаре, ки оташ дар вуҷудаш ҷӯш мезад. Духтаре, ки бояд худро дар қоби шахсияти ӯ ҷо мекардам то замини ваҳширо ром кунам. Аммо чаро мисли ӯ нестам? Чаро коре, ки

модар ба ин роҳатӣ анҷом медиҳад барои ман камаршикан ва ё ҳатто номумкин аст. Дилам мехоҳад, аммо дастонам ангор ҳамоҳанг бо зеҳнам нест. Дастонам дастгири андешаҳоям набуд ва фароварданашон бароям муйяссар намешуд.

Дар ҳафт моҳи дӯрӣ, модар утоқамро ҳамон тавр ки гузошта рафтам, нигаҳ дошта буд. Ҳамон тавре ки дафъаи охир дарро бастам ва рафтам ба майдоне, ки гурӯҳи филмбардорӣ машғули кор буд. Майдоне, ки зиндагиамро ишғол кард. Вақте дунболи муқассир мегардам ҳамеша ба ёди коргардон меуфтам. Коргардоне, ки маро барои бозӣ дар нақши ҷавонии модар интихоб кард. Коргардоне, ки дар тӯли ду моҳи филмбардорӣ тавониста буд шахсияти модарро дар ман ҷой кунад, нақше, ки беш аз ҳама дӯст дошт. Ангор муҳимтарин кашфиёти ӯ дар тӯли зиндагиаш буд.

Зиёд тӯл накашид то филмномаро аз бар кардам. Модар тақрибан ҳар рӯз аз даврони навҷавонӣ ва даврони каҳрамониҳои худ мегуфт. Достоне, ки ба риши рӯзгори ман механдид ва ҳамзамон, ки механдид дар решаҳоям мепечид. Аммо шигифтиам дар он буд, ки чӣ тавр ин марди бегона рӯзгори модарро беҳтар аз ҳамаи мо тавониста буд

мӯйшикофӣ кунад. Рӯзгори занеро, ки тамоми умр набард бо замин дошт...

Вақте филмномаро мехондам ба каҳрамонии ин зан бештар бовар мекардам ва ҳар рӯз бештар ва бештар пайванди худро бо ӯ кашф мекардам. То ин ки нақши ин зан дар рагу паям равон шуд. Зане, ки бори аввал шалвори мардона ба тан кард ва калиди троктурро тобид. Вақте офишҳои таблиғии филм мунташир шуд, дар он акси қадимии модарро дидам, ки калиди бузурге дар даст, як пой бар рикоби троктур бо рухсори шукуфо ва офтобхӯрдаи худ бо ифтихор ба кодр нигоҳ мекард. Истодане, ки ӯро шабеҳ ба асб мекард. Асби пур аз ҷилва ва шукӯҳ. Намедонам ин акси қадимии модар буд ё тасвире аз пушти саҳнаи филм. Филме, ки барои ман ба воқеият табдил шуд.

Модар рӯйи тахти худ дароз кашида буд, пойҳояшро рӯйи ҳам гузошта буд ва дафтари хотироти худро варақ мезад. Гӯй кабутаре руйи дастонаш нишаста ва тунд-тунд бол мезанад. Ин ҳамон дафтарест, ки рангу бӯяш бароям ошност ва мисли кабутаре шабҳои дароз рӯйи дастони худ мегирифтам ва то субҳ байни болҳояш дунболи чизе мегаштам. Модар вақте саргузашташро навишт байни китобҳо

гузошт ва гуфт, “чӣ қадар сабук шудам, ангор ҳамаро рехта бошам берун.” Рост мегуфт. Вақте хотироти худро навишт ангор роҳи нафасаш боз шуд, равон ва бидуни сакта нафас мекашид ва роҳ рафтанаш ҳам дубора сабук ва мавзун шуда буд.

Модар ангор дарахти чанор буд ва сояаш паноҳгоҳи марду зан. Сояе, ки пур буд аз фароғат ва оромиш, пур буд аз кӯдакони урён бо шикамҳои варамкарда, ки ба ҷуз бозӣ ва ғазо нигаронии дигаре надоштанд. Ман дар миёни ин кӯдакон дар домани табиат бо лоғарӣ ва оромии худ як гардан дарозтар будам. Гардане, ки мисли шутурмурғ баланд мемонд, вақте медавидам, вақте менишастам. Сояи модар замини зери поямонро дар гармо хунук ва дар сармо гарм мекард. Ҳайкале дошт бо виқор ва бо шонаҳои паҳну пистонҳои барҷаста. Ҳар чӣ модар дошт ман аз он маҳрум будам. Мисли ниҳоле, ки дар сояи дарахт камрангу нозук рушд мекунад. Дӯст доштам оромиши хаёли ӯро медоштам ва метавонистам байни он ҳама гирифториҳо сари мизи корӣ биншинам ва ба ӯ тақлид кунам. Шаклу шеваи навиштанашро омӯхта будам, аммо рӯҳи вожаҳояшро на.

Вақте менависад вожаҳо хамёза мекашанд,

бедор мешаванд ва ба ҳамдигар ба тарзи аҷибе васл мешаванд. Шурӯъ мекунанд ба роҳ рафтан. Вақте дунболашон мекардам ба нигоҳам мисли бодбодаке баста мешуданд ба риштае беохар. Вожаҳо дар баъзе аз сафҳаҳои дафтар аксеро часбонда буд, ки аз рӯзномае ва ё маҷаллае бурида буд. Аксҳое, ки шабеҳи таҷрибаҳо ва ё рӯёҳои ӯ буд.

Ин аксро беш аз ҳама дӯст дорам. Акси духтарест, ки дар майдони бепоёне медавад. Аксе, ки модар дар самти чап часбонда ва дар самти рост навишта аст. Навиштае, ки ман мисли як шеъри равон ба хотир супурдаам. “Лаби ҷӯйбори борик духтаре медавад бо тамоми қуввате, ки дорад. Оре шабеҳ ба ҳамин духтаре, ки мебинед. Аммо намебинед, ки дар даст қайчӣ ва шишаи арақу ду дастмол дар бағал дорад.” Ба рӯйи акс хира мешавам ва дунболи дастони духтар мегардам то бибинам чӣ дорад. Чизе надорад. Дубора шурӯъ мекунам ба хондан.

Модар навишта буд: “Ин хоҳари бузурги ман аст, ба кӯмаки модарам медавад.” Ҳамеша вақте ба ин саҳна фикр мекунам пӯстам нам мекашад аз фикри ин, ки накунад рӯйи қайчӣ биафтад ва аз ин, ки қайчӣ ҳангоми давидан ва ҳаракати тунди дастонаш гоҳ ба чашмаш ва гоҳ ба шикамаш

наздик мешавад дилам меларзад.

Дилам мехост ўро нигаҳ дорам ва бигўям, ки ором бош, оромтар бидав, гиря накун! Мувозиб бош! Вале ман худ дар ҳоли талош будам. Дар ҳоли ворид шудан ба дунёи хоҳар ва модар, ки мунтазири ман буданд.” Байни дафтари модар навиштае пайдо мекунам ва дастхати худро мешиносам. Борҳо ёдам ҳаст, ки менавиштам ва байни дафтари модар пинҳон мекардам. Намедонам ин ёддоштҳои парокандаро, ки ҳеч вақт сару таҳшон ба ҳам намерасид, дар чӣ ҳоле навиштаам; “Мешавад тундтар роҳ рафт, мешавад тундтар давид, мешавад савори дучарха шуд, савори қатор шуд, мешавад савори ҳавопаймо шуд, аммо тарҷеҳ медиҳам зери дарахте бинишинам ва парвоз кунам. Ба даврони рафта ва решаҳои ояндаро дар он ҷустуҷў кунам.”

Ду баҳор аз ин навишта гузаштааст. Аммо ҳанӯз барои ман гарм ва ошноост ин бастаи коғазе, ки рўйи миз хобида бо он гӯшаҳои аз хушкӣ шикаста ва аз зардӣ ва гардгирифтагӣ ангор пўсти ҳайвонест канда аз гушту устухон. Дафтарро сари ҷояш байни китобҳои ғафси чопҳои даврони шӯравии модар мегузорам ва берун меравам. Модар дар ошпазхона машғул аст. Бе садо дар

ҳоли пӯхтани ғизост. Вақте бидуни ҳеч сару садо дар ошпазхона дуру дароз мемонад, мефаҳмам, ки сахт ба фикр фурӯ рафтааст. Сурфае мекунам то ғофилгир нашавад ва натарсад. Бидуни ин ки сӯям нигоҳ кунад, мегуяд: “Зуд бедор шудӣ. Хуб хобидӣ?” Даст ба камараш мебарам. “Модар, бояд биравам. Дигар наметавонам.”

Дишаб вақте либоси хобашро пӯшид ва рӯйи тахташ дароз кашид, канораш нишастам. Дастонашро гирифтам ва бӯсидам. Гуфт: “Мехоҳӣ биравӣ?” Гуфтам, “бале”. Бояд биравам ва пайдояш кунам.” Чизе нагуфт. Ӯро танҳо гузоштам ва рӯйи тахти худ руйи шикам дароз кашидам ва “Ишқи аввал”-и Тургеневро рӯйи болин гузоштам. Панҷарароро боз гузошта будам, то садояшро бишнавам, агар коре дошт, маҷбур нашавад аз ҷояш бархезад ва суроғи манояд. Аммо садои кафи чӯбини утоқ баланд шуд ва ҳамвазни роҳрафтани сангини модар ғиҷ-ғиҷ кард. Бастае дар даст канори дар воистод ва хис-хиси нафасаш баланд шуд вақте гуфт: “Ин барои туст, аз Наташа.”

Аз ҷой ҷастам ва намедонам китобро канор гузоштам ё ба канор партоб шуд ва ё аслан китобе дар дастам буд. “Аз Наташа!”

Бастаро бо сурати бод боз кардам. Наташа навишта буд: Азизам, намедонам туро бо кадом аз ин номҳое садо кунам, ки дар ин муддати беморӣ барои худ интихоб кардӣ ва намедонам, ки ҳоло туро чӣ садо мекунанд. Ҳар номе дошта бошӣ , фарқе намекунад, ман туро ба унвони як дӯсти ошиқ барои ҳамеша дар дил хоҳам дошт. Ин ҳам навиштаҳои ту, ки мехоҳам пеши ту бошад. Ҳамеша дуъогуйи ту, Наташа. Москов.

Дилам барои дидани ин духтари рус беқарортар шуд. Духтаре, ки тамоми муддати маризӣ бо ман буд ва вақте дастамро ба дасти модар дод ва худоҳофизӣ кард, дигар надидамаш. Бидуни ҳеч шумораи телефон ва ё одресе аз ӯ, даст такон додам ва ӯ низ бо табассуме, ки чеҳраашро меҳрубонтар мекард даст такон дод. Даст такон дод ва қатор ҳам мисли як шутури пир такон хӯрд. Боз ду-се такон хӯрд ва Наташа аз қоби panҷара лағзиду нопадид шуд.

Модар баъд аз ҳафтаҳо муқовимат субҳи зуд дар зада буд ва вориди утоқам шуда буд. Канори тахтам нишаста буд ва даст рӯйи пешонаам гузошта буд. “Маҳтоб, азизам. Агар воқеан фикр мекунӣ ба ин сафар ниёз дорӣ, бирав. Нигарони ман набош. Дӯсту

ошноҳо ҳастанд, дасти танҳо намемонам. Вале қавл деҳ, ки муроқиби худат бошӣ ва зуд баргардӣ.” Посухе намедод вақте мепурсидам: “Наташа кӣ буд, модар? Филм чӣ шуд? Чаро намоиш намедиҳанд?” Ангор худи ӯ низ дӯст дошт бидонад. Бидонад, ки чӣ шуд? Билохира он ҳама дағ-дағаи гурӯҳи филмбардорӣ ва он ҳама таблиғ аз тамошои сартосарӣ дар кишвар ва фаротар аз он ба куҷо рафт? Филме, ки барои ҳар лаҳзаи он раҳнамоям буд ва ташвиқам кард, ба сабурӣ хонд, вақте хаставу дилгир мешудам аз сарзинишҳо ва ранҷҳое, ки дар замон филмбардорӣ ва иҷрои нақш мекашидам.

“Азизам, бибин, як лаҳза сабр кун, биё ин ҷо бишин, ин шарбатро бихӯр ва гӯш кун. Тасаввур кун, ки бори аввал савори троктур мешавӣ , бори аввал аслан троктурро дидаӣ. Мефаҳмӣ? Бори аввал! Троктур ҳайбат дорад, тарс дорад, нигаронӣ дорад. Мисли ҳоло нест, ки зану мард, пиру ҷавон ҳама савори мошину утубус мешаванд ва ронандагӣ кори муъмулӣ ва роҳате шудааст. На! Мисли он даврон фикр кун ин қадар ки эҳсос кунӣ. Мефаҳмӣ, азизам? Тасавур кун, ки ангор бо деве рӯ ба рӯ ҳастӣ! Деве, ки тамоми мардуми маҳал аз садояш ва аз ҷойи пояш метарсанд. Ту ҳам метарсӣ ! Аммо мехоҳӣ тарси худро бишканӣ.”

Масъули грим барои даҳумин бор ба суратам об мепошид, зулфонамро нам мекард ва ба суратам ҷо-ҷо мечаспонд. “Намефаҳмам. Намефаҳмам, намедонам куҷоро иштибоҳ мекунам ва чаро иҷро бад буд.” Дубораaз аввал шурӯъ: панҷ, чаҳор, се, ду, як... Бо тарс ба троктур наздик мешавам. Пойи худро оҳиста рӯйи рикоби оҳанин мегузорам. Иван даст дароз мекунад. Намегирам, дубора талош мекунам савор шавам, намешавад. Рикоб баланд аст. Дафъаи савум поям ба рикоб мерасад ва бо ду даст ва як пой ба троктур овезон мешавам. Пои дигарам ҳанӯз дар замин аст ва метарсам, воқеъан метарсам, ки аз замин канда шудаам. Бо сахтӣ худро ба кобини троктур менишонам. Дастонамро рӯйи фармон мегузорам. Барои панҷумин бор, дақиқан дар ҳамин саҳна коргардон дод мезанад: “На! На! На!”

***

Вақте аз саҳро бо модар баргаштам дигар ба равшанӣ метавонистам ташхис диҳам, ки чӣ чиз моли ман аст ва чӣ чиз моли модар. Баъд аз даъвои ҳисобӣ бо марди низомӣ баргашта будем хона. Аз кафш то исми дӯстонам ва наздикон ҳамаро ба ёд оварда будам. Дилтангии аҷибе барои

дидани дӯстон ва ошноҳо пайдо карда будам. Мегуфт, хеле вақт аст, бо онҳо суҳбат накардаам ва вақте ба диданам омадаанд, худро канор кашидаам ва ба ҳарфҳояшон посухе нadoдаам.

Чеҳраи модар дар офтоб сурх шуда буд ва торҳои рези мӯйҳояш ба даври сураташ часпида буд. Дастонашро боло бурд ва зери бағалашро бод дод. Тамоми муддат бо даҳони нимбоз нафас мекашид ва гоҳе бо лаби пойин нафаси дароз ба рӯйи худ мефиристод. Аз бол задани маҷалае, ки дар дасти модар буд ва худро бо он бод медод, гушвораҳои бухороияш гӯё меҳаросиданд ва ба чапу рост фирор мекарданд. Гушвораҳои паҳн бо ҳафт-ҳашт санги сурх, ки марҷонҳои кучак даврашонро гирифтаанд ва дар қоби қашанги барроқ. Эҳсос мекардам сангиниашонро бар гӯшҳои модар.

Рӯйи ҳавлӣ рафтам. Ба тамоми гӯшаву канори хона ва ҳавлӣ нигоҳ кардам. Ангор аз сафари дуру дарозе баргашта бошам, дару дарвоза фурӯ нишаста ва аз гармову сармо гардан ба дарун кашида буд. Хонаи модар шабеҳи як пиразане бо либоси рангпарида буд ва панҷараҳои кучакаш фурӯтанона ба майдони панба нигоҳ мекард.

Кафшҳоямро бо эҳтиёт аз пой баровардам

ва пойи урён рӯйи асфалти ҷо-ҷо кандаи рӯйи ҳавлӣ қадам задам. Замоне, ки пойи урён берун медавидам, модар дар остона буд ва ба ҳаракоти ман нигоҳ мекард. Аз нигоҳаш метавонистам бихонам, ки фикр мекунад ба ин ки билохира чӣ кӯмак кард то ҳофизаам баргашт? Хайру назр? Порча бастан ба дарахти муқаддаси Ҳазрати Довуд? Ё дуъоҳои шабонарӯзиаш? Шояд тарсе, ки ба ману модар ворид шуд шояд корсозтар аз ҳамаи инҳо буд. Марде, ки вақти худоҳофизӣ ӯро дар оғӯш гирифт ва аз пешонааш бӯсид. Занон ва кӯдаконе, ки дар саҳро дар ҳоли ҷамъоварии панба буданд, даври моро гирифта буданд ва ба духтаре нигоҳ мекарданд, ки ҳамаро дар оғӯш мегирифт ва мебӯсид ва хоки заминро ба чашмонаш мемолид. Ба чашмонаш мемолид ва шукр мекард. Шукр мекарду гиря сар медод ва дасти модари пирашро мебӯсид ва даври худ чарх мезад. Зане аз ҷамъи мардум берун омад ва деги мисиеро байни зонувонаш гузошт ва шурӯъ кард ба овоз хондан: "Сабза то бар хок наяфтад кай ба боло қад кашад, қадри одам ҳам баланд аз хоксорӣ мешавад"....

Хоксорӣ аммо қадри маро боло набурда буд, қадрамро бурда буд зери хоку гӯр карда буд. Ҳамин хоке, ки рӯйи он роҳ меравам ва

гоҳе кафи даст пур мекунам ва мебӯсам. Ва панбае меканам мечаспонам ба гӯшҳоям. Бо шодӣ қадам мезанам ба рӯйи замин ки, "эй хок, эй хок..." Дар саҳрои бепоёни панба канори коноли бузург, ки макони филмбардорӣ мо буд. Саҳнае, ки бори аввал гурӯҳи филмбардорӣ ба маҳали мо омаданд ҳамин канори коноли Пастдарғам хаймаҳои сафарии худро паҳн карданд ва ду вогуни қадимии колхозро ҳам оварданд ва якеро барои ману модар доданд ва дигариро барои коргардон ва се филмбардор. Бақия дӯст доштанд дар хаймаҳои худ ҷойгир шаванд. Аввалин бор буд, ки медидам майдони панба аз якнавохтӣ ва дурафтодагии худ хориҷ шуда буд. Ба ҷойе табдил шуда буд, ки дилам мехост шабу рӯз онҷо бимонам ва аз ин гӯша то он гӯшаи он қадам бизанам. Ба қавли модарам аз насли "сафеддастоне" ҳастам, ки робитаи худ бо заминро аз даст додаанд. Насле ҷавоназада дар гулдонҳои гармхона.

Коргардонро дидам канори коноли об нишаста буд ва гӯй ба чашмони море нигоҳ мекарда бошад ба ҷараёни об хира шуда буд. Шалвори чини ранграфтае дошт ва остинҳои кӯтоҳи пироҳанашро боло печида буд. Айнаки дудӣ овезон бар камарбандаш барқ мезад. Чашмони худро гӯё мехост

бибандад вале пилкҳояш ба ҳам намерасид. Ожангҳои борике аз чоки чашмонаш сар зада, то зери муйҳояш қад кашида ва ба торҳои мӯйи мошу биринҷаш паноҳ бурда буд.

Вақте дид пушти сараш истодаам, аз ҷой бархост ва дасте ба пушти шалвораш бурд ва дасте ба суйи ман дароз кард. Бо ҳамон дасте, ки шалворашро аз гарду хок такон дода буд. Даст дароз кардам. Барои муддати кӯтоҳе дастҳои беҳису ҳарорати мо ба ҳам печида монда буд. Ҳар ду мутаваҷҷеҳ будем, ки дерест даст ба даст мондаем, аммо касе ҷуръат надошт ба он поён диҳад. Дастони фаромӯшшуда тамоми ҳуш ва замонро тасарруф карда буд. Дастамро маҳкам гирифта буд. Он қадар маҳкам, ки вазни дастамро надоштам гӯё раҳо шуда буд дар ҳаво. Лаҳзаҳо гузашта буд то ба нишастан даъват кард ва худ дубора сари ҳамон ҷой ва рӯйи ҳамон хок нишаст. Ин бор садое баланд шуд. Айнаки дудиашро аз камараш гирифт ва ин бару он барашро нигоҳ кард.

Нашикаста буд. Аз камар берун кашид ва дар ҷайби сари синааш рӯ ба берун овезон кард. Канораш нишастам. Бидуни ин ки ба сӯям нигоҳ кунад гуфт, “ин об ба куҷо меравад?” Китфонамро боло кашидам. “Аз

куҷо шурӯъ мешавад?” Ин бор ҳам сар такон додам. Воқеан намедонистам ва ё шояд дар ин бора фикр накарда будам. Фикр накарда будам, ки об ҳам аз ҷойе шурӯъ мешавад ва ба ҷойи дигаре хатм. Ин савол мисли як дона дар зеҳнам фурӯ нишаст, ҷавона зад ва шукуфа зад. Шукуфаҳояш суолҳои нав ба нав таҳвилам дод.

Мӯйлаби тира ва мӯйи пур аз хатҳои сафедаш ҳеч нишоне аз рус буданаш намедод. Бештар гурҷӣ ва ё арманӣ ба назар мерасид. Аммо нигоҳаш пур буд аз ҷарақахои дунёи дигар ва дидаҳои мутафовит. “Беҳтар аст биравам дар ҷӯяҳои панба қадам бизанам ва талош кунам бо чашмони модар бибинам.” Аз ҷой бархостам ва бидуни ин ки мунтазири ҷавоби ӯ шавам рӯ ба саҳро рафтам. Аммо байни ҷӯяҳо роҳ мерафтам ва талош мекардам чизеро бибинам, ки ӯ мебинад. “Чӣ чизи ин саҳро бароящ ҷолиб аст? Чаро панба? Чаро модарро интихоб кардааст?”

Модар рӯйи кати худ дароз кашида буд. Хобам намебурд. Дурусттараш роҳҳои омадани хобро гирифта будам. Мехостам модар бихобад ва ба чеҳрааш нигоҳ кунам. Мисли даврони кӯдакиам, ки дӯст доштам ӯро тамошо кунам. Занонагӣ ва зебоияшро

дӯст доштам. Мехостам мисли ӯ бошам. Шак доштам ба ин ки вақте бузург шавам шабеҳи ӯ хоҳам шуд. Ҳоло ки аз ман интизор мерафт шабеҳи ӯ бошам, ҳар рӯз таъкид мекарданд, ки шабеҳи ӯ нестам. Сахттарин рӯзҳо буд. Модар чашмони кашида ва лабони барҷаста дошт. Мӯйҳои мушкин ва пистонҳои баромада. Ман шабеҳи падарам будам. Мӯйҳои сурхранг ва мужгонҳои беранг доштам. Чашмони дойирашакл ва абрувони маҳвшуда дар пӯсти сафеду сард. Яке аз шабҳои шанбе даври оташ рақсидем. Марду зан, духтару писар бо ҳам даст ба даст дода будем ва мерақсидем. Кафшҳоямро аз пой берун кашида будам.

Пойбараҳна заминро беҳтар эҳсос мекардам. Модар дар гӯшае нишаста буд ва оташ ба чеҳрааш сурхӣ меандохт. Ба мо нигоҳ мекард. Ба ман ва Михоил, ки дастҳои ҳамдигарро гирифта будем ва мерақсидем. Сахт аст ҳамхони мусиқӣ рақсидан вақте дастонатро касе гирифтааст ва маҳкам ба ҷапу рост мекашад ва ту талош мекунӣ ба чашмонаш нигоҳ андозӣ ва аслан чашмонаш пайдо набошад. Бо як такон дастҳо ба ҳам наздик мешуд ва боз як қадам аз ҳам дур. Дубора, ки наздик мешудем сина ба синаи ҳам мерасидем. Гуфт: “медонӣ...” гуфтам “на....” Дур шудем ва дубора наздик. Гуфт:

“ту хеле бокира ҳастӣ.” Дур шудем ва ман аз шунидани ин ҳарф мехостам аслан дигар дастонам раҳо шавад, дигар ба ӯ наздик нашавам. “Бибахшед!”

“Ту ва ҳатто модарат...!”

“Бибахшед!” Дастонамро кашидам. Раҳо накард. Наздик омад: “бакорат ҳамеша ҷинсӣ ва ҷисмонӣ нест.” Ҳамчунон ранҷида ва дар талоши раҳойи дастонам будам. Таконе доду гуфт: “Магар нагуфтӣ бо ту мисли бузургсолҳо ҳарф занам?” Дастонамро кашидам. Маҳкамтар гирифта буд. Баланд хандид. “Бакорат яъне ҳамин. Мефаҳмӣ чӣ мегӯям? Аз урёнии хандааш бештар ранҷида будам то аз урёнии ҳарфҳояш. Шурӯъ карда буд ба маъно кардани ҳарфҳояш. Аммо чизе намешунидам. Чашмонам ба сӯяш тир кашида буд.

***

Вақте ба Маскав расидам рост суроғи ҳамон хонае рафтам, ки одреси он рӯйи нома буд. Хона ангор холӣ буд ва пушти дар пур буд аз баргҳои пойизӣ, ки гувоҳ аз қатъи рафту омад медод. Номаҳои пушти дар парешон буд ва гурбае бо садои маҳзуни худ дилгирам мекард. Дилгир аз он шодӣ, ки дар тӯли

сафари давоздаҳсоатаи худ доштам ва аз Самарқанд то Маскав бо ман буд. Дувоздаҳ соате, ки танҳо метавонистам ба садои тақ-тақи қатор гӯш диҳам ва бидуни ҳеч ангезае ба берун чашм бандам. Чашме, ки бо суръати қатор банде аз он берун мешуд ва ба ҷиҳати муқобил мерафт ва ангор бори қаторро сангинтар мекард. Беқарорӣ дар хунам ҷасту хез мекард.

Бемористонро аз рӯйи одресе, ки модар бароям навишта буд пайдо кардам. Дар яке аз шаҳракҳои канорӣ ва наздики ҷангалзоре буд. Ҷангале, ки дар барф хобидааст. Аз роҳраве, ки мошин ва пиёдаравҳо ба ҷой гузошта буданд, қадам мезадам ва намедонистам, ки эҳсосам чӣ маъно дошт. Гум шуда будам дар паҳнои ин шаҳри бузург ва эҳсос мекардам, ки Наташа сӯзане аст дар ин хирмани мардуми осемасар, ки сарҳо кашида ба гиребонҳо мераванд, медаванд ва бухори даҳонашон ба осмон мепечад вақте нафас берун медиҳанд. Ангор як шаҳр дар ҳоли сигор кашидан аст. Ҳарчи қадар ба бемористон наздиктар мешудам, фикрҳоям мағшуштар буд. Намедонистам, ки сайдам ё сайёд. Намедонистам мастам ё хаста.

Вақте дари утоқро задам, эҳсос кардам, ки худро ба дарёе меандозам, ки мутмайин

набудам умқи он то чӣ ҳад аст. Аммо худро дар оғӯши гарми зане фарбеҳ ва кӯтоҳқомате пайдо кардам, ки тамоси бериъояти бозувони нармаш мисли ҳалқаи наҷот даври гарданам печида буд. Дар ҳоле ки маро дар оғушаш мефишурд гуфт, “медонистам, ки меой!” Гуфтам, “дунболи меҳмонхона гаштам ва чизи муносибе пайдо накардам.” Табассуме карду гуфт, “медонистам рӯзе хоҳӣ омад ва утоқатро бароят нигаҳ доштаам. Аз пушти дар калидеро ба даст гирифт ва маро ба сӯи дар ҳидоят кард. Намедонистам ҷомадонамро бо худам бигирам ё бигзорам дар утоқи ӯ бимонад. Аз нигоҳам пай бурда буд, ки гуфт: “бигир бо худат!”

Дар роҳрави ошно қадам гузоштем ва утоқҳоро як ба як рад кардем. Дами дари шумораи саду дувоздаҳ истод. Гуфт: “мешиносӣ?” Нигоҳамро то тавонистам пинҳон кардам. Ҳадс мезадам аммо намедонистам ё ин ки ёдам намеомад. Вале чизе ба ман мегуфт, ки ҳакикатро пинҳон кунам. Пинҳон кунам, ки аз бемористон ва даврони беморӣ чизи зиёде дар ёд надорам. Оҳиста гуфтам “бале, утоқи 112.” “Бале, утоқи маъруфи саду дувоздаҳ”, гуфт зан ва вақте калимаи маъруфро ба забон меовард, ҷарақае дар чашмонаш

печ хӯрд ва дил зад. Калидро ба дар кард ва тобид. Утоқ гардгирӣ нашуда буд. Бӯйи хушки хок фазоро гирифта буд. Ба даври утоқ нигаристам. Боварам намешуд! Ин утоқе буд, ки борҳо дар Самарқанд хоби онро дида будам ва модар гуфта буд, ки дар Маскав утоқе ҳаст деворҳояш пур аз офтобҳои кӯдаконаи ту. Деворҳои чармин бо офтобакҳои кӯчаки кӯдакона наққошӣ кардаи ман! Офтобакҳое, ки яке чашму абрӯ дошт, дигаре гунаҳои гирду пур. Офтобҳое, ки ҳеч кадом ба хам шабоҳат надошт. Танҳо нуктаи шабоҳаташон офтоб буданшон буд. Офтобе буд гушвора дошт ва чашмони сегуша. Шайтанате дошт дар умқ чашмонаш.

Нина Ивановна канори он рафт ва ангушт рӯйи он гузошту гуфт, “инро беш аз ҳама дӯст дорам.” Эҳсос кардам тамоми лаҳзаҳое, ки бо наққошӣ кардан дар ин дару девор гузарондам дар ман зинда шуд ва мавҷе зад. Хушҳолӣ рушд мекард дар дилам ва пӯсти суратамро мекашид, гӯй дар баданам чарбу об изофа мешуд. “Ҳамон тавр ки буд нигаҳ доштед?” “Бале”, бо ашк дар чашмон гуфт Нина Ивановна. Намедонам чи тавр як “чаро”-и берангу рӯҳе аз даҳонам берун ҷаҳид.

Нина хонум дасте ба китфонам гузошт ва хиҷолат дар нигоҳам пароканда шуд. Хиҷолат аз он "чаро"-е ки ба танҳоӣ наметавонистам барояш ҷавобе пайдо кунам. Нигарон будам аз ин ки шояд чизе ҳаст, ки ҳанӯз бояд ба ёд биёварам. Бо табассум гуфт, "се моҳ аз ту бидеҳкор ҳастем. Ту се моҳ зудтар аз қарор бемористонро тарк кардӣ, вале медонистам ки дар ҳар ду ҳолат ҳам боз дубора хоҳӣ омад." "Дар ҳар ду ҳолат?" "Бале. Ҳам дар сурати беморӣ ва ҳам дар сурати меҳмонӣ. Дар ҳар ҳолате ки ниёз ба ин утоқ доштӣ метавонӣ аз он истифода бикунӣ. Ин ҷо ту ҳеч вақт бегона нахоҳӣ буд."

Сукуте карду гуфт, "то замоне ки ман зинда бошам." Нина Ивановна мудири ин бемористон буд ва солҳост ин ҷоро мудирият мекунад. Аз замоне ки модар бори аввал ба дидани ман меомад, ин ҷо барояш утоқе фароҳам мекунад, бо ҳам дӯст мешаванд. Номаҳояшро модар интизорӣ мекашид. Гоҳе диққат мекардам дар хондани онҳо рағбате надошт. Ҳамин ки рӯйи нома дастхати ӯро медид хаёлаш роҳат мешуд. Оҳи сабуке мекашид. Шояд дар дил мегуфт: "худоро шукр, ки зиндааст." Нина хонум танҳост. Ҳамсарашро аз даст додааст ва фарзанде ҳам надорад. Аммо мисли модар матонат ва сангиние дар рафтораш

ҳаст, ки ангор вуҷуди касро метавонад дар як он зеру рӯ кунад ва бифаҳмад, ки чӣ касе ҳастӣ ва чӣ фикре дар сар дорӣ.

Рост мегуфт, дар ҳар ду сурат ҳам бармегаштам. Ҳатто агар ҳофизаамро ба даст намеовардам, модар маро боз ба инҷо бармегардонд ва ба дасти пизишкон месупурд. Вале ҳоло баргаштаам дунболи чароҳои зиёде, ки бояд мисли тифли навпо дона-дона воқеъяти зиндагии худро кашф кунам. Дар ҳамон утоқе, ки даврони маризӣ бистарӣ будам, маро ҷой дод ва гоҳе бо ҳам шом мехӯрдем. Аммо теъдоди машруб хӯрданҳои баъд аз кор ва сигордудкарданҳои баъд аз ғазо ба маротиб бештар аз он буд.

Менишаст ва аз ину он суҳбат мекард. Суолҳои калидиро хуб мепечид, хуб бастабандӣ мекард ва ҳар бор яке бештар аз гузашта мепурсид. Ҳануз ҷо-ҷоҳое ҳам буд, ки бароям тира буд. Он чӣ суол мекардам ҷавоб медод ва ҳар он чӣ мехостам дар ихтиёрам мегузошт. Аммо дар пайдо кардани Наташа коре намекард ва ё воқеан наметавонист бикунад. Мегуфт, ҷойи дигаре кӯч карда ва хабаре аз ӯ надорад. Аммо қавл дод, ки аз дигар ҳамкорон бипурсад ва касонеро, ки эҳтимолан ӯро мешиносанд ба суроғи ман фиристад. Бештар аз ин ҳам

намешуд аз як инсони хокӣ интизори ёрӣ дошт. Пайдо кардани сарпаноҳ ва оғӯши гарм дар ин сармои зимистони Маскав корест шабеҳ ба мӯъҷиза.

Дар утоқе мустаққар шудаам, ки даврони беморӣ бароям бузург ва тарснок буд ва ҳоло аз тангиву кӯчакиаш дилам ба танг меомад. Утоқе, ки замоне аз сардиҳои рӯҳии ман пур буд ва Наташа мисли офтоб ба диданам меомад ва вақте мерафт торикӣ доман паҳн мекард. Аз худхоҳии худ дилтанг будам, дилгир аз ин, ки модари пирро танҳо гузошта будам ва дунболи Наташа роҳ афтода будам ба кӯчаву хиёбоне, ки муаррифӣ мекарданд ва ё эҳтимол медоданд он ҷо бошад.

Вақти худоҳофизӣ модар гуфта буд, ӯ ҳеч вақт ошиқ нашуда ва ман, ки онро

таҷриба кардаам, бояд биравам ва пайдо кунам. Модар истеъдоди аҷибе дар урён кардани ҳақиқат дошт. Аз ҳақиқат наметарсид. Аз ишқ меболид. Модар буд, ки бори аввал канорам нишаст ва гуфт: “Фикр кунам ошиқ шудаӣ”. Ман дар банди нафрат ва озурдагӣ аз Михаил ҳеч боре ҳам диққат накарда будам, ки тамоми гирифтории зеҳниам чӣ гуфтан ё нагуфтани ӯ буд. Аз меҳрубониаш сар ба осмон мекашидам ва аз тундиаш асабонӣ ва беқарор мешудам.

Ин даргириҳои рӯзонаро ҳеч боре ишқ наномидам. Аммо шояд душмане буд, ки бидуни ҳузураш мубориза, ки ба рӯзгори ман табдил шуда буд, маъно надошт. Модар даст ба ошиқи печон бурд ва аз даври панба ҷудо кард ва ниҳоят аз реша берун кашид ва қоматашро оҳиста боло кард. Гӯйи садои қайчӣ аз камараш баланд шуд. Сураташро ба ҳам кашид ва зуд раҳо кард. Даст ба дастам гузошт. "Ин ошиқи печон аст ва ҳамеша дӯст дорад бар қомати панба бипечад ва ҳамнабз шавад. Ҳар ду дар канори ҳам хуб рушд мекунанд, сабз мешаванд, аммо шукӯфа намезананд ва самар намедиҳанд." Ба он сӯи ҷӯй ишора мекунад." Бибин, дар дурӣ аз ҳам гул меандозанд ва пурсамар мешаванд. Шояд мехоҳанд таваҷҷуҳи ҳамдигарро ба даст оранд зебоии худро ба намоиш бигзоранд, намедонам. Вале дар канори ҳам танбалона ба таровати ҳамдигар ғарқ мешаванд то зимистон аз роҳ бирасад ва ҳар ду бо ҳам хушк шаванд."

Модар достони ин рустаниро мегуфт ва ман ба худ фикр мекардам, ки оё Михаил, ки онҷо чанд қадам дуртар аз мо филмбардорӣ мекунад, ҳарфҳои моро мешунавад ё на. Оё мутаваҷҷеҳ аст, ки модар асрори ду гиёҳро ба ману ӯ шабоҳат медиҳад. Оё мебинад, ки ман имрӯз либоси сафед ба тан кардаам ва

бод гоҳе аз гиребонам сар мезанад ва гоҳ аз доманам берун меравад? Оё мутаваҷҷеҳ аст, ки мо ҳар ду либоси сафед ба тан кардаем.

Пироҳани сафедаш аз бод пуф кардааст ва такон мехӯрад. Гӯё фонусе бошад дар шаби торик офтобвор дил мезад. Саҳро бо сахтӣ нафас мекашид. Рангҳои торикӣ мурда буд ва равшанӣ ғалаба дошт. Баракси утоқи бемористон, ки равшаниро кушта буд ва тирагӣ ҳукмфармо. Деворҳо пур аз навиштаҳои партобшуда бар сару рӯйи мубли утоқ ва пӯсти мизу сандалӣ нақшҳои кӯчаки офтоб фурӯ нишаста буд. Офтобҳои ҳаккокӣ шуда ба сабки кӯдакона ва ибтидоӣ. Офтобакҳои хира ба ҳузни дару девор. Чаҳор девори нарм ба сони чаҳор бозӯи холкӯбишуда буд.

Ба Наташа фикр мекардам, ба он рӯзгоре, ки канори мани бемор менишаст ва дафтари хотироти модарро бароям мехонад. Вақте канори тахт менишаст, нигоҳамро мефиристодам ба сайри бару гӯшу синааш, ғарқ мекардам дар ранги обии чашмонаш ва берун мекашидам ва меандохтам дар торҳои зулфони тиллоиаш ва боз овезонаш мекардам ба гӯшвораҳояш ва баъд боз ба тори борики зулфонаш. Тори зулфоне, ки аз рахнаҳояш мешуд нури берун аз панҷараро

дид.

Рӯйи тахт дароз кашида будам ва ба даврони бемории худ ғарқ. Вақте Самарқанд будам гӯё ҳама чизро дар ёд доштам, аммо ҳоло дар ин утоқ, дар ин роҳравҳои тангу турши бемористон, ки қадам мезанам, гоҳе эҳсос мекунам, ки бори аввал ин ҷо омадаам, бори аввал ин дарро боз мекунам ва бори аввал ба ойинаи роҳрав нигоҳ мекунам. Шаб то субҳ ҷумласозӣ кардам, ки бояд чӣ гуна бипурсам? Чӣ гуна хоҳиш кунам, ки ба бойгонии бемористон роҳ ёбам. Бойгонии наворҳои дурбини амниятӣ. Ҳамине ки болои сарам, рӯйи дари утоқ ба ҳамон сурати қаблии худ чашм ба ман аст.

Даст ба девор мебарам. Нарму чармин аст. Чарме, ки бо меххҳои сафед ҳар як ваҷаб дар миён ба девор кӯфта шудааст. Чарме, ки пур аст аз дастхату наққошиву навиштаҳои ман ва офтобҳои кӯчак ба шеваи кӯдакон. Дойира, хат-хат даври он. Дақиқан ба ҳамин шевае, ки бо кӯдакони ҳамсоя рӯйи хоки кӯча бо ангушт мекашидем ва рӯйи он роҳ мерафтем то хок соф шавад ва боз дубора дойира ва хат- хат...

Рӯйи девор чандто аз барҷастагиҳои чарм пур аз сӯрох буд. Ангушт ба сӯрох мебарам. Бо чизе нарм сӯроххҳоро пур кардаанд. Бо

нӯки ангушт берун мекашам. Панба аст. Панбаи зардранге, ки бӯй гарду хоки ошно медод. Ба ёди ҷой хобҳои модарбузург меафтам, ки пур аз панбаҳои сафеде, ки худ бо дастони пиру ларзонаш тамиз карда буд ва ҷойхобҳои нарме дӯхта буд. Ҷойхобҳое, ки вақте рӯйи онҳо дароз мекашидам бӯйи саҳро ва гармои офтоби тобистон медод. Бӯйи меҳнат. Модарбузург мегуфт, инҳо бӯйи ватан аст, бӯйи зиндагӣ ва зинда будан.

Зане камарғафс ва хандон вориди утоқ мешавад. Даст ба сӯйи чапи дар мебарад ва бидуни ин ки ба он нигоҳ кунад, чароғро мепечад ва нур пахш мешавад дар саросари утоқ. Яке аз он чанд чеҳрае, ки вақти маризӣ бо лабханд вориди утоқ мешуд ва даст бар гунаҳои обёришуда берун мерафт. Ҳоло беҳтар мефаҳмам, ки чаро муҳаббатҳояшро бо нафрат ва тардид ҷавоб медодаам. Фаҳме, ки тамоми вуҷудамро пур аз нишонаҳои шарм карда ва нигоҳамро ба ин сӯву он сӯ фирор медод.

Наздик меояд ва китфонамро дар оғӯш мегирад. Аз ҷой баланд мешавам ва дар ҳоли чидани маънои чеҳрааш ман ҳам оғӯшамро барояш боз мекунам. “Худоё номаш чӣ буд?” “Хушҳолам мебинамат!” Дар як мижа задан худро дар оғӯши маҳкамаш пайдо

кардам. Ҳамон тавр ки маро дар оғӯши барҷастагиҳои шикамаш ноҳамвор нигаҳ медошт, гуфт: “ин ҳама муддат дар фикри ту будам. Медонистам рӯзе бармегардӣ. Медонистам! Духтари ошиқ!”

Дар ҳамон ҳолате, ки байни пистонҳои гармаш фурӯ рафта будам, шонаҳояшро ду се бор ба ақиб дод ва ҳар бор поям аз замин канда мешуд. Дастонам дар фурӯрафтагии хати синабандаш бо нармӣ хобида буд. Вақте оғушаш боз шуд ду се бор дакка хӯрдам ва зуд худро рӯйи пойҳоям нигаҳ доштам. Аз роҳатии ӯ завқ мекардам дар ҳоле ки ба худ лаънат мегуфтам, ки чаро номашро дар ёд надорам. Аз сар то поям нигоҳ мекард ва ин бор бо як даст маро ба худ меҳрубонона мефишурд. Оғушаш дигар бӯйи тараҳҳум намедод. Гуфт: “хушҳолам, ки худро ба даст гирифтаӣ!”

Аз замоне, ки шифо ёфтаам, беҳтар метавонам ташхис диҳам. Беҳтар метавонам бибинам, ки меҳрубонии русӣ ранг, бӯй ва таъми дигаре дорад. Меҳрубоние, ки хориҷ аз расму одат аст ва зуд сироят мекунад. Исмаш ёдам набуд ва як лаҳза тарсидам, ки накунад дубора дучори фаромушӣ шуда бошам. Мустақим рафтам сароғи матлаб. “Мамнунам аз ин ҳама вақту муҳаббат ва ин

ки дар ин сармо дидани ман омадед. Кош битавонед боз ҳам як бори дигар кӯмакам кунед.”

Зан мутаваҷҷеҳ шуда буд, ки нигоҳҳоям мавҷ мезананд ва ғарқи пайдо кардани сарнахи сӯҳбат ҳастам. Қомат рост кард ва гуфт, ”ман ҳамшираи тиб, масъули ин утоқ будам. Агар дар ёд дошта бошӣ ва... ва ё ба ёд оварда бошӣ. Ёдат ҳаст? Замоне, ки ин ҷо бистарӣ будӣ, тақрибан ду-се бор дар ҳафта меомадам диданат.” Бо ин ки исмаш ҳанӯз ёдам наомада буд, ҷасуртар шудам ва бори дигар ташаккур кардам ва даст ба бозувонам бурдам, то ба чизе такя карда бошам. Гӯи маҳкам аз гардани шарм гирифта бошам, ки рӯй-рӯйи пӯстам медавид ва араќи сарде ба сару рӯям мерехт.

Ангуштонамро фурӯ бурдам ба бозувонам. Эй кош, мешуд раги шармро мисли як анкабут бо як ҳаракат аз худ дур кард. Садоямро пур кардам аз таъми умед ва пурсидам: “метавонед боз ҳам кӯмакам кунед? Дунболи Наташа омадаам, мехоҳам бибинамаш.” Дастамро аз бозувонам гирифт ва байни дастонаш гузошт. Навозиш кард. Навозише, ки ба дастонам маънои гунге мунтақил мекард. Ба чашмонам нигарист ва бо оромиши таскиндиҳанда гуфт, “барои

ҳамин омадаам. Ҳатман ҳар коре, ки аз дастам омад анҷом медиҳам барои ту.” Табассумаш ба ифтихори хафифе омехта шуд вақте аз кифи худ аксеро баровард ва ба дастам дод. Аз пешонаам бӯсид.

Як дона ашк аз мижгонаш раҳо шуда буд ва аз хатҳои сураташ пойин мелағзид. Мутаваҷҷеҳ набудам, ки нигоҳам дар пойи он қатра печида аст ва дунболи он роҳ афтодааст. Бо сар ишора кард, ки ба акс нигоҳ кунам. Духтари лоғаре бо чашмони обӣ ва либоси обиранг ва худкори сиёҳрангеро байни дандонҳои худ меҷавид. Нигоҳаш мисли рубоҳбачаи тарсида ба дурбин часпида буд. Пушти сараш ҳама ҷо пур буд аз навишта. Рӯйи девор, рӯйи доман, рӯй тахт, рӯй зонуву дастонаш... пур буд аз навиштаҳои бе сару таҳ ки шабоҳат ба холкӯбӣ дошт ва тамоми акс аз он пур буд. То ҷое ки агар бо духтар ошнойи надоштӣ наметавонистӣ бифаҳмӣ, ки аввал навишта буданд ва баъд акс гирифта буданд ва ё акс гирфта буданд ва баъд навишта буданд.

***

Салом. Номат ёдам рафта дубора. Мебахшӣ. Нигарон шудам, наомадӣ имрӯз. Умедворам фардо биёй. Бибахш дирӯз

ҳолам хуб набуд ва натавонистам сар аз болин биканам. Ёдам нест чиҳо гуфтӣ. Шояд гуфтӣ имрӯз намеой. Шояд ҳам гуфтӣ, ки дигар намеоӣ. Дуо мекунам, ки ҳеч кадом набошад ва вақте чашм боз кардам, канорам нишаста бошӣ." Варақ мучола шуда аст. Шояд зери болин гузоштаам ва ё зери матрас. Мисли дигар варақҳои даврони маризӣ. Аз ҷой баланд мешавам ва дар зерзамини бойгонии бемористон қадам мезанам. Навор ҳамчунин дар ҳоли пахш аст. Шояд савумин наворро нигоҳ мекунам. Аммо саҳнаҳо шабеҳи ҳаманд. Ба давроне фикр мекунам, ки бо Наташа худоҳофизӣ кардем ва модар дасти маро сахт фишурду гуфт," ба ин духтар то зинда ҳастем қарздорем."

Ба навор нигоҳ мекунам. Наташа дубора канори ман рӯйи тахт нишастааст ва ба ман нигоҳ мекунад. Ман худкор дар даст рӯйи коғаз хира мондаам. Мегӯяд, "ман Наташа ҳастам. Ту?" Духтар бо лабханд мегӯяд," бале, Наташа! Чи тавр ҳар бор ёдам меравад, намедонам." Ҳеч вақт мутназир намемонад, ки исмашро ба ёдам биоварам. Хуб менависӣ, бештар бинвис. Духтар ташакур мекунад аз ин ки барояш варақу худкор оварда ва бидуни ин ки ба чашмони Наташа нигоҳ кунад мегӯяд, "чанд муддат

аст, ки метарсам.”

Сукут. “Аз чӣ метарсӣ?” Дастонамро мегирад. “Аз ин ки рӯзе бедор шавам ва навиштан ҳам ёдам рафта бошад, метарсам.” Дастонашро ба сӯйи гушаш мебарад ва бо он бозӣ мекунад. “Дишаб нахобидам ва ҳамаи исми афроде, ки ёд доштам навиштам.” Ва навиштаҳоеро аз зери болин берун мекашад ва ба дасти Наташа медиҳад. “Мешавад инҳоро бо худат бибарӣ? Инҷо медузданд.” Наташа коғазҳоро аз дасти духтар мегирад ва мураттаб мекунад. “Бароят амонат нигаҳ медорам ҳамаашро вақте хуб шудӣ бармегардонам. Нигарон набош. Мешавад бихонам?” Духтар сар такон медиҳад. Наташа аввалин коғазеро, ки дар дасташ буд бо садои баланд мехонад: Хеле вақт аст ки ин ҷоям. Дар ин утоқи чаҳорметрӣ бо як панҷараи рӯ ба боғча ва як дар, ки ҳеч вақт дӯст надорам аз он берун равам. Аз роҳрави борику торик метарсам. Метарсам вақте фарошзани фарбеҳ аз канорам мегузарад ва маро намебинад. Ангор ман вуҷуд надорам.

Наташа аз хондан боз меистад ва даст ба шонаҳои духтар мегузорад. Аз навор чашм меканам ва талош мекунам он рӯзҳоро ба ёд оварам. Он рӯзҳое, ки воқеъан метарсидам ва танҳо чизе, ки хуб ёдам монда эҳсоси тарс

аст. Аммо тарс аз чӣ? Намедонам.

Ба девор мечасбам ва қомати хамидаи худро оҳиста рост мекунам. Чашмонам зани фарбеҳро дунбол мекунад то ҳарчӣ зудтар ба яке аз ин дарҳои бешумор ворид шавад ва ғайб занад. Он вақт пойҳоямро комил ба замин мегузорам ва... ва фикр мекунам, ки чаро аз утоқам берун омадам. Куҷо мехостам биравам? Ҳар касеро дар ин роҳрав мебинам ангор маро мешинохт, вале ман чаро касеро намешиносам? Ангор мардуми ин ҷо ҳар рӯз чеҳраву қиёфа тағйир медиҳанд ва ё ин қадар шабеҳи ҳаманд, ки ман ҳамин ҳоло низ дуруст наметавонам исмҳояшонро ба ёд биоварам. Наташа ҳар дафъа, ки вориди утоқ мешавад худро барои ҳазорумин бор муаррифӣ мекунад. Вақте мепурсам "хаста намешавӣ?" Бо ҳамон нигоҳи маъсумонаи ҳамешагии худ мегӯяд," на, аслан; ман, ки намедонам чи чизе ёдат мемонад, пас беҳтар аст риъоят кунам."

Абруҳояшро мисли ҳамеша ба ду тараф мекашад, ки маънои сураташро наметавонӣ ташхис диҳӣ. Намедонӣ, ки дар он лаҳза туро масхара мекунад, аз дастат хаста аст ва ё дилгирии худро бо сахтӣ пинҳон мекунад. Ҳамеша табассуме ҳам ба он мечаспонад, ки ба ҳарфаш бовар кунед. Духтари аҷибе аст,

Наташа! Дирӯз ҳам зани дигаре диданам омада буд ва бо шодӣ кифи плостикиеро дастам доду гуфт, “медонистам рӯзе хоҳӣ омад ва инҳоро нигаҳ дошта будам.” Бидуни ҳеч интизорӣ ва ё ҳадс задан онҳоро боз кардам. Ду рӯйи ҷойи сафеде буд пур аз навишта. Навиштаҳое, ки бо сахтӣ мешуд хонд. Руйи ҷойе, ки канори тахти хоб паҳн карда будам ва дуру дароз ба он нигоҳ мекардам, то боварам шавад, ки ин дастхати ман аст ва ман рӯзе дар ҳолате бароям бегонаву но ошно инҳоро навиштаам. Аз рӯзгоре навиштаам, ки моли ман нест.

Субҳи он рӯз Нина Ивановна дар зад. Рӯйи тахт дароз кашида будам ва намедонистам чанд соат хобидаам ва ё аслан хобидаам ё на. Либосе, ки як ҳафта пеш бо он вориди бемористон шудам, ҳанӯз дар танам буд. Шалвори ҷин ва зершалворе, ки гӯё ҳар рӯз тангтар мешуд. Тарс аз сармо раҳоям намекард. Метарсидам сармо бихӯрам ва дубора бандитахту инутоқи дилгиркунандаи бемористон шавам. Бемористоне, ки бароям хотираҳои кобусолуда ба ҷой гузошта буд. Кобусҳои саркашида аз дафтари хотироти модар ва ҳакшуда бар дару девори ин утоқ. Утоқи кӯчаке, ки ҳатто агар мехостам ҳам наметавонистам мураттабаш кунам. Рӯйи миз пур буд аз варақҳои парешон.

Рӯйи кафи утоқ бо як сандалӣ канори миз ва ҷомадони кӯчаки сафарии ман, ки аз рӯзи аввал то ҳол бо дари боз ва чанд дона либоси парешон ва як миқдор васоили оройиш гӯшае хобида аст. Ду се шалвори расмӣ ва кифи худро пушти дар овезон кардаам. Ду дастмоли обии худро ҳам гузоштаам рӯйи дастони тахт. Канори панҷара гулдони сегӯшае мунтазири гул аст. Ду ҷуфт кафши худро ҳам гузоштаам зери тахт ва куллан эҳсоси зиштӣ ва беҳудагӣ доштам. Беҳудагии гаштан дунболи духтаре, ки агар дӯст дошт худ паёме аз худ медод ва ё одреси худро назди ин ҳама мардуми меҳрубон мегузошт. Эҳсоси ин ки Наташа дигар намехоҳад маро бибинад. Эҳсоси ин ки чаро дар он нома аз худ nанавиштааст? Эҳсоси ин ки чаро ин ҳама пӯшидааст рӯзгораш, маро ноумед мекард. Маро водор мекард, ки даст бишӯям ва баргардам ва бо модари пир ва пур аз савол ваояндаамро низ бар ҳадар надиҳам.

Бо ин ҳама афкори дарҳам печида ва маъюскунанда рӯйи тахт дароз кашида будам. Танбалии сангине дар баданам бод мекард ва маро маҳкамтар ба тахт фишор медод. Аз он рӯзҳое буд, ки гӯйи ҳеч чизи дунё арзиш надорад ва танҳо печидан дар тахти хоби гарм ғанимат аст. Дилам мехост

дарро боз накунам. Пушти дар рафтам, ба умеди ин ки Нина хонум ҳарфашро пушти дар бизанад ва биравад. Каме сабр кардам. На, дубора садо зад ва исмамро тавре ба забон овард, ки ангор мегуфт, медонам ҳамин ҷойи дарро боз кун. Агнор каси дигаре ҳам дар утоқ бошад, дарро бо эҳтиёт ба андозаи паҳнои як китоб боз кардам, ки нигоҳаш ба дохили утоқ роҳ наёбад. Дар даст номае дошт, вале гуфт, “мешавад ба утоқи ман биоӣ? Корат дорам!”

Утоқаш рӯ ба тулӯъи офтоб буд ва равшаноии нарме дошт. Рӯйи миз гулдони қирмиз пур буд аз як даста гули сафеди мехак. Пушти мизи кории худ нишаста буд. Аз ҷой бархост ва аз пушти миз берун омад. Номаеро аз рӯйи миз ба даст гирифт. Ҳадс задам ҳамонест, ки соати пеш дар даст дошт. Гуфт, “ин муҷаввиз барои истифода аз бойгонии бемористон аст.” Гул-гул гунаҳоям шукуфт. Ҳоло метавонистам ба тасвири даврони бемории худ дастрасӣ дошта бошам ва ба худ нигоҳ кунам ва гиреҳ аз гиреҳи зеҳнам боз шавад ва зеҳни хаставу хокистарии ман ҳам равшан шавад. То имруз ҳар чӣ навишта ва ҳар чӣ акс аз ман ва ё Наташа доштанд дар ихтиёрам гузошта шуд. Навиштаҳое, ки тамоми ҳафта байнашон парса задам ва дона-дона

хотироти худро ҷудо кардам.

Ҳофизаам ангор ҳама баргашта буд, аммо беназмии аҷибе дошт ва танбалии шадиде дар зеҳнам хона карда буд. Беназмии пур аз дилтангӣ ва муштоқӣ. Аммо воқеият ин буд, ки аз аввал чизи зиёде намедонистам ки фаромӯш карда бошам. Ҳадди ақал бар бораи Наташа. Инро замоне фаҳмидам, ки вақте аз нишасти кормандони бемористон баргашта будем. Нина хонум дасти маро гирифт ва гуфт, “нигарон набошам. Ҳар чӣ мехоҳӣ бипурс.” Дилам мехост аз Михаил бипурсам. Аммо гуфтам, “аз Наташа бигӯ. Ҳар чӣ аз ӯ медонӣ.”

Дастонамро гирифт. Ба чашмонам нигоҳ кард ва гуфт, “духтари хубе буд. Намедонам чаро якбора ғайб зад. Вале духтари хубе буд. Ҳеч вақт ба муҳаббатҳои кардааш шак накун. Туро дӯст дошт.” Боз як “чаро”и маъсумонае аз даҳонам берун ҷаст. Чарое, ки шояд маъсумона нест, вале ман онро бо шевае талаффуз мекунам, ки ангор чизе пушти парда надорад, чизе, ки гӯйи мехоҳад чизеро кашф кунад. На. Чарое, ки ҳамеша аз модар мепурсидам вақте достоне таъриф мекард. Чарое, ки танҳо мехост идомаи достонро пайдо кунад.

“Намедонам,” оҳе кашид Нина хонум.

“Шояд ба хотири ин ки медонист чӣ мекашӣ... Онҳо ҳам бо ҳам кор мекарданд. Наташа кори тадвинро анҷом медод. То ҷойе, ки медонам тадвингари филми охири Михаил буд, ки нотамом гузошт ва ҳафт моҳ аз ту парасторӣ кард.” Ман намедонистам чӣ мекашидам. Ин дафъа чароҳои гунге дар чашмонам ҳалқа зада буд. Дастонамро маҳкамтар гирифту гуфт, ”ў ҳам ошиқ буд.” Задам зери гиря. “Нина хонум! Ёдам нест, вале ҳадс мезанам, ки дилам барои чизе танг аст. Ҳадс мезанам, ки дунболи чизе ин ҷо омадаам. Аммо намедонам.” Оби димоғам роҳ афтода буд вале намехостам дастамро аз кафи дастонаш раҳо кунам. Суратамро ба китфонам фишурдам.

“Азизам, духтарам, хуб аст, ки ёдат нест. Роҳи бунбастеро интихоб карда будӣ. Вале бигзор аз Наташа бигўям. Наташа ошиқи Михаил буд. Ҳама ошиқи Михаил буданд, танҳо ту набудӣ , азизам. Ман ҳам агар ҷавон будам ошиқи ў мешудам. Марде буд кас канораш амнияти амиқе эҳсос мекард. Таваҷҷуҳи гирое дошт ба ҳар кӣ давру бараш буд. Наташа девонавор дўсташ дошт вале талош мекард фосила бигирад.” “Чаро? Михаил зан ва ду фарзанд дошт ва бо он, ки дўстошон дошт бо касе аз онҳо сўҳбат намекард ва каси зиёде ҳам намедонист,

ки ӯ маҷаррад нест. Рӯзе, ки дидани ман омад, харчи бемористонро пардохт ва як миқдор пул ҳам пеши ман гузошт, ки агар лозим шуд, харҷ кунам ва дар муъолиҷа ҳеч нигарони пардохт набошам...

Рӯзе, ки модаратро даъват кардам, дубора омад ва дар ҳоле, ки ашк дар чашмонаш ҳалқа зада буд, пеши модарат зону заду гуфт, мехост қадрдонӣ кунад, ҷафокорӣ кард дар ҳақи шумоён....Модарат зани фаҳмидаест, барои ҳамин аст, ки дӯсташ дорам. Медонӣ чӣ гуфт? Гуфт, ҳар кӣ бояд интихоби худро дошта бошад ва бояд озодии кофӣ барои интихоб дошта бошад. Интихобе, ки на ҳамеша бо интихоби дигарон ҷур дармеояд ва ба нафъи мост." Нина хонум бо ин ҳарфҳо гиреҳҳоеро дар зеҳнам боз мекард ва гиреҳҳоеро печидатар. Ашкрезон медавидам аз ҷӯй ба ҷӯйи дигар ва ба ҷуз сафедии панба пеши роҳи худро намедидам. Ногаҳон шабаҳе аз дур пайдо шуд. Сояи троктур буд. Бидуни ин ки фикр кунам ҷастам ва фармонро ба даст гирифтам. Садои ғул-ғулаосояш баланд шуд. Мехостам баландтар бошад, мехостам мунфаҷир шавад. Мехостам ҳамаро огоҳ кунам, ки хиёнат дидаам. Дурӯғ. Дурӯғ? На. Ба ман, ки дурӯғ нагуфта. Ба ман чизе нагуфта. Нагуфтани ҳақиқат дурӯғ аст.

Пинҳон кардани ҳақиқат дурӯғ аст!!!

На, бовар намекунам, ки ин ҳама бетаваҷҷуҳӣ далел дошта. Бовар намекунам, ки ман ин қадар кӯр ва хом рафтор кардаам. Дил ба чӣ гарм кардаам? На, боре гуфта буд, ки дӯстам дорад. На, як боре гуфта буд. Пас ман чаро ин ҳама худро ғарқ кардаам? Чаро касе ба ман чизе нагуфтааст? Чаро касе ба ман нагуфта мутааҳил аст. Каси дигареро дӯст дорад! Чаро ин ҳама дил бастам ба марде, ки боре ба ҷуз кор ҳарфе назад. Боре ҳам ҷуръат накард, ки аз воқеъият ҳарф бизанад? Ҳоло чаро аз воқеъият фирор мекунам? Куҷо? Троктур ба лаби дарё расида буд. Фаромӯш карда будам куҷоям. Фармонро раҳо карда будам ва замин бо шебу хами худ троктурро ба домани дарё оварда буд. Ин танҳо саҳнае аст, ки аз рӯзи охири филмбардорӣ дар ёд дорам. Дар ёд дорам, ки баргаштам ва ба мардуме нигоҳ кардам, ки даст такон медоданд ва садои онҳоро намешунидам.

Гӯшҳоям қуфл зада буд. Намешунидам, ки Нина хонум чиҳо мегуфт. Дастонашро маҳкам гирифтам. Лаб ба лаб гузошт ва сукут кард. Атри ошноӣ ба машомам расид. Қалбам тундтар метапид. Ба атроф нигаристам касе набуд. Ин ҳамон атре буд,

ки вақти ғуруб даври оташ ангуштонашро ба ангуштонам гиреҳ карда буд ва гоҳ наздик ва гоҳ аз ҳам дур мешудем ва ҳар бор, ки сина ба синаи ҳам мезадем ин атр аз гиребонаш фавора мезад. Дасту поям суст мешуд; Масту шефта ва бечора будам. Ранҷ мебурдам аз ин ки зуд бояд ин гиреҳи ангуштонро боз кунем ва ду сӯи оташ биншинем ва ба нигоҳ қаноат кунем.

Муҳим нест, Нина хонум. Муҳим муҳаббат ва рӯзҳои хушест, ки гузашт. Мехоҳам бибинамашон. Ҳар дуяшонро бибинам. Намедонам чаро ҳик-ҳик гиря мекард вақте мегуфтам, "ҳар дуяшонро" ҳам. Сар такон дод, намедонам. Кош медонистам куҷоянд. Худам ҳам муштоқи дидорашонам. Ним соат гузашта буд ва дар утоқ худро машғули роҳ рафтан нигаҳ медоштам. Аз ин гӯша ба он гӯша. Дилам мехост, дар саҳрои бепоёне рӯ ба уфуқ бидавам. Марди тануманде дар зад, аммо вориди утоқ нашуд. Дарро нима боз гузошта будам, интизори масъули бойгонии бемористон будам, ки Нина хонум суроғам фиристода буд.

Шоли пашмини худро рӯйи даст овехтам ва аз дар берун шудам. Ба мард даст додам ва ташаккур кардам. Аз роҳрави борик ба

сӯйи дар ҳидоят кард ва бо лабханд гуфт: “хушҳолам, ки дубора мебинамат.” Араҷи сарде дар пӯстам дамид. Тамоми талошам ин буд, ки аз нигоҳаш бихонам бо ин мард робитаи чигуна доштам. Меҳри нигоҳаш чӣ мегӯяд. Аз самимият ва дӯстӣ ва ё бештар ва ё камтар аз дӯстӣ. Дастонам аз рӯйи одат ба рӯйи бозувонам часпида буд. Инҷо ҳама маро мешинохтанд. Нигоҳе, ки мегуфт, “оҳо... бале...”

Нигоҳҳо дар ҳоли “бале” гуфтан буданд ва вақте бо пич-пич ҳарф заданҳояш ҳамроҳ мешуд, эҳсоси аҳмақонае ба ман даст медод. Эҳсоси ошно ва дар айни ҳол ғариб. Мардумони меҳрубон ва чашмони дурахшон ва хайрхоҳ ҳар ҷо маро дунбол мекард ва аз ҳар даре ворид ва ё хориҷ мешудам, дар ҳоли фикр кардан будам, ки инро куҷо дидаам. Ин нигоҳ, ин чашмон... то ба нигоҳи баъдӣ рӯ ба рӯ мешуд ва дубора ҳамин суол. Сарам гиҷ мерафт. Як ҳафта тӯл кашида буд, то аз масъули бемористон иҷоза бигирам, ки наворҳои бойгонӣ шуда аз дурбини утоқамро бибинам. Гуфтанд, то ба ҳол чунин коре накардаанд ва боре ҳам пеш наомада, ки бойгониро дар ихтиёри касе бигзоранд. Ба ҷуз як дафъа, он ҳам барои пайдо кардани касе, ки васоили бемористонро дуздида буда. Аз роҳраве

мерафтам, ки торик буд ва бӯйи аҷибе дошт. Ҳеч беморе ба чашм намехӯрд. Ангор дар роҳрави зиндоне қадам мезадам. Ҳар он қадар ки дарунтар мерафтам, ториктар мешуд. Даврае ёдам омад, ки аз ин роҳрав мегузаштам ва ҳамеша пушт ба девор часпида ором-ором қадам мегузоштам.

Метарсидам аз ин ки соям дида шавад. Аз соям метарсидам. Аз соя, аз торикӣ аз ҳар чизе, ки ба ман марбут буд, метарсидам. Вақте метарсидам наметавонистам ҳеч ҳаракате бикунам ва худамро ба девор мехкӯб мекардам, то замоне, ки касе бо лабханде хабар аз амният диҳад. Истодам. Мард баргашт. Нигоҳаш таскинбахш буд. Эътимоди аҷибе ба ӯ пайдо карда будам. Аз дари оҳанине ворид шудем, ки пушти сари мо баста шуд ва садои қуфл шудани дар ба гӯш расид. Вориди зерзамини бойгонӣ шуда будем. Қафасаҳо пур буд аз ҷаъбаҳои шуморадор. Ҳамаи ҷаъбаҳо бар пешонаҳояшон барчасбҳое доштанд бо шумораҳои чаҳоррақамӣ. Ба давру бари худ нигоҳ кардам. Садои мард аз пушти қафасаҳо баланд шуд.

“Лутфан ба ин су!” Канораш мизе истода буд, ки давру бараш як телевизион нисбатан бузург ва ҳудуди ҳафт-ҳашт телевизиони

кӯчак бар девор овезон буд. Дар ҳар кадом тасвири мутафовит буд. Зане нишаста, марде роҳ меравад, пирзане дар ҳоли омода шудан барои хоб... телевизиони бузург тираву тор буд. Рӯйи миз бастае буд бо шумора ва торихи 1998. Мард онро боз кард ва як навори камҳаҷми китобро баровард ва ба дастгоҳи пахш ворид кард. Нури хира дар утоқ пахш буд. Тасвирро возеҳ намедидам. Мард дар чанд калима тавзеҳ дод, ки чӣ гуна наворро иваз кунам ва тасвирро пешу ақиб барам. Дасте рӯйи шонаам гузошт ба маънои "муваффақ бошӣ " ва ба сӯйи дар рафт. Қабл аз ин ки берун равад як бори дигар ба сӯйи ман нигоҳ кард ва нури утоқро ду се бор печид. Рушаноӣ маҳв шуд ва тасвир возеҳтар. Ларзаи хафифе дар баданам роҳ мерафт. Тугмаи пахшро задам. Тасвир сиёҳу сафед буд. На, чизе байни хокистарӣ ва зард. Ҳафтаи аввали беморӣ ва тамоми мулоқотҳои тӯли ҳафт моҳи бемориам забт шуда буд.

**Торихи 10 октябри 1998**

Духтаре рӯйи сандалӣ нишастааст ва бо чароғи рӯйи миз ҳарф мезанад, боло пойин мекунад. Ангор мехоҳад вазнашро бисанчад. Чароғро баланд мекунад ва ба зери он нигоҳашро мечаспонад. Ангор дунболи

резтарин чизи дунёст. Баногоҳ чароғ аз дасташ меафтад ва рӯйи фарш ҳамчунон равшан мемонад. Духтар аз ҷой мепарад ва рӯйи тахти хоб фурӯ меравад. Аввал ба дурбин ва баъд ба чароғ нигоҳ мекунад.

Ин ҳамон духтаре буд, ки дар акс рӯйи тахт нишаста буд. Аммо мӯйҳояш ба шеваи сарбозон кӯтоҳ ва қомати хамида дошт. Духтар фарёд мезад. Ҳоло чароғ хомӯш шуда буд. Дар торик-равшании утоқ нури чашмонаш мисли ду ситораи кӯчак медурахшид. Духтаре бо суръат вориди утоқ мешавад ва чароғро равшан мекунад, Наташа! Ин Наташа буд.

Духтари тадвингаре, ки ба навори умри ман ҳам теғ кашида буд. Даст ба наворҳои дохили баста мебарам ва гӯё ганҷинае пайдо карда бошам, тунд-тунд мешуморам. Ёдам ҳаст шабона вақте ҳама хоб буданд, коргардон муниторро равшан мекард ва байни наворҳо дунболи чизе мегашт. Вақте пайдо мекард дастонашро пушти сараш гиреҳ мезад ва дуру дароз ба он нигоҳ мекард. Бо садо, бидуни садо, танҳо садо, дақиқаҳоеро, ки ёддошт мекард мефаҳмидам филм эроде дорад.

Канораш менишастам ва нигоҳ мекардам ба тасвири нурбори саҳро ва садои мардум,

садои троктур аз дур ва садои овозхондани занон дар замини панба. Коргардон мегуфт, “лаззат мебарам вақте ба ин нур нигоҳ мекунам. Нури бебанду бори Осиё! Нури ваҳшии ромнашаванда!” Аммо тасвири наворҳои бемористон бенуру беравнақ аз афсурдагиҳои амиқе ҳикоят мекард. Наташа ҳақ дошт. Агар инҷо мемондам шояд ҳеч вақт ҳофизаам барнамегашт ва ҳеч вақт бӯйи ҳастӣ ба сабки Осиёро наметавонистам ба ёд биоварам.

**16 Октябр 1998**

Муддатест духтар хобида ва аз ҷойи хоб пойин наомадааст. Даҳони дар боз мешавад ва Наташа мисли одати ҳамешагии худ сари соати ҳамешагиаш вориди утоқ мешавад. Духтар аз ҷой намеҷунбад. Наташа худро дар утоқ машғул нигаҳ медорад ва гӯшаи чашм ба духтар дорад. Даст ба навиштаҳои духтар мебарад, ки рӯйи миз парешонанд ва шурӯъ мекунад ба хондан. Сари худро ба коғаз наздиктар мебарад. Боз ҳам наздиктар. Духтар аз тахт нимхез мешавад ва коғазро аз дасти Наташа мекашад. Наташа як қад мепарад аз ногаҳонии ҳаракати духтар. Дастаи сандалиро маҳкам мегирад, аммо чизе намегӯяд. Духтар коғазҳоро зери рӯйпуши худ пинҳон мекунад.

Наташа равшан мекунад, ки исрор барои хондан надорад ва роҳаттар менишинад. Дер намегузарад, ки худоҳофизӣ мекунад ва меравад. Духтар танҳо баъд аз рафтани Наташа аз ҷой бармехезад. Ангор мунтазир буд, ки ӯ биравад. Дарро маҳкам мебандад. Даври утоқ қадам мезанад ва дона-дона барҷастагиҳои пур аз навиштаи онро навозиш мекунад. Зери лаб чизҳое мегӯяд, ки ҳар чӣ қадар талош кардам натавонистам бишнавам. Садо ором ва дарвоқеъ пич-пичи гунг буд.

Нина Ивановна вориди утоқ шуда буд ва бо дидани торихи рӯйи навор гуфт, "инҷо мехостем утоқро тамиз кунем. Чарми деворро иваз кунем. Ту шадидан мухолифат мекардӣ ва аз дасти ҳамаи мо нороҳат будӣ." Баргаштам ба ӯ нигаристам ва зуд аз ҷой бархостам, ки биншинад. Нанишаст. Гуфт, "он замон ту нахостӣ утоқ тамиз шавад, баъдан ман. Магар сад бор пеш меояд, ки ҳунарпешае аз Самарқанд ин ҷо гузораш биафтад!" Хандаи хашдорашро дӯст доштам ҳамеша. Оромбахш аст.

Аммо ҳеч вақт дӯст надоштам маро ҳунарпеша садо кунад. Тап-тап ба пуштам зад ва гуфт, "шом сард шуд, биравем. Ҳама мунтазиранд." Мегӯям, "чанд дақиқаи дигар

кор дорам, баъдан меоям.” Мегӯяд, “ман сабр мекунам.” Мегӯям, “ду ё се.” Коғазҳои рӯи мизро ҷамъ мекунам. Даст ба тукма мебарам аммо мебинам, ки дари утоқ боз мешавад, кунҷковона мунтазир мешавам, ки бибинам чӣ касест. Хонуми Нина ҳам чашм ба монитур мемонад.

Наташа дубора баргашта буд ва вориди утоқ шуд. Ба ҳам нигоҳ кардем ва бидуни ҳарф ҳамдигарро мефаҳмидем. Дилаш намехост маро нороҳат ва танҳо бигзорад баргашта буд бо ман худоҳофизӣ кунад. Нина хонум даст ба шонаам мегузорад. “Биравем.” Ангор медонист, ки агар бо ӯ наравам, дигар аз баҳри шом мегузарам ва мисли шабҳои қабл бо шиками гурусна шабро рӯз хоҳам кард.

Утоқи пазироии бемористон пур аз зану марди мунтазири мо буд. Ҳама баробар бо истаконҳои машруб дар даст аз ҷой бархостанд. Меҳмоние буд, ки бемористон барои баргашт ва шифои ман баргузор карда буд. Ҳудуди бисту панҷ-сӣ нафар гардан кашида буданд ва мегуфтанд, “На здаровье, Махтоб!” Ду сандалӣ канори ҳам холӣ буд. Наздики он шудем ва истакон пур аз водкоро ба даст гирифтем. “На здаровье!” Садои ҷаранг-ҷаранг ба ҳам хӯрдани истакон

баланд шуд ва зуд фурӯ нишаст. Истаконҳо мисли моски оксижен ба даҳонҳо часпид ва сарозер шуд. Бори аввал дуди сигорро ҳам бо ҳамин сахтӣ фурӯ кашида будам ва талхӣ дар даҳонам мунфаҷир шуд ва берун зад. Аммо инфиҷори водко самт ба дарун дошт ва сари роҳашро месӯзонд. Аввалин дафъа набуд, ки водко мехӯрдам, аммо бори аввал буд, ки дусад гиром водкоро бо як нафас таҳ кашида будам.

“Аҷаб талхиҳо, ки ширинӣ дар доман дорад,” навишта буд Наташа. Сахтӣ мекашӣ медонам, аммо бовар кун рӯзе мерасад ки мегӯӣ хуб шуд чунин шуд. Модар ин навиштаи ӯро дӯст медошт, “мо русҳо шодӣ мекунем ва худро барои сахтиифардо омода, аммо шумо шарқиҳо имрӯзро бо сахтиву ранҷ мегузаронед ба умеди шодиҳои фардо. Намегӯям кадомаш беҳтар аст, намедонам кадомаш беҳтар аст. Мегӯям ба ҳар чизе бикӯшӣ мерасӣ.

Танбалӣ ва бетаваҷҷуҳии духтар ба ҳузури Наташа ошкор аст ва бояд барои Наташа озордиҳанда бошад. Ба худ мегӯям агар ман будам, духтарро аз ҷой баланд мекардам. Аммо Наташа бо оромиш нишаста аст ва пойи варақҳои рӯйи миз менависад. Мисли устоде, ки машқи хонагии шогирдонашро

месанҷад. Шодобии гулҳои гулдон гармтар аз рафтори духтар аст. Наташа канори панҷара меравад ва ба берун нигоҳ мекунад.

Намедонам шабнишинӣ кай ба поён расид ва ба он ҳама марду зани хандон, ки даври ману Нина хонум ҷамъ шуда буданд, чиҳо гуфтам. Аммо вонамуд мекардам, ки хушу сарҳолам ва мураттаб ташаккур мекардам аз онҳо ва аз ин ки дар муддати беморӣ аз ман муроқибат кардаанд ва маро боз дубора ба сарзамини модариам баргардондаанд. Нина Ивановна дар утоқ роҳ мерафт ва навиштаҳои рўйи деворро ламс мекард ва сари худро ба занҷири печ дар печи навиштаҳо хаму рост.

Номае аз Наташа ба дастам дода буд. Шурўъ кардам бо садои баланд хондан. Нина хонум рўй тахт нишаст ва бо истаконе дар даст ба ман нигоҳ кард. Ман ғарқи хондан будам ва парвое аз ҳузураш надоштам: "Маҳтоби азизам, инҳоро, ки менависам мутмайинам дигар озоре барои ту нахоҳад дошт. Иттифоқе, ки барои ту пеш омад, метавонист барои ман ҳам пеш ояд, вақте канори оташ қарор мегирӣ, сўхтан аввалин хатарест, ки бояд нигаронаш бошӣ. Оташе, ки муддатҳо дил ба он гарм мекардӣ. Михаилро дўст доштам. Дақиқан

ба ҳамон шевае, ки ту дӯсташ доштӣ. Дӯст доштан шояд калимаи дурусте набошад... Дар бериёии рафтораш паноҳ бурда будам. Вақте ҳам тасмим гирифтам биравам бибинам, ки кист ин духтаре, ки таваҷҷуҳи ӯро ҷалб карда, дилам пур буд аз нафрат. Худро муқассир медонам. Муқассири ин иттифоқ. Аммо ҳоло ки аз шунидани хабари шифо ёфтани ту ба оромиш расидаам, мехоҳам ба ту табрик гӯям ва худ зиндагиамро дубора аз сар гирам. Шояд дигар ҳамдигарро набинем. Шояд ҳам маро дар ёд надошта бошӣ ва ё аз ёд бибарӣ. Вале бидон, ки ту маро наҷот додӣ. Навиштаҳоятро бароят фиристодам. Пеши ту бошад. Саломи зиёд ба модар бирасон. Пеши Нина хонум баъзе чизҳое дорӣ, ки ҳатман бароят хоҳад фиристод."

Нома тамом шуда буд, аммо ҷуръат намекардам сар бардорам ва ба чашмони Нина хонум бингарам. Нина хонум даст рӯйи шонаҳоям гузошта буд. "Пеши ман як миқдор пули нақд дорӣ, ки Михаил Мольников гузошта ва як номае ҳам бо ҳам имзо кардаем, ки то метавонам ин утоқро ба ҳамин шакле, ки ҳаст нигаҳ дорам. Мехост дар яке аз филмҳои худ истифода кунад." Сурхие дар чашмонаш пахш шуд вақте дастмол дастам дод. "Медонед куҷост?"

умедворона пурсидам боз. Ба чашмонам нигоҳ кард. Тап-тап ба шонаам зад. “Духтар худро ҷамъ кун. Бароят ҳануз зуд аст ин ҳама ҳаяҷон. “Медонед куҷост?” Сари худро ба чапу рост такон дод ва истакони дасташро ба дасти ман наздик овард. На ман ва на ӯ исме ба забон овардем. Манзурам Наташа буд ва ё Михаил, намедонам. Ҳар чӣ қадар дунболи Наташаро мегирифтам, нишоне аз Михаил пайдо мекардам. Михаил ҳалқае буд байни ману Наташа.

Дер шаб буд. Аз зерзамини бойгонӣ берун омадам. Бо қомати рост аз роҳрав гузаштам ва дари утоқро боз кардам. Утоқ пур аз коғазҳои парешон буд. Худоро шукр хоҳишамро ичро карда буданд ва “назм” и утоқамро ба ҳам назада буданд.

Дубора нишастам рӯйи миз ва як даста коғазро баланд кардам ва андохтам ба сатли канори миз. Аз хондани ин ҳама коғазпораҳое, ки сару таҳшон пайдо набуд, хаста будам.

Дарди тезе байни камар ва гарданам тохтутоз мекард. Рӯйи тахт дароз кашидам.

Намедонам чанд соат дар утоқи тангу торик рӯйи тахти намноки бемористон нишаста будам. Бемористоне, ки берун

рафтан аз он бароям ғайри қобили тасаввур буд. Шояд исрорҳои Наташа намебуд аз он берун намерафтам ва бо ҳамин

оftобҳои сарди девор қаноъат мекардам. Наташа модарро садо кард ва маро ба дасташ дод. Вақте ҳам ҷомадонамро болои сарамон дар купеи қатор гузошт гуфт, “ба офтоби Осиё салом бирасон! Наҷоти ту он ҷост! Зери нури офтоб!!!”

Аз утоқ берун омадам то чой ва ё қаҳвае биоварам ва дубора биншинам сари миз ва байни муаммоҳои навиштаҳо нишоне аз Наташа пайдо кунам. Марде дар роҳрав истода буд. Худро падари Наташа муаррифӣ кард. Шодии маро дар нигоҳам хонд ангор ки гуфт, “мутассифона хабаре хубе надорам. Наташа хеле вақт аст, рафта ва на ман ва на модараш чизе аз ӯ медонем.” Омада буд, маро ба шом даъват кунад. Худрави “Волго”-и қадимии Наташаро шинохтам. Наташа бо он меомад диданам ва гоҳе тамошои шаҳр мебурд. Шабҳои зебо ва номеҳрубони Маскавро дӯст дошт. Торикӣ ва чароғҳоеро, ки дилбарона чашм мезаданд. Ангор ман ва Наташа будем, ки шитоб надоштем ва сари роҳи мошинҳои тундрав ва ронандагони бадахлоқ оромише пайдо карда будем. Дар сукути шабгардиҳои тӯлонӣ ҳарфҳое, ки

намегуфтем ва мешунидем.

Падари Наташа ҳам чизи зиёде намегуфт ва гӯйи ҳеч як аз ғунҷаҳои кунҷковиаш нашкуфта буд, ки бипурсад, "чӣ шуд ман ҳофизаамро дубора ба даст овардам ва ё чаро омадаам дубора дар бемористон мустақар шудаам?" На. Чизе напурсид.

То хонаи модари Наташа дар сукут ба берун нигоҳ кардам. Сукуте, ки танҳо бо дусе ҷумлаи кутоҳ шикаста шуд ва боз дубора парда байни мо андохт.

Хиёбонҳои Маскавро бидуни барф кам дидаам. Ҳар бор ки ба ин шаҳр омадам барф инқилоб карда буд. Инқилобе сарду сафед, ки ҳатто шавқи дидани ситораи Кремлин ҳам касеро гарм намекард. Модар аммо борҳо сафарҳои корӣ ба Маскав дошта ва дӯстони зиёде ҳам дар ин шаҳр ба ҷо гузоштааст. Аммо чаро дар хотироташ аз ин шаҳр ёде намекунад? Чаро хотироташ дар чаҳорчӯби майдони панба мунҳасир мондааст? Модар ин ҳама худрав дида, ронда ва савор шуда, аммо чаро ҳамааш аз ҳамон троктури қадимии колхоз менависад? Маскав шаҳри саволҳост, на ҷавобҳое, ки ман интизор доштам пайдо кунам. Модар низ пур буд аз саволоти беҷавоб вақте менавишт.

“Канори ронанда нишастам, ки маро ба поёни киштзор бирасонад. *Лаби* ҷӯйбор, зери дарахтон вақте димоғатро маҳкам гирифта бошӣ ва сар ба боло ба атрофат нигоҳ кунӣ, манзараи атроф дигаргуна ба назар мерасад. Аз диди троктур ба рӯзгори мо инсонҳо нигаристан чӣ гуна аст? Ин фикр муддате зеҳнамро ба худ машғул кард. Ангор ҳама чиз ҳаҷм ва масофати худро тағйир дода буданд. Баъзе авқот аз ин фикрҳо ба сарам мерасид эҳсоси пуч будан мекардам. Беарзишии рӯзгори ман аз нигоҳи як дарахт ва як троктур эҳсоси ғарибӣ ва танҳоӣ медод.

Дар муддати даҳ дақиқа ва ё шояд кӯтоҳтар аз занони ягонагар дур шуда будем.

Суръати рӯзгор барои троктур сариътар аз рӯзгори мост. Агар бо пои пиёда меомадам бояд ду се соатро зери офтоби доғ қадам мезадам ва гоҳе ҳам аз рӯйи одат хам мешудам то чандто алафи бегона аз зери поям биканам, он вақт мумкин буд аслан то ғуруб ҳам ба поёни майдон нарасам. Канори ҷӯйбор нишастам ва ба суръат фикр кардам. Ба суръати ин ки мумкин аст хунрезии биниат банд наояд ва дар як соат тамоми хуни худро аз даст диҳӣ. Ва ё ба ин ки оё мешавад қадам назанӣ вале масофаеро тай

кунӣ. Ба ин ки мешавад оё каланд назанӣ, вале заминдорӣ кунӣ ва ҳосил ба даст биоварӣ. Ба ин ки оё мешавад хам нашавӣ вале алафҳои ваҳшӣ ва бегонаро бичинӣ. Ба ин ки чигуна занон ҳам дар соя бишинанд ва дӯғоб бихӯранду ҳам мароми зиндагӣ напошад.

Троктур аз мо занон тундтар мерафт. Қатор аз троктур тундтар, ҳавопаймо аз ҳамаи мо. Эътиқодам ба роҳ рафтан кам мешуд. Пойи пиёда намешавад ҳамаи фурсатҳоро ба даст овард. Фурсатҳоро аз даст надод. Вақте ин фикрҳо ба сарам мезад воқеан бемор мешудам. Боварамро ба кор аз даст медодам, аз танҳоии троктур дар ин саҳро ва аз бекасии ӯ амиқ дар фикр будам. Чаро чизе ба ин муфидӣ танҳо яктост? Чизҳои хуб ҳамеша ё каманд ва ё ноёб. Баъзе вактҳо ба он фикр мекунам, ки чӣ кор бояд кард, ки занон битавонанд мисли троктур кор кунанд. Аз паси шишаи худрав ба берун нигоҳ мекардам. Сари ҳар чаҳорроҳ дубора бармегаштам ва нигоҳ мекардам. Ангор Наташа буд. Сар фурӯ бурда ба гиребони полтуи худ ором роҳ мерафт. Нафасам шишаро тира карда буд. Ҳисси ғарибе доштам. Модари Наташа бо каме таъхир дарро боз кард ва гармойи чеҳрааш яхи диламро шикаст. Яхе, ки дар тӯли роҳи

бемористон то ин ҷо амиқтар ва амиқтар шуда буд.

Модари Наташа маро хуб мешинохт. Мегӯяд Наташа ҳар рӯз вақте аз бемористон бармегашт, барояш аз вазъияти ман мегуфт, аз ин ки чӣ чизе ба ёд овардаам ва гоҳе ҳатто навиштаҳои маро ҳам барояш мехонд. Хонаҳои русӣ бо ҳамон коғаздевориҳои якрангашон руҳи мушобеҳе доранд. Коғаздевориҳои зард ва қадимӣ, ки вақте мублеро аз ҷояш такон бидиҳӣ, ранги пушти он шакли наққошии қобшударо мемонд. Наташа ҳам қобе шуда буд бар девори зеҳни ман. Модари Наташа дар рӯъёи дидори духтараш ба сар мебурд. Рӯъёе, ки чанд вақт аст шабу рӯзи маро ҳам инҳисор карда аст. Шабу рӯзе, ки дунболи Наташаам байни когазҳои ҳушёр ва мадҳуш навиштаи худ, байни наворҳои бойгонии бемористон, байни нигоҳҳои ғариб ва ошно. Дунболи духтаре, ки ҳафт моҳ аз ман муроқибат кард то ҳофизаамро ба даст орам ва вақте ки шифо ёфтам, ғайб зада буд. Модари Наташа албуми хонаводагӣ худро овард ва рӯйи миз гузошт. Миз часбнок буд ва ҳар бор ки даст рӯйи он мегузошт садои чарс-чарсе шунида мешуд. Рӯйкаши плостикии кадимии ранграфтае буд, ки гулҳои он ҷо-ҷо теғ хӯрда ва лаб боз карда буд. Аз кӯдакӣ

то ҷавонии Наташаро бароям гуфт.

Вақте ба давроне расид, ки ман вориди зиндагиаш шудам, мавзӯъро тағйир дод.

“Офтоб чӣ тавр аст? Хуб аст? Чӣ кор мекунад?” “Бале хуб аст. Саломи зиёд ба шумо расонд. Мехост яке дуто тарбуз бароятон бифиристад, ман қабул накардам. Медонистам, ки дар роҳ мумкин аст аз дастам бигиранд. Ду-се нафарро дидам, ки сари марзи Қирғизистон борҳояшонро зеру рӯ карданд ва ҳар чӣ мева доштанд аз қатор пойин андохтанд. Тозагиҳо сахтгирӣ зиёд шуда, шунидам. “Бале аз ахбор дунбол мекунам, мегӯянд ришвахорӣ дар марзҳо шадид аст. Мегӯянд, аз қабл ин тавр буд.” Мегӯянд, “на, даврони шуравӣ хуб буд.” Мегӯям,” шояд”, аммо чашмонам ба давру бари хона буд. Дунболи нишонаи Наташа мегаштам. Наташае, ки на шабеҳи модараш буд ва на шабеҳи падараш.

Садобардор писари камҳарфе буд. Фикр мекардам маро дар ёд надорад ва ё қадаме бардорад барои дидани ман. Шояд ҳам тамоми роҳро ба ёди Наташа қадам аз замини сарди Маскав мебардошт ва боз ба ёди он рӯзҳои тобистонӣ ба замин мегузошт то худро бирасонд ба қаҳвахонаи канори роҳ, ки мунтазираш будам.

Модари Наташа гуфта буд, садобардор хотирхоҳи Наташа аст ва гоҳу ногоҳ ба диданаш меояд. Сигоре равшан мекунад ва боз ғайб мезанад.

Бале ин хислати Садобардор буд. Писаре, ки дар саҳрои панба низ меомад канорам менишаст ва бо як тамоси кӯтоҳе ба даст ва ё шонаам сарнахи қаҳр ва ё нороҳатиамро мегирифт ва мерафт сари кори худ. Ҳамон тавр ки дур мешуд, тори қаҳр ва нороҳатӣ аз ман дур мешуд. Оромиши сирояткунандае дошт садобардор ва нигоҳе, ки гӯйи мегуфт, “ҳама чизи дунё гӯҳ, аст, ҷиддӣ нагир!”

Ин бор вақте сангин омад ва нишаст эҳсос кардам, ки дигар наметавонад он сарнахро пайдо кунад. Худам афтода будам ба фикри ин ки чӣ кор кунам то сар баланд кунад ва ба чашмонам нигарад. Чӣ кор кунам, ки сангинии пилкҳояш сабук шавад. Чӣ кор кунам, ки ӯро аз худаш берун кашам. Омада буд пушти сари ҳам сигор бикашад ва қабл аз рафтан бигӯяд “ту хушшонс будӣ, ҳофизаатро ҳамон ҷо дар конол партоб кардӣ ва раҳо шудӣ.”

Дар қаҳвахонаи канори роҳ нишаста будем ва бӯйи самбӯсаи доғи рӯйи миз ба ҳаво паҳн шуда буд. Касе ба он даст намебурд. Сигорро мегузоштем ва истаконро баланд

мекардем. Шишаи рестурон бухор гирифта буд.

Ду соате, ки рӯй ба рӯйи ҳам нишастем на аз Наташа исм овард ва на аз Михаил.

Дуди сигор гоҳ ба шонаи ӯ ва гоҳ ба шонаи ман менишаст. Мегуфт, "филм хуб аз кор дарнаомад. Ба ҳар ҳол чизе набуд, ки гурӯҳи филмбардорӣ дунболаш буд." Мегуфт, "он қадар қайчӣ хӯрда буд, ки вақте нигоҳ мекардӣ ради теғро метавонистӣ ташхис диҳӣ."

Тасвирҳои нобро теғ зада буданд, дақиқан ҳамонҳоеро, ки вақти бозбахш ҳама каф мекӯбидем ва аз хушҳолӣ ҳамдигарро ба оғӯш мекашидем. Мегуфт, "хат-хате", ки дар филм ба вуҷуд оварда буданд, гӯё хат-хати ҷарроҳие буд, аз тикаҳои шохиси филм. Озордиҳанда буд шеваи сонсуре, ки карда буданд! Бераҳмона буд! Муште ба миз мезанад ва лабҳояшро гоз мегирад, ки фаҳш надиҳад.

Офтоби моҳи август бераҳм шуда буд. Вогун наметавонист сарпаноҳи хубе бошад барои фирор аз ҷафои офтоб. Деворҳои оҳанини вогун танӯри баста буд ва ҳарорати даҳ-чандонро дубора парт мекард ба самти мо.

Модар тоқаташ тамом шуда буд ва тапиши қалбаш беш аз пеш мезад. Маҷбур гурӯҳи филмбардориро тарк кард ва ба “ободӣ ” баргашт. Ҳама берун аз хаймаҳо зери дарахт паноҳ бурда буданд ва нимурён дар оби конол тан мешустанд ва дар боди саҳро зуд хушк мешуд. Остинҳои пироҳан ва почаҳои шалворҳоямро барзада будам ва бо садобардор дар ҳоли гуфтугӯ себ пӯст мекандам. Пӯсти себ ҳалқа-ҳалқа мезад ва камараш мешикаст ва меафтод рӯйи зонуҳоям. Михаил кулоҳи хасин ба сар ва айнаки дудӣ ба чашм наздик шуд, “Привет!” Зонувони лоғар ва пашминашро медидам рӯ ба рӯйи ман истода буд. Ба кори худ идома додам. Канори мо рӯйи замин ғел зад ва риштаи пӯсти себро аз рӯйи зонувонам бардошт ва ба осмон баланд кард. Лабонаш мисли шутур ин бару он бар мерафт то пӯсти себро бигирад. Бо оринҷи даст ба замин такя карда буд. Садои ғур-ғур ба гӯшам мерасид. Себи пӯсткандаро газ задам. Даст дароз кард ва кафи дастонашро боз гузошт. Себро ба даҳони худ бурдам ва газ задам. Дастонаш рӯйи ҳаво монд. Садобардор бо кори худ машғул буд. Ангор аз аввал танҳо буд. Ин бор садои ғарч-ғарч аз даҳони ман берун мезад ва сукутро мешикаст.

Аз Михаил нороҳат будам. Вақти

филмбардорӣ ду-се ҳарфи тунде ба ман зада буд, ки ҳеч наметавонистам фаромӯш кунам. "На. на. на... Охир чанд бор бояд гуфт?

Азизам, бибин," рафт, дасти яке аз духтарони маҳалиро гирифт ва ӯро давон-давон аз паси худ кашид ба сӯи ман. "Дасти як зани пахтачин ва пахтакор ин гуна аст. Ин гуна мебинӣ?" Ба дастони торс-торс кафида ва пӯсти дар офтоб тирашудаи духтар нигоҳ кардам. Чанд ҷой захм ҳам дошт, ки рӯйи он даст гузошта буд ва маҳкам фишор медод. Асабонӣ шудам ва домани панбаамро андохтам замин ва майдонро тарк кардам.

Дастонамро шуста будам ва гарду хоки зери нохунҳоямро тамиз карда будам.

"Чанд бор ба ту бигӯям, ба грим даст назан!!!" Садояш дар саҳро паҳн мешуд. Ҳама мешуниданд ба ҷуз ман, ки вонамуд мекардам, ки намешунавам.

Дар ҳоле ки нохунҳоямро пинҳон мекардам, давидам ва аз чашми ҳама пинҳон шудам. Аммо дубора баргаштам ва бо асабоният ва ашк як каф хокро гирифтам ва ба сару сурати худ пошидам "ҳоло шуд? Грим шуд?" Ҳама хандиданд.

Боз давидам ва аз чашми ҳама дур шудам. Вақте асабониам, ба ҳар самте, ки рост омад медавам. Бидуни ин ки ба он фикр карда бошам. Намедонам, ки кас ба самти шарқ фирор кунад беҳтар аст ё ғарб? Оё аслан таъсире бар ҳоли кас дорад?

Намедонистам. Танҳо чизе, ки медонистам вақте медавидам сабук мешудам. Замин бо сахтиҳояш навозиш мекард ва дардҳои рез-резе аз кафи пой то мағзи сарам ҳамла мекард ва дарди асли озори рӯҳиам фаромӯш мешуд. Хаста шуда будам аз либосҳои сабзранги мардона ва низомии даврони шуравӣ. Дилам барои либосҳои худам танг шуда буд. Либосҳое, ки ҳазору як ранг дошт ва насим, ки аз як гӯшааш ба дарун роҳ меёфт аз гӯшаи дигараш берун мерафт ва дамои баданамро бо худ мебурд. Дастонамро зери бағал зада будам ва роҳ афтода будам ба сӯи хона.”

Куҷо? Куҷо мерави? Биист! Ба ту мегӯям! Ҳаминро дигар кам доштам. Ман барои ноз кашидан вақт надорам! Мефаҳмӣ?”

Дафъаи аввал набуд, ки саҳнаи филмбардориро тарк мекардам ва ҳама медонистанд, ки бармегардам. Ба хотири модар, ки ин филм барояш муҳимтар аз ҳама чиз аст ва дар ин муддати филмбардорӣ

беҳтарин рӯзҳои худро аз сар гузаронда. Ҳама ҷараёни филмбардорӣ ва саҳнаҳои филмро мушоҳида карда ва ин филм барояш як ҷашн аст, ки аз таҳи дил дӯст дорад ва бо он ифтихор мекунад.

Ҳар бор ки аз ҳарфҳои тунди Михаил нороҳат мешавам, модар руҳияамро тағйир медод. Имрӯз модар набуд ва садобардор дунболам омада буд. Бидуни ин ки дар ин бора ҳарфе зада бошад бароям як доман себ оварда ва канорам нишаста буд. Ҳамон себҳое, ки дӯст дорад. Сафед ва ширин. Аммо ҳоло коргардон омада буд ва шояд мехост гиреҳе аз дилам боз кунад. Ду-се гози кӯчаки дигар аз себ гирифтам ва аз ҷой бархостам. Даст дар ҳаво монда буд. Диламро канори дастонаш гузошта будам вақте аз ӯ дур мешудам. Дилам, ки мегуфт, "на, нарав, бишин омада мисли ҳамеша маъзаратхоҳӣ кунад." Аммо ғурур мегуфт, "на яъне чӣ ки ҳар бор дар пеши бақия доду фарёд мезанад ва баъд мехоҳад бо як маъзаратхоҳӣ дар халват масъаларо ҳал кунад!"

Дари вогунро боз кардам ва бо ин ки медонистам гармои хафакунандае дорад вориди он шудам. Танҳо ҷое, ки метавонистам аз нигоҳи бақия пинҳон

шавам.

Дафтари модарро бардоштам ва шурўъ кардам ба бод додани зери бағалу сару сина. Садои дар задан омад. Медонистам ўст. Медонистам, ки вақте мегуфт, ҳама омодаанд алъон шурўъ мекунем, дарвоқеъ замон барои грим намегузошт то баъдан баҳона дошта бошад. Ҳама медонистанд ин баҳонасозиҳо пешипо афтода шуда ва бояд роҳи дигаре пайдо кунад. Ба ҷуз ў ки аслан муътақид буд баҳонагирӣ намекунад.

Бидуни ин ки ҷавобе дода бошам, вориди вогун шуд. Бо тундӣ ба ӯ нигоҳ кардам.

Пой ба зина гузошт ва рўйи остонаи дар нишаст. “Шунидам инҷо духтаре дар танур месўзад, омадам наҷот диҳам.” Шӯхӣ мекунад. Бо ҳамон шеваи кўчаку рез ангоштани нороҳатиҳои ман. Аз он шухиҳои қурунивустоӣ, ки агар воқеан ба ў алоқа надоштам метавонистам бо чизе маҳкам бизанам ба сараш ва аз дари вогун пойин биандозам. Нигоҳамро маҳкам бастам ва андохтам ба самташ. Дар табассуми нармаш ҳазм шуд.

Ҳамеша меомад як нигоҳи гарм ва нарме ба чашмонам ҷо мекард ва мерафт. Ва ин нигоҳ ҳар кор, ки дилаш мехост, бо ман мекард.

Нигоҳе, ки ин қадар дар танам рафту омад карда, то аз чашмонам сар даровардa ва ҷойи худашро дар ман пайдо карда аст. Нигоҳе, ки гӯё аз ман аст.

Нақши соати дасти рӯйи пешониам фурӯ рафта буд. Ба сӯи дар нигаристам, баста буд. Намедонам чанд муддат буд, ки хобам бурда буд. Пешониамро рӯйи дастонам гузошта будам ва дар ҳамон утоқи зерзаминии бемористон хобида будам. Навор аз дастгоҳ берун хазидааст. Саҳнаҳо камтаҳаррук ва хобоваранд.

Аммо беҳтарин василаанд барои дидани он даврони гунги фаромӯшӣ, ки танҳо саргармиам тамошои нақши офтоб буд дар девори нарми бемористон. Нақше дар қоби дурбин мисли нишон ва ё рамзи ҳамешагӣ намудор буд. Яке аз варақҳои рӯйи миз парешонро ба даст мегирам ва мехонам: "Намедонам чанд рӯз аст ин ҷо дар ин утоқи кӯчак хобидаам ва ҳоли аз ҷой баланд шудан надорам. Кош ин қадар исрор накунанд, ки аз ҷой баланд шавам. Воқеан наметавонам. Сарам гиҷ меравад вақте аз болин баланд мешавам. Сақфи утоқ гоҳе чунон давр мезанад, ки ҳолати таҳаввуъ мегирам. Мунтазир мемонам, ки касе биояд ва маро аз ин бӯйи турши истифроқ наҷот

диҳад қабл аз ин ки дубора боло оварам. Лабу лунҷи овезони парастор диламро аз зиндагӣ безор мекунад. Исрори Наташа бар ин ки бояд ҳатман ҳама чизро ба ёд орам, оромишамро вайрон кардааст. Ангор ў аз вуҷуди ман чизҳоеро медонад, ки ман намедонам. Имрўз ҳам як бағал видео ва акс оварда буд.

Ба акс нигоҳ кардам. Марде рўйи мошин нишаста ва ба дурбини филмбардорӣ нигох мекунад. Ангор танзимашро дуруст мекунад ва ё таъмир мекунад дурбинро, намедонам. Чеҳрааш ба назарам ошност аммо ҳеч чиз аз ў намедонам. Як марди ғарибу бегона. Наташа дар чашмонаш ашк ҳалқа зад, вақте инро гуфтам ва ҳадс задам, ки бояд ин мардро мешинохтам ва ҳоло ки нашнохтам ў нороҳат аст. Аммо ашкҳои Наташа ҳамеша канори мижаҳояш омодаи шориданананд. Мегўяд “ин мард ҳам мариз аст”. Ба ман чӣ ки мариз шуда. Ман чаро бояд бидонам? “Дуктур, эҳсос мекунам Наташа ҳам мариз аст, вақтҳои охир зиёд гиря мекунад. Ҳар рўз ки аз ин дар ворид мешавад худашро муаррифӣ мекунад ва исми маро барои ҳазорумин бор мепурсад.”

Дуктур ба кори худ идома медиҳад гўӣ маро нашунида бошад. Ангор ман набудам,

вуҷуд надоштам. Сар аз шикоф дарун кардам ва гуфтам: "Дуктур, Наташа мариз аст." Ин бор сар аз дафтар бардошт, вале боз ҳам чизе нагуфт. Ин бор бармегардам сари мизи худ ва шурӯъ мекунам ба навиштан. Унвон мегузорам: Бояд ба дуктур хабар диҳам!

Салом Хонум. Хонуме, ки ҳар субҳ навиштаҳои маро мехонед. Мешавад ба дуктур хабар диҳед, ки Наташа мариз аст. Мешавад ӯро ҳам муоина бикунед? Чанд рӯз аст акси маро ба ман нишон медиҳад ва мегӯяд ин модари ман аст. Ман ба Наташа эътимод надорам, дуктур. Мешавад ӯро дигар ба утоқи ман роҳ надиҳед?

Маро Шура садо мекунад. Намедонам чаро ҳолаш хуб нест? Метарсам, ман аз ӯ метарсам. Метарсам!!!"

Аз навиштаҳои беназм сар бармедорам ва ба навор нигоҳ мекунам. Дилам барои Наташа месӯзад. Барои ин ҳама муддате, ки Наташа сарашро рӯй шонаам мегузорад ва бо табассуме мегӯяд: "Номи ин духтар Офтоб аст."

Ангушташро рӯии шикоми духтаре мегузорад, ки дар акс табассум мекард. Ин духтар модари туст." Мисли гурба рӯяшро

ба мӯйҳоям мемолад. Оҳеро дар гулӯяш мешиканад ва тика-тика берун медиҳад. Калимаҳо бо нармӣ аз даҳонаш берун мелағзад ва гоҳе дар даҳонаш об мешавад. Коре, ки ман балад набудам. Аз бедастуипоӣ забонам ва ноҳамоҳангӣ бо дандонҳоям калимаҳо собида мешуд ва гоҳе садои шикастанашон ба гӯш мерасид.

"Стоп! Стоп!" кафҳояшро ба ҳам мезанад коргардон ва кабӯтари тамаркузи ҳамаро фирор медиҳад. "Бибин, духтар, чанд бор бигӯям: Калимаҳоро маҷрӯҳ накун!

Равон талаффуз кун. Хорошо? Даҳонатро каме бештар боз кун агар лозим аст, то калимаҳо бештар ҷой дошта доshand. Дубора, давай, давай!! Шурӯъ!"

Бояд зери борон медавидам ва талош мекардам ҳамаро баргардонам. Пиру ҷавон ва кӯдак ҳама доманҳои панба ба дӯш буданд ва ба сӯи тарозӯ мерафтанд.

Медавиданд. Зери борон ҳама тар шуда будем. Панбаҳо баробари ҳар қатраи борон сангинтар мешуданд. Тарозӯбон намехост панбаҳои тарро ба тарозу гузорад.

Мардум ҳам намехостанд доманҳои панбаашонро дар саҳро раҳо кунанд.

Вазифаи ман нигаҳ доштани ҳама аз тарки кор буд. Мувозибат мекардам, ки накунад панбаҳои худро раҳо кунанд ва бидуни баркашидан ва таҳвил додан саҳроро тарк кунанд.

Борон банд намеомад ва идома дошт ва маълум буд, ки то дер хоҳад борид. Ҳамон гуна ки аввали субҳ ба ҳама мурдум ҷўя медодам, охири рўз ҷўяҳоро поку тамиз таҳвил мегирифтам ва мутмайин мешудам, ки ҳама нурми худро иҷро кардааст. "То майдон тоза чида нашавад ба майдони дигар мунтақил нахоҳем шуд!" Ҳеч майдоне нотамом нахоҳад монд, чӣ барф борад, чӣ борон! Медавидам ва ба навиштаҳои модар фикр мекардам. Модар, ки медавид ба ин фикр мекард, ки "чаро мардум домонҳои худро раҳо намекунанд, чаро фирор намекунанд, чаро зери борон нишастаанд?"

Чун ў ба онҳо гуфта ва ё чун воқеан аз гум шудани домонҳояшон метарсанд ва ё аз танбеҳ шудан аз райиси колхоз? Мардум метарсанд? Аз чӣ? Аз панбаи тар ва ё аз хашми райис? Мардум наметарсанд, балки ба фикрашон намерасад, ки метавонанд кори дигаре ҳам бикунанд, интихоби дигаре ҳам дошта бошанд.

Зери борон медавидам, медавидам ва ба

ин фикр мекардам, ки модар воқеан золим аст ё қаҳрамон? Ҳатто садои “стоп, стоп”-и коргардон ҳам маро аз давидан нигаҳ намедошт. Медавидам барои мардуме, ки боре ҳам фикри давидан ба сарашон назад ва зери борон монданд то панбаҳояшонро хушк таҳвил диҳанд. Медавидам то бибинам он чиро мардум медид ва он чиро коргардон медид, бибинам.

Ман медавидам ва ӯ аз зери чатр ба борон менигарист. Мо мардуми мутафовите ҳастем. Медонам. Аммо намедонам чаро. Борон силӣ ба сурати панбаҳо мезад ва ғуруб шоли махмалине шуда буд бар шонаи саҳро. Ва ман медавидам то кашф кунам боронро табиатро, мардумони гирифтори одатро.

Яке аз навиштаҳои даврони бемориамро бо сахтӣ хондам ва дар дафтари дигар покнавис кардам: “Ман то имрӯз ҳеч қоида ва қонуне надоштам ва ҳамон тавр зиндагӣ кардаам, ки дилам хостааст. Шумо русҳо барои ҳама чиз қоидаҳое доред, ки ҳеч вақт риъоят намекунед.” Ин навиштаро намедонам чаро навиштаам аммо ёдам ҳаст, ки вақте Наташа онро хонд гуфт, “яъне ту мутмайини, ки мо рус ҳастем ва ту нестӣ? Бигӯ Шура! Чизе ёдат омада?”

“Номи ман Шура нест! Номи ман Офтоб аст! Офтоб!” ва аз дасташ аксҳои қадимиро бо қаҳр мегирам. Ба муддати намедонам чи қадар ба яке аз онҳо хира мешавам. Духтаре ба сӯйи ғуруб медавад... Давидан хуб аст, агар майдоне бошад.

Аз ҷой бархост Наташа ва чашм ба соат бурд. “Ман бояд биравам. Вале қавл бидеҳ, ки ҳар чӣ дар ёд дорӣ бинависӣ.” Ба сӯи дар рафт ва худро дар ойина диду баргашт. “Аммо дирӯз. дирӯз... Шураро фаромуш кардӣ? Бо тааҷҷуб ба ӯ нигоҳ кардам? “Шура?” Дишаб боз коғаз тамом шуда буд ва рӯйи ҷойхоб, болин, матрас ва ҳар чӣ дар дами дастам буд навишта будам. Аммо он зани фарбеҳ ҳамаро ҷамъ карду бурд.

Намедонам соат чанд аст ва навори чандум ба поён мерасад. Иттифоқи зиёде дар утоқ рух намедод. Саҳнаҳо такрорӣ буд. Духтар соатҳо хоб буд ва ё дар ҳоли навиштан ба дару девор. Дунболи варақҳое мегардам, ки рӯй миз паҳн кардаам то сар дарбиоварам, ки кадомиро дар кадом рӯз навиштаам. Вақте духтар аз навиштан хаста мешавад, зери лиҳоф меравад ва бидуни ҳеч ҳаракате ором мемонад.

Барои намедонам чандумин бор навиштаҳоро мехонам. Гӯё дунболи

нишонаҳое мегардам. Нишонае ё розгушое, ки аз макон ва ё маҳали Наташа паём диҳад.

Зани фарбеҳе вориди утоқ шуд ва аз беҳобӣ ангор беҳуш будам, ки бедор шудам.

Зан канори кат нишаст. Рӯяшро бо кафи дастонаш пушид ва гиря кард. Бо хаёли роҳат нишаст ва гиря кард. Баъд аз ҷой бархост ва духтарро ба канори кат тела дод, рӯйкаши пур аз навиштаи зерашро кашид ва рӯйкаши тамиз паҳн кард. Коғазҳои пора ва парешонро аз рӯйи утоқ ҷамъ кард ва рӯйи миз мураттаб гузошт. Зери тахтро нигоҳ кард ва бо як зону рӯи фарш нишаст.

Дубора. Гиря кард. Зери кат чӣ чизе буд? Аз зовияи дурбин дида намешуд.

Имрӯз Наташа бо марди хушлибосе вориди утоқ шуд ва рӯйи миз ду-се баста коғази сафед бо чанд худкор гузошт ва тамоми китоб ва маҷалаву рӯзномаҳое, ки дар ин чанд муддат бароям оварда буд ҷамъ кард. Марди хушлибос ангор омада буд аз ӯ муроқибат кунад, ки чизе намегуфт ва ором ба ҳаракоти Наташа нигоҳ мекард.

Наташа, ки пироҳани бегиребоне пӯшида буд ва вақте хаму рост мешуд пистонҳои сафедаш меларзид ва овезонтар мешуд,

ончунон ки гӯйи мехостанд худро аз банд раҳо кунанд ва аз дарахти баланди қоматаш пойин биуфтанд. Ин талоши пистонҳо нохудогоҳ касро водор мекунад ба кӯмакашон бирасӣ ва дастҳо худ ба худ баланд мешаванд вале боз дубора пойин меоянд.

Мард чашм ба ҳаракоти Наташа ором нишастааст. Нигоҳаш ангор манг аст. Ангор ҷойи дигаре банд аст. Аммо чеҳрааш чӣ қадар ошно буд. Ба он хира мешавам. Худаш аст! Пас ин ҳама муддат ба унвони дӯстписари Наташа дидани ман меомада. Пас дар ин ҳама муддат медониста, ки ман куҷоям. Ҳоло куҷо бошад. Ҳатман бо Наташа аст.

Фурсати зиёд доштаанд, то бо ҳам ба бадбахтии ман наззора кунанд ва роҳи ҳал пайдо кунанд, ки эҳсоси гуноҳашон камтар шавад ва пас бираванду ин духтари бемори бе ҳофизаро ба ҳоли худ раҳо кунанд. Вақте ба духтар нигоҳ мекунам мебинам, ки мисли ҳайвони дӯстодоштанӣ, аммо тараҳҳумбарангез рӯйи тахт хобидааст.

Аз ҷой баланд мешавад. Ҳоло мефаҳмам, ки чаро Наташа ин қадар мутмайин буд.

Ин қадар исрор дошт, ки ман ине нестам,

ки мегӯям. Мегуфт, филмнома ва дафтари хотироти модар дар зеҳнам ҳак шудааст. Шояд. Аммо чаро вақте навиштаҳои модарро мехонам бо тамоми вуҷуд эҳсос мекунам? Он гуна ки гӯйи бар ман чунин гузашта.

Дар як рӯзи гарми тобистон, ки офтоб дар авҷи нурпошӣ буд, ҳамроҳ бо занони маҳал дар саҳро алаф мечидам, хун аз димоғам ҷорӣ шуд. Модар омад ва бо ваҳшат гуфт, хостам алафҳои бегонаро бичинӣ, на навдаҳои панбаро, ки ин ҳама бо заҳмат аз замин сар баровардаанд.

Аз он рӯз ба баъд донистам, ки панба чӣ чизе аст. Ҳудуди шаш сол доштам, ки модар гуфт, панбаҳоро ҷавонмарг накун, убол аст, интиқоми худро мегиранд. Модар ҳамеша механдид вақте мегуфт, "алафи ошно". Вақте механдид пистонҳояш такон намехӯрд. Ангор пистоне надошт. Ангор раҳояшон карда буд. Ангор ниёзе надошт ба пистон. Ба доштани ду пистони сафед ва гирде, ки ҳамеша дар ҳоли ба чапу рост афтодананд ниёз надошт. Ангор пистонҳояшро ҳам ягона карда буд дасти рӯзгор.

Ман ягонагари хубе набудам. Дилам ба алаф ва гиёҳи хушранг ва ваҳшӣ месӯхт ва онҳоро нигаҳ медоштам. Ниҳоли панба

камари сабз ва борике дорад бо чаҳор барги сабзи пурранг бар сар. Ин танҳо нишонае буд, ки доштам барои шинохтани ниҳоли панба.

Баъдҳо мутаваҷҷеҳ шудам, ки гоҳе се ва гоҳе ду барг ҳам дорад аммо хеле камёб.

Ман танҳо панбаҳои чаҳорбаргро ба расмият мешинохтам ва бақияро аз реша берун мекашидам ва каллакан мекардам. Хулоса ягонагари хубе набудам. Он рӯз, ки панбаҳои ҷавонмарг дуои бад карданд ва ман хун аз димоғам ҷорӣ шуд, рӯзе буд, ки зовияи дидам аз киштзор тағйир кард. Замоне, ки модарам аз зери бағалам гирифт ва ронандаи колхоз аз дастонам кашид то бори аввал савори троктуре шудам, ки мани навзодро аз саҳро ба хона оварда буд.

Сандалии троктур он чунон баланд буд, ки ман радаҳои панбаҳои наврустаро ба шакли як хат медидам аммо то таҳи саҳро. Ваҳшат кардам аз ин ки дар як киштзори бепоён сӣ чиҳил зан дар ҳоли хаму рост шудананд. Мисли гурӯҳи мурчаҳое, ки хӯшаи гандуме бар пушт домоне аз алафҳои чидаашонро мекашиданд.

Ман домоне бо худ надоштам, ки алафҳои чидаамро дар он ҷамъ кунам. Модар пушти

сарам ҳамаашро мечид ва бо худ мекашид. Дастоне, ки таровати ҷавониашонро ба сару рӯйи ҳар як ниҳоли панба мекашид ва ҷо мегузошт.

Рӯзи дигар ба райис гуфтам, "хастаам аз об овардан ба занҳо. Чаро ҳар кадом кисаи оби худро надошта бошад, ки ҳар вақт хостанд ташнагӣ бишкананд ва ин қадар маро садо накунанд."

Райис баргашт ва гуфт, "аввал ин ки аз куҷо барои инҳо кисаи об пайдо кунам? Дуввум ин ки ту бекор хоҳӣ монд." Гуфтам, "ман шогирди ронандаи троктур мешавам." Гуфт, "Ту? Ҳамон шогирди обёр буданатро дуруст анҷом бидеҳӣ, ба ман кӯмак кардаӣ."

Обёрамон писари маъмулиест, ки бо харе пир бо сахтӣ ду бушкаи обро аз чоҳ пур мекунад ва то нисфи рӯз худро ба саҳро мерасонад. Як бор дар рӯз. Агар аввали рӯз ва ё поёни рӯз ташнаатон шуд ба ҷуз таҳаммул роҳи дигаре надоред. Албатта борҳо шуда, ки ба хотири зане, ки бордор буд, ба гӯристон ва ё маркази колхоз рафтаам, ки сатле об биоварам.

Дар гӯристон тамошои дарахтони себ ва шафтолу лаззат дорад аммо аз хӯрдани ин меваҳо ҳамаи мардуми маҳал парҳез

мекунанд. Мегӯянд, “сурхии ин меваҳо аз хуни азизони мост.” Ман борҳо шуда, ки дар ин гӯристон бо ташнагӣ даст ба гиребон шудаам ва ду-се даҳон аз меваи он газидаам ва ҳамон дам боло овардаам. Ҳамаро баргардондаам фақат ба хотири ҳарфи мардум на барои ин ки таъми хун ё мурда медод. На. Эҳсоси хӯрдани устухони модарбузургам, ки дар он қабристон хоб аст, маризкунанда буд. Ҳамаи ин меваҳо дар бозор пул мешаванд ва бегонагон онро бо ҷону дил мехӯранд. Мо ҳамеша даст ба дуъо боз мекардем ва аҳсант мегуфтем ба ҳосили беш аз андозаи ин боғ. Боғбони моҳири маҳал ҳам дар ин ҷо ба хок супурда шудааст ва мегӯянд, шабҳо аз гӯр дармеояд ва ба дарахтон расидагӣ мекунад. Ман, албатта, ба ин музахрафот бовар намекунам. Боварам намешавад ба ин ҳарфҳо.

Боварам шавад ҳам наметарсидам. “Рӯҳи замин қавитар аз ин ҳама ривоятҳои роҷеъ ба арвоҳ аст”, мегуфт модрабузург. То замоне, ки рӯҳи замин бо туст дар амон хоҳӣ буд.

Ман ангор сахт боварам буд, ки зодаи саҳро, яъне замин ҳастам. Дар чеҳраи ман хелеҳо райиси ояндаи колхозро медиданд. Ман аз райис будан ор намекардам. Райис

танҳо касе буд, ки медонист ин ҳама заҳмати солонаи марду зани маҳал куҷо меравад. Гоҳе ман ба унвони дастёри райиси колхоз мувazзафам, ки ҳар зан ва ё духтаре, ки замони кор зиёде бишинад ва ё бо ҳар баҳонае кор накунад ба ӯ хабар диҳам. Занҳо аз ман meранҷиданд вақте ба райис хабар медодам. Райисро бештар дарк мекунам. Мегӯяд, "агар зане нишасту кор накард, даҳ дарсади кор мехобад, агар ҳама бо ҳам биншинанд ҳамаи кор мехобад." Ба ҳеч ваҷҳ намехостам назми замин ба ҳам хӯрад.

Хуб аст, ки духтар ҳастам ва зуд ё дер мисли модарам набзи заминро ба даст хоҳам гирифт ва масъулияти бепоёни ин раванди беохири панбаро. Ангор медонам, ки то замин ҳаст панба ҳаст ва то панба ҳаст занон бо кор ва масулият таъминанд.

Бечора мардон. Бояд ин қадар бишинанд, ки шаб шавад ва занон аз сари замин баргарданд ва ноне бихӯранду бихобанд ва он вақт онҳо беле дар даст биафтанд, ба ҷони оби колхоз ва каме барои боғ ва киштзори хонаводаи худ бидузданд.

Иван бо зону канори ман нишаст ва доманеро аз кобини троктур берун кашид, пур аз алаф кард ва зери ман гузошт. Димоғам дубора гарм шуд ва хуни гафсу

ғализе мисли кирми лойхӯр аз мағзам ба поён хазид. Домони алафро аз зери сарам кашид ва ман боз рӯйи сабза руй ба осмон хобидам.

Офтоб бояд мард бошад. Аз замин фосила дорад ва ҳамеша аз дур назора мекунад.

Ҳамеша вақте ин гуна бо пушт мехобам ва ба зери доман дарахтон нигоҳ мекунам, ҳамеша даст ба камари дарахтон мезанам ва ва ҳеч аз ин кор хаста намешавад.

Модар мегӯяд, "Офтоб исми занона аст". Мегӯям, "ҳама рафтораш мардона аст пас чаро?" Мегӯяд, "кадом рафтораш?" Мегӯям, "раҳм накарданаш ва то метавонад месӯзонад ва ин ки ҳамааш наззорагар аст. Дақиқан мисли райис." Модар мегӯяд, "мисли райисро хуб гуфтӣ " ва механдад. Чаро бекории райис боиси хандаи модар буд ва на қаҳру ғазабаш, намедонам. Мегӯям, "боз ин ки духтарон аз офтоб фарор мекунанд ва рӯ мегиранд, ангор марде бадхоҳ дида бошанд." Модар мегӯяд, "онҳо нигарони сӯхтани пӯсташон ҳастанд ва аз пирӣ метарсанд". Ва "оҳ" мекашад модар.

Ба дастони Иван нигоҳ мекунам, дигар ба он сафедие нест, ки қаблан буд. Вале вақте зерпӯши хокистарии худро аз тан мекашид

як бори дигар ёдовар мешуд, ки чӣ қадар пӯсти сафеде дорад. Занон ҳамеша ӯро дар хиҷолат меандозанд: “Панбаи сафеди ман биё ба домонам”.

Иван шармин ба ҳар як нигоҳ мекард. Ангор мегуфт, “рост мегӯяд? Ҷиддӣ ?” Вале занҳо ғарқи хандаи худ буданд. Ҳоло мутмайин будам, ки ба ман ҳасад мебурданд, ки бо ӯ танҳо нишастаам. На. Ӯ нишастааст ман канори ӯ дароз кашидаам. Ба дастонаш нигоҳ мекунам. “Чаро коре, ки ман баладам, ӯ балад нест? Ва коре, ки ӯ балад аст ман аз ӯҳдааш намебароям?” Ман дар умри худ як троктур ва як ронанда дида будам, он ҳам Иван буд бо троктури сурхрангаш, ки ҳамеша ба чархҳои бузурги он тап-тап мезаду мегуфт: “Ишқи ман аст!” Ба ёди райис меафтам, ки тап-тап ба банди пойи занон мезад ва мегуфт, “ту кай одам мешавӣ?”

Ман ҷараёни одам шудани занонро хуб медонистам, вале занон фикр мекарданд, ки ман намефаҳмам агар бигӯянд “фалонӣ ҳам одам шуд!” Ҳар зане, ки дилаш мехост одам шавад, тамоми рӯз ором-ором кор мекард ва як ишвае сӯйи райис мефиристод, ки чӯби тару нозуки бед ба даст сангин-сангин ба сӯйи ӯ мерафт. Бо нигоҳи нозолуда

қадамҳои райисро оромтар мекард ва қалби доғашро умедвортар, то занони дигар сар ба кори худ аз ин ду дуртар раванд. Баъди чанд ишора раду бадал шудан аз ҳам дур мешаванд.

Шаб, ки кам-кам меомад занон домонҳои пур аз алафи худро аввал рӯйи зону баъд бо як ҳаракат рӯйи шикам ва бо ҳаракати дигар рӯи сари худ мегузоштанд ва ба сӯи хонаҳояшон мерафтанд. Он зане, ки мехост одам шавад, хаста мешуд ва домани алафашро агар дошт, ба замин мегузошт, ба бақия занон мегуфт, мунтазираш набошанд. Ин ишора барои ҳама фаҳмост. Ҳамеша ин ҷараёнро то ин ҷо дида будам ва бо модар рафта будам хона. Вале ин дафъа бо истифода ва ё сӯиистифода аз беназмии чаҳорпоёне, ки ҳамеша ҳамзамон бо занон аз чарогоҳ бармегаштанд, чӯбе дар даст гирифтам ва ба кӯмаки зане рафтам, ки гове ба дастаи алафи рӯи сараш забон дароз мекард ва сари роҳашро гирифта буд.

Ҳар ду дасти зан ба алафи рӯй сараш банд буд. Говро аз зан дур кардам ва пинҳон шудам, то модар набинад. Мехостам ҷараёни одамшавиро бибинам ва бидонам, ки чист.

Зан нишаста буд ва мантазир буд, ки

рамаи чаҳорпо ва гурӯҳи занон аз назар дур раванд. Райис аз он самти ҷӯй намудор шуд ва зан шалворашро боло кашид ва аз ҷӯйбор рад шуд. Ман сарамро поийн кашидам ва пушти сабзаҳои лаби ҷӯй мунтазир мондам. Дилам мехост аз ҷой баланд шавам ва фирор кунам. Аммо ҳисси аҷиби кунҷковӣ маро мехкӯб карда буд. Гӯш ба сӯҳбати онҳо нишастам. Нақшҳо баракс шуда буд. Бараксі рӯзи корӣ дар саҳро. Ҳоло зан шохаи дарахте дар даст дошт ва торс-торс ба шона ва бозӯи райис мезад ва бо ноз механдид. Хуб бибинем чи ҳунар дорӣ ! Райис ангор аз ҳар зарбаи чӯб ҷон мегирифт ва наздиктар меомад. Ногаҳон бо дастони боз афтод рӯи зан. Хандаи зан ангор ҳолаи нуре эҷод карда буд даври он ду ва дар он торикӣ эҳсос мекардам, ки хатаре дар кор нест. Эҳсос мекардам, ки зан дар амн аст ва ҷараёни одам шудан ҳам он қадар сахт ва тарснок нест.

Хаёлам аз ҳар дуи онҳо роҳат буд. Аз роҳатӣ ва дар оғӯши ҳам рӯйи сабза ғалт задан фаҳмидам, ки як шодӣ байнашон баробар тақсим шуда буд.

Дар майдони панба борҳо дидаам, ки занҳо хандаҳояшонро гиристаанд ва гиряҳояшонро хандидаанд. Мисли замин,

ки аз борон мешукуфт.

Наташа ин дафъа даври чашмонашро қалам кашида буд ва намедонам, ин ва ё чизи дигаре буд, ки чеҳраашро бо сахтӣ шинохтам. Чӣ ҳофизаҳо, ки барнагаштанд.

Аммо қабл аз ин ки худро барои ҳазорумин бор муаррифӣ кунад, дастонамро баланд кардам ва гуфтам, "номи ту Наташа аст, медонам. Аммо намедонам чаро аз сари ман даст намебардорӣ ва шаби Соли Нав ҳам омадаӣ пеши ман." Вақте калиди мошинашро мисли ҳамеша гузошт рӯйи мизи ман, рафтам. Рафтам ба дунёе, ки дунболаш мегаштам. Дунёе, ки дигар давру барам пайдо набуд. Дунёе, ки байни хобҳои тӯлонӣ ва парешон бояд тика-тика ҷамъ мекардам. Танҳо ба хотири Наташа. Ба хотири ин духтари зебо, ки тамоми кору бораш шуда барқарории ҳофизаи аз даст рафтаи ман.

Рӯзе мехостам дасти Наташаро бигирам ва бигӯям, "шояд ман гузаштае надорам.

Шояд ман чизе надорам, ки ба ёд биоварам." Аммо калиди мошин аз рӯйи миз ба сӯям санг меандохт ва тамоми афкорамро зеру рӯ мекард. Калид ба қоби кӯчаки обиранге овезон буд, ки акси утубусе зардранг ва

қадимӣ дошт. Ба Наташа гуфтам, “метавонӣ то рӯзи душанбе бароям рӯкашу болиши тамиз биёрӣ? Тааҷҷуб кард. Аз зери тахт рӯкашҳои пушту рӯ навишташударо баровардам ва ӯ нишон додам. Намехостам шуста шаванд. “Мехохам нигаҳашон дорам.” Омад маро сахт ба оғӯш гирифту гуфт, “ин иштиёқи ту ба навиштан фавқулода аст. Дӯст дорам бинависӣ мисли модар, ки дафтари хотирот дошт ва ҳар чӣ дар рӯзгораш диду таҷриба кард дар он навишт. Ту ҳам духтари ҳақиқии ӯ ҳастӣ!” Аз сару рӯям мебӯсид. Чизе дар таҳи дилам мехост бигуяд: “хонум, шумо кӣ ҳастед?” Аммо даҳонамро маҳкам гирифтам ва ҷилуи забонамро бастам. Зуд ёдам омад, ки Наташа танҳо дӯсти ман аст. Дар ин давру бар гӯйи танҳо Наташа аст, ки аз мавҷудияти ман огаҳӣ дорад. Наташа ваъда дод коғазу рӯкаши нав бароям биоварад ва бо вуҷуди ин ки аҷала дошт нишаст канорам ва навиштаҳои рӯйи порчаро бо диққат хонд. Коре, ки ман ҳеч вақт дӯст надоштам. Хонданро дӯст надоштам. Ба хусус агар худам рӯйи дару девор ва ё рӯйҷойи хоб навишта бошам. Танҳо менавиштам, ки аз мағзам берун кунам ва битавонам бихобам.

“Ҳамаи мо гузаштае дорем. Ҳама дар кӯчаҳои гузашта нутфаҳои ояндаи худро коштаем.” Наташа бо ин ҳарфҳояш маро

гиҷтар аз пеш мекард. Вуҷудаш барои барқарории ҳофизаам ҳеч кӯмаке намекард. Аммо дар ҳузураш тарсҳоям камтар буд. Танҳо касе, ки бо ман самимона ва бе дареғ аз вақту калимот ҳарф мезад ӯ буд.

Ӯ буд, ки маро босаброна таҳаммул мекард. Мегуфт, “нури гузашта дар чеҳра ва чашмонат пайдост. Аз он нурҳое ки ҳеч вақт намешавад аз даст дод.”

Ман аммо чашм ба калид ва он қоби кӯчаки обӣ ғарқ будам. Ман нуре дар он медидам, ки шабеҳи нури офтоб маро ба гузашта ҳидоят мекард ва гуфтаниҳои зиёде дошт. Аммо чӣ касе метавонист ба ман бигӯяд, ки он гузашта моли ман аст ё моли модарам?

Рӯзи охири мадрасаро бо шавқ интизорӣ мекашидем, ки билохира тамоми вақт метавонистам ронандаи троктор бошам ва дар саҳрои бепоёни панба бо ғур-ғури садои он рӯзро ба шаб ва шабро ба рӯз бирасонам. Подшоҳи замине бошам, ки риштаи рӯзгори мардуми маҳалро ба даст гирифтааст. Ҳамеша мехостам болотарин мақомро дошта бошам ва танҳо мақоме, ки рақиб надошт ва ягона буд, ронандагии танҳо троктури колхоз буд.

Он шаб падарам бо ҷиддияти тамом маро

сари дастархон даъват кард ва гуфт, фардо бояд мадраки худро бигирам ва бо ӯ ба шаҳр биравам. Бояд дарс бихонам ва худро аз ин гилу хок берун кашам. Манзураш ин буд, ки ба ҳеч ваҷҳ розӣ нест, ки ронандаи троктур бошам! Ӯ ҳамеша мухолифи ин орзӯи ман буд.

Мехост мудири мадраса бошам. Байни ин ҳама касбу ҳунаре, ки дида ва шунида будам, мудири мадраса шудан аслан таваҷҷуҳамро ҷалб накарда буд. Чаро кас вазифае дошта бошад, ки аз субҳ дар мадраса биистад ва талабагонро, ки рӯ ба дафтару китоби худ пушти мизи мадраса нишастаанд, ба саҳро биронад, хоҳиш кунад, таҳдид кунад ба ихроҷ аз мадраса, ки бираванд кор кунанд. Ин вақт талаф кардан нест? Беҳтар аст кас вазифае дошта бошад аз ин як мартаба болотар ва бо касоне сару кор дошта бошад, ки медонанд чи мехоҳанд ва ҳамеша дар майдони кор ҳозиранд. Он вақт мудири мадраса зери дасти райиси колхоз аст ва вақте мегӯяд панҷоҳ ё сад нерӯи корӣ мехоҳад, мудир наметавонад чиҳилу нӯҳ ва ё ҳатто наваду нӯҳ нафар ба майдон бифиристад.

Хулоса ман ва падарам дар ин ҳеч ба тавофуқе нарасидем. Дар мадрасае, ки касе дил ба дарс хондан надорад ва дар

мадрасае, ки китобхонаашро мушхона аст ва китобҳояш пур аз ҷойи ҷавиданҳову бӯйи муш аст ва китобҳои боқимондаро ҳам аз байн бурдаанд. Ҳамин тобистон бақияаашро ҳам ба хотири доштани калимаи СССР ва ё акси Ленин ва ё калимаи "тоталетарӣ " ҷамъ карданду бурданд. Касоне гуфтанд, ки дар корхонаи ҷаъбасозӣ дидаанд, ки аз маҷмӯъаи шеъри Ҳофизу Хайём ҷаъбаи тухми мурғ дуруст мекардаанд.

"Бало ба паси китоб! Чӣ аҳамият дорад вақте касе намехонад! Фардо ин китобҳои навро ба хотири доштани ҳарфҳои райисҷумҳур аз байн мебаранд ва ҳамин тавр идома дорад. Чаро пас вақт талаф кунам? Беҳтараш биравам саҳрои панба ки ҳамеша ҳаст. Ҳатто агар кишвар аз байн рафта бошад ҳам ӯ ҳаст. Ҳаст барои кишварҳое азимтар ва қудратмандтаре, ки мунтазири ҳосили замини мо мемонанд. Магар на?

На! Бибахшед райис гуфта аз ин ҳарфҳо назанам." Бале беҷасораттарин кас мудири мадраса буд. Аз субҳ то шом дар ҳоли ба клас рондани бачаҳои шӯху танбал аст. Аз танбеҳ додан ҳам хаста мешуд гоҳе. Баъзе бачаҳое ҳам буданд, ки аз тарси падару модар аз боғ берун намеомаданд ва мева

мечиданд. Норми хонаводагӣ ҳам буд, ки бояд ба ҷо оварда мешуд! Мудири мадраса байни нурмҳои давлатӣ ва хонаводагӣ бояд ҳамаи бачаҳоро ба мадраса мебурд ва агар бесаводе дар маҳал пайдо шавад, ӯ танбеҳ мешуд. Аз ин ҷост, ки ҳама босавод ва боистеъдод буданд дар маҳалаи мо! Ва дар маҳалаҳои дигар ҳам. Савод яъне хондан ва навиштан! Чиҳоро метавонистанд бихонанд ва бинависанд он қадами дигар аст, ки ҳеч гоҳ ниёз ба он намешуд.

Устодонро бештар дар бозор медидам то дар мадраса. Он вақт бо ин ки ҳама аз мадраса гурезонанд ман мудири мадраса шавам?

Бо падар ҳамеша ихтилофи назар доштам. Ба худ фикр кардам ҳади ақал панбаҳо сари ҷойи худ пойдоранд ва ҳар вақт, ки омадам ҳамон ҷо мунтазиранд ва ҳама давру замон бо ҳамин ранги сафеди худ сар баланд дар ҳамин саҳро дар ҳамин замин бо ҳамин шеваи ҳамешагӣ кошта ва ҷамъ мешаванд. Лозим нест бо далели ин ки сиёсат иваз шуда, сӯзондашон ё аз байн бурд ва ё рангашонро тағйир дод. Ангор панба пойдортарин меъёри ҳақиқат буд, ки аз ҳеч барфу борон биме надошт.

Гуфтам, “падар, райиси колхоз мешавам,

агар воқеан ронанда шудан насиб накарда бошад.”

Падарам бо таассуф ба ман нигоҳ кард. “Ҳеч касбе насиби кас намешавад, бояд дунболаш биравӣ ва ба даст биоварӣ”! Гуфтам, “дунболи ронандагӣ будам ин ҳама сол ва ҳоло мебинам, ки шумо мухолиф ҳастед. “Мухолиф нестам ман муътақидам, ки ту метавонӣ касбе беҳтар аз ронандагӣ дошта бошӣ.”

Бидуни чуну чарои зиёд рӯзи баъд бо падар ба самти донишгоҳ рафтам.

Донишгоҳро бори аввал медидам. Бинои баландошёнае буд, ки ҳама бо сарҳои баланд ва виқори ғайриодие вориди он мешуданд. Танҳо касе, ки ангор нороҳат буд аз ин ки пой ба он мегузорад, ман будам. Эҳсос кардам ба ду тақсим шудаам ва ниме аз ман канори троктур мондааст, ними дигарам байни ин ҷавонони хушлибос ва шод аз ин ки донишгоҳ қабул шудаанд, ҳайрон монда будам.

Ба ҳолашон дилам месӯхт. Намедонам чаро. Шояд ба худ фикр мекардам, ки ҳанӯз хабар надорад, ки донишгоҳ китобхона надорад ва ҳама китобҳоро аз байн бурдаанд ва мунтазири китобҳои ҷадиданд,

ки қарор аст дар солҳои оянда як миқдор ниёзро бароварда кунад. Китобҳое, ки даҳ дарсадашро ин устоде, ки аз канори ман гузашт бояд бинависад ва бақияашро устодони дигаре мисли ӯ, ки ҳанӯз байни дарсу класу панбачиниҳо дар даҳ соли оянда хоҳанд навишт ва мо бо ҳам хоҳем хонд ва босавод хоҳем шуд. Агар устод муваффақ шаваду васати сол визои яке аз кишварҳои хориҷиро бигирад ва барои кор биравад он вақт масулияти ин устодро ба устоди дигаре хоҳанд дод, ки барномаи у низ ҳамон хохад буд, аммо саводаш камтар, чун ӯ шогирди устоди қаблӣ аст.

“Дар як қарни гузашта шогирде надидам устодеро дар ҳайрат оварда бошад ва мондаам дар ин фикр, ки оё устоде намонда, ки кори худро дуруст анҷом диҳад ва ё ба мағзи ҷомеа чизе шуда”? Инҳоро устодон даври мизе ба падарам мегуфтанд, ки ҳама маст буданд ва ёдашон рафта буд касе канорашон нишастааст, ки балад нест даҳонашро бибандад ва ё намедонад, чиро дар куҷо бояд бигӯяд ва ё аслан нагӯяд.

Аз ин бозӣ безор будам ва шарафро танҳо дар ронандагии троктур медидам, ки бо сари баланд дар саҳро танҳо ва дасти ҳеч сиёсате ба он намерасад, ки дурӯғ гӯяд.

Маҷбур ба дурӯиву риёкорӣ шавад.

Борон меборад ва ё барф меборад? Меборад! Маҷбур нестӣ пинҳон кунӣ ва ё нодида бигирӣ. Дасти табиат баландтар аз сиёсатгузорон аст ва ту дар канори табиат болодасттар аз ҳама ҳастӣ. Донишҷӯ шудани ман аммо даҳ сар гусфанд зарар оварда буд ба хонаводa. Харҷи роҳ, харҷи меҳмонӣ ва ҳамин ҳарфу корҳо, ки медонед... Исрори падар буд. Тақсири ман нест. Ҳеч эҳсоси гуноҳе аз ин бобат надорам, эҳтимолан агар харҷ намешуд падар эҳсоси нороҳатӣ мекард, ки расми маҳалиро зери по гузоштааст. Ва ё арӯсие барпо мекард, ки ба мардум ош диҳад? Байни арӯсӣ ва донишгоҳ дуввумиро интихоб карда будам.

Панҷ соли донишҷӯйиро хобидам. Ба ҷуз хоб ва сафар ба саҳрои панба чизи зиёде аз он мавқеъ дар ёд надорам. Аз қаҳр ҳатто тобистонҳо ҳам дидани падару модар намерафтам. Танҳо чизе, ки аз донишҷӯйи дӯст доштам, фасли панбачинӣ буд.

Коре, ки ҳам балад будам ва ҳам дӯст доштам. Танҳо нороҳатиам ин буд, ки вақте троктуре дар сахро медидам, иҷозат надоштам савори он бишавам. Ҳеч боварашон намешуд, ки ман метавонам ронандагӣ кунам ва агар ҳам метавонистам

ба ман эътимод намекарданд.

Троктур мисли шабаҳи муқаддас бо сари баланд дар майдони бепоёни панба сар ба фалак ва чашм ба тулӯъи офтоб меомад аз донишҷӯёне, ки дар ҷӯйҳои панба пинҳон мешуданд ва китоб мехонданд, безор будам. Ба худ мегуфтам, "ё китоб бихон ё панбаатро бичин." Китобҳояшонро то метавонистам пинҳон мекардам. Ба худ мегуфтам, "кош райис будам алъон бо чӯб мезадам ба банди пойшон ва китобҳояшонро пора-пора мекардам. Чаро бояд китоб бихонанд, вақте медонанд, ки ҳамашон борҳо ва борҳо сонсуршудаанд ва ба ҷуз ҳарфҳои вақтгир чизи дигаре надоранд. Вақте медонӣ, ки он ҳама китобҳои Ленин сӯзонда шуд, инҳо низ рӯзе ба ҳамин зудӣ торихи масрафашон мегузарад ва аз байн хоҳанд рафт.

Вақте медонӣ, ки ин ҳама хонданҳо фардо аз ёдат меравад ва чизе ба донишат андӯхта намешавад. Чаро бояд бихонӣ? Вақте бидонӣ, ки ба дарде марҳам нахоҳанд шуд ба худ фикр мекардам бояд чӣ кор кард, ки ин донишҷӯёни шаҳриро, ки ҳеч аз панба ва арзишу шеваи чидани он намедонанд каме дарс дод.

Панбашиносӣ роҳ андохт, ки фанни муфид биомӯзанд? Ё ба райис колхоз

фаҳмонд, ки ин донишҷӯён на ин ки ҳеч кӯмаке дар ҷамъоварии панба намекунанд балки зарар ҳам мерасонанд. Намедонам чӣ суд аст аз овардани ин ҳама донишҷӯи сар ба ҳаво, ки бархе ғарқи китобхониананд, бархе ғарқи сигоркашӣ ва машрубхорӣ ва бархе аслан машғули ишқу ошиқиву бӯсу канор. Майдони тафреҳ аст инҷо барояшон, вагарна агар медонистанд, ки асли моҷаро чӣ ҳаст ба шӯр меомаданд, эътироз мекарданд, таҷаммӯъ ва корпартойи мекарданд. Чаро намекунанд? Ба хотири ин ки на донишҷӯи воқеъиянд ва на пахтакори асил! “Мефаҳмӣ падар, маро мехоҳӣ, ки нисфу нима чизе бошам мисли онҳо, дар ҳоле, ки мехоҳам пахтакори воқеъӣ бимонам.”

Эҳсоси баде дорам. Ангор фиристода шудаам байни касоне, ки аслан мутафовит аз ман фикр ва амал мекунанд. Асабонӣ мешудам вақте ин ҳамаро шоҳид будам. Дилам ба замин месӯхт, ба панба ва ҳатто ба донишҷӯён месӯхт. Чаро донишгоҳ дар фасли дониш бидуни донишҷӯ танҳо бимонад ва ин ҳама донишҷӯи бегона бо замин ва панба дар саҳроҳо саргардон бошанд. Инро ҳечгоҳ дарк намекунам.

Аз рӯйи қарор соати ҳашти субҳ хобгоҳро тарк кардам ва бо бастабандии бузург,

тахти хоби сафарӣ ва ҷомадони пур аз либоси гарму каме хӯрданӣ ба сӯйи хиёбони донишгоҳ рафтам. Сафи тӯлонии утубусҳои мусофирбарии шаҳр назди дарвозаи донишгоҳ мунтазир буд. Имрӯз навбати мо буд. Донишҷӯёни факултаи адабиёт, ки биравем ба кӯмаки ҳамватанони худ дар ҷамъоварии панба. Ҳанӯз чаҳор-панҷ донишгоҳи дигар ҳам монда, ки бояд ба саҳро бираванд. Тамоми утубусҳои шаҳр дар хидмати мо донишҷӯён аст ва тамоми ҳафта коре ҳам ба ҷуз бурдани донишҷуён аз шаҳр ба майдони панба надорад. Ба ёди парандагоне меафтам, ки фасли пойиз рӯ ба сарзамини гарм парвоз мекунанд. Аммо мо баракс ҷойи хоби гарми донишҷуйи худро бояд тарк мекардем ва ба сӯйи бодҳои сарду сӯзони саҳрои панба мерафтем. Ватан садо мекард моро! Замин бо сахтӣ радди пойҳои мо донишҷӯёнро таҳаммул мекард ва то дер дар пӯсти худ нишоне аз моро нигаҳ медошт.

Аз боқимондаи сигор то қуттиҳои консерву моҳӣ ва рӯзномаҳои порногрофӣ, ки аз ин сари саҳро то он сараш даст ба даст парвоз мекарданд ва тамоми нигаронии ман ин буд, ки накунад ба дасти кӯдакони маҳаллӣ биафтад ва кӯдакиашон мағшуш шавад. Дилам ба рагу пайи замине месӯхт, ки бояд

бо ҳазор заҳмат қутиҳои оҳанини консервро ҳазм мекард.

Тоза як ҳафта буд, ки ба шаҳр омада будам ва боз дубора ба саҳро мерафтам.

Ҳанӯз маълум набуд, ки кадом қисмати кишвар хоҳем рафт ва ё кадом райиси колхоз ба ёрии мо ниёз дорад, то дар он маҳал пиёда шавем. Бояд то охири рӯз сабр мекардем, ки маълум шавад, се моҳ аз рӯзгори донишҷӯйиамонро дар кадом як гӯшаи ин саҳрои бепоён сипарӣ хоҳем кард.

Ҳудуди даҳ мошини полис даври мо мерафт ва роҳнамойи мекард то утубусҳо роҳро гум накунанд ва моро ба саломат ба саҳро бирасонанд. Дар мадрасае ҷойгир шудем, ки ҳафтаи пеш таътил шуда буд ва ҳамаи хонандагонаш дар саҳро панба мечиданд. Дар пушти дари утоқи мо навишта буд: “Класи 5” Мо донишҷӯён соли аввал дар ин утоқ ҷойгир шудем. Тахти хоби сафарии худро боз кардам ва дар раддаи дуввум рӯ ба рӯи панҷара дароз кашидам. Бисту панҷ нафар дар як утоқ ҷойгир шудем.

Ба дару девори клас нигоҳ кардам. Тоза ранг шуда буд. Омода барои дарс ва омӯзиш. Ҳатман хонандагон худашон вақти таътилот ранг зада буданд, он тавр ки мо мекардем ва

расм аст.

Исмашро мадад ба устодон меномем, аммо корро ҳама кӯдакон анҷом медиҳанд.

Кӯдак бояд аз кӯдакӣ ба кор одат кунад ва ёд гираду коркушта шавад. Ин тарбияти суннатӣ ва маҳаллии мост. Кори кӯдак яке аз пояҳои ҷомеъа аст. Ҳоло агар дар анҷоми кор дасту пой бишканад ва ё камари худро барои ҳамеша фалаҷ кунад ва ё барои ҳамеша нотавон шавад, тақсири худаш ҳаст, ки ҳангоми кор бозигӯшӣ карда ва диққати каме ба кор додааст.

"Кӯдакони коркушта кӯдакони хуби ҷомеъанд" мегуфт, мудири мадраса. Ва вақте аз мусофири хориҷӣ шунидам, ки кори кӯдак дар кишвари онҳо мамнӯъ аст, бовар накардам. Фикр кардам, шухӣ мекунад. Мудири мадраса ҳам ҳатман бовар нахоҳад кард." Аз ақл дур аст, ки кӯдак кор накунад. Он вақт кӣ кор кунад? Кӣ об биёрад?

Кӣ ба чорво ва дарахтҳо бирасад? На, шухӣ мекард ҳатман он мусофири хориҷӣ." Ин мафҳум барои мардуми мо ошно нест ки нест.

Ба дару девори клас нигоҳ кардам. Тоза ранг шуда буд. Ҳанӯз ангор нам дошт.

Ман ҳам дӯст доштам сандалиамро худам ранг занам ва худам тамоми сол рӯи он бишинам ва нагузорам каси дигаре дар он бинишинад.

Вале вақте донишҷӯён меомаданд ва дусе моҳ мадрасаи моро дар ихтиёри худ мегирифтанд, баъд аз рафтанашон дигар мадраса оне набуд, ки дафъаи охир дида будем. Деворҳо пур аз мех ва ёддоштҳои ошиқона ва ҳатто фаҳшҳои қабеҳ буд, ки вақте чашматон ба он меафтод сурх мешудед, ҳатто дар сақф низ бозмондаҳои сақичро мешуд дид.

Аз ин ҳама рафторашон эҳсос мекардед, ки душман ҳарими хусусии шуморо инҳисор карда ва шумо берун ронда шудаед. Вале гузашта аз ин ҳама дилатон мехост бибинад ин ҷавонони қадбаланд ва хушсурат, ки эҳтимолан хушсират ҳам буданд, чӣ мехӯрданд ва чӣ гуна мехобиданд. Шаб, ки мешуд пушти панҷараҳо барқ мезад аз чашмони кудаконе, ки аз панҷараҳои утоқҳо ба дарун нигоҳ мекарданд ва ҳамеша посбоне буд, ки чӯб ба банди пойи мо мезад ва моро дур меронд. Мо боз баъд аз чанд дақиқа дубора баргаштем ва нигоҳҳои худро мефиристодем ба дохил. Барои дидани чизе ҷадид. Чизе омӯхтанӣ, андӯхтанӣ ва орзӯ

карданӣ.

Чӣ хуш буд қисса кардани дидаҳои тоза ба дигарон. Қисса кардан аз диданиҳои ҷадид ҳарфҳои ҷадид ва тоза. Нигоҳҳо ва маъноҳои тоза ҳамаи инҳо лаззат дошт.

Дидӣ? Шунидӣ? Ба ҳамаи донишҷӯён лақаб мегузоштем ва гоҳе ошиқашон ҳам мешудем ва гоҳе аз якешон бе далел нороҳат ва ё мутанаффир мешудем.

Бо як нигоҳ тасмим мегирифтем: хуб, бад, зишт, хушрӯӣ. Садои тақ-тақ ба ҳам хӯрдани чизе меомад. Мебинам духтари қадбаланди ҳамдарсиам, ки ҳанӯз номашро ҳам намедонам, мехе ба девор мекӯбад. “Ҳой! Хонаи модарат нест, ки ҳар кор хостӣ бикунӣ!” Ногаҳон садоям баланд мешавад. Эҳсос кардам, ки даҳ- дувоздаҳ чашм ба сӯи ман ҳамзамон давид ва ҳамзамон ангор эътирози дастҷамъӣ бошад ҳамдилона бидуни ин ки калимае раду бадал шавад шурӯъ карданд ба кӯбидани мех...

Баъдан мефаҳмам, ки хелеҳошон аз хона бо худ мех оварда буданд бо пешниҳоди донишҷӯёни собиқи хонаводаашон ва ба дигарон ҳам пешниҳод мекарданд, ки мехе ба девор фурӯ кунад ва либос биовезад. Ман аввалин нафаре будам, ки бо ин қавонин

ва ё тафовутҳои фарҳангӣ бояд кам- кам бо сахтӣ ва даргириҳои зиёд ошно мешудам.

Рӯзи баъд, ки аз саҳро баргаштем ҳамаи меххои ба девор кӯбидашуда берун кашида ва либосҳо рӯйи фарш парешон афтода буданд. Ман аз лаззати дидани ин саҳна хандидам ва аз ин эҳсоси хуб, ки касе интиқоми маро аз ин духтарноздонаҳои шаҳрӣ гирифта буд, курта-курта гӯшт мегирифтам. Дар ҳоле ки фикр мекардам кори кӣ бошад? Бе ихтиёр ба берун нигоҳ кардам, торикӣ буду бас. Нуре дар берун дида намешуд. Ёдам омад, ки модарам гуфта буд, "ҳеч чизе нест, ки нодида бимонад. Ҳамеша чашме ҳаст, ки нозири рафтори мост."

Ҳашт рӯз аст дар ин бемористон байни ин ҳама навиштаҳои пароканда ва наворҳо мелӯлам, вале намедонам чаро ман ҳофизаамро аз даст додаам ва боз ба даст овардаам. Чаро Наташаро наметавонам пайдо кунам? Наташае, ки дар ин шаш-ҳафт моҳ тақрибан ҳар рӯз дар ин утоқи тангу торик нишаста ва ин ҳама талош карда, ки ҳофизаамро дубора ба даст орам ва ҳоло ки овардаам фарор кардааст? Куҷост вай? Наворро берун мекашам.

Чӣ шуд дар он охирин рӯзи филмбардорӣ?

Ёдам омад, ки модар мегуфт, “муҳим нест.

Хушҳол бош ки дубора худро ба даст гирифтаӣ ва рӯзгори худатро соҳиб шудаӣ.”

Рӯъёбофӣ ҳам хуб аст, аммо воқеъият нест. Берун барф меборид. Барфи рез ва якмаром. Аз пилаҳо боло рафтам ва ба Наташа занг задам. “Наташа, метавонӣ биёӣ имшаб? Мехоҳам ҳарф бизанам. Наметавонам бинависам. Беқарорам. Бояд ҳарф бизанам.” Гушии телефонро гузоштам ва рӯи тахт нишастам.

Даври хотиротам тунд шуда буд ва тундтар аз ҳамеша мегашт. Ҳайф, ҳайф аст, ки Наташа ин бахшҳоро аз даст медиҳад. Шояд то бирасад дигар ёдам намонад.

Зеҳнам ангор медавид. Он гуна ки дар саҳро медавидам.

Эҳсос мекардам бо саҳро ҳамнабзам. Аз ин ки дар саҳро чун моҳӣ дар об роҳат будам ва эҳсоси бениёзӣ ва бенуқсонӣ ба ман даст медод, аз он ҳама ҳамдарс ва устод, ки аз камҳушӣ ва дарснохонии ман ҳарф мезананд ва дар ину он ҷаласа аз ман шикояте мебурданд, фурсат медод, то ҳисоби худро баробар кунам.

Нурми ҳаррӯзаи донишҷӯйи 30 килугром панба буд. Ман сад то саду бист килу мечидам, он ҳам то нисфи рӯз ва пой дар ҳаво поёни майдон дароз мекашидам.

Соатҳо дароз кашидан боис шуд ман ба умқи моҷаро фикр кунам. Моҷарои вуҷуди ман ба унвони як инсони заминӣ. Худро ҳамеша бо панба шабоҳат медодам.

Нутфае, ки шурӯъ ба шакл гирифтани ман мешуд ангор ҳамон тухми панбае буд дар ҳамон ҷое, ки меафтод бояд рушд кунад.

Дар ҳамон маҳал сабз шавад ва дар ҳамон маҳал хушк. Бо ҳамаи ишқу алоқаам ба панба ногаҳон эҳсос мекард, ки ман шабеҳи панба нестам. Ман панба нестам то мунтазир бимонам, ки имсол дасти чӣ касе маро бичинад. Дасти меҳрубони деҳқон ва ё дасти бе муҳаббати донишҷӯйе, ки ҳамзамон, ки даст ба рӯям мебарад, лаънат ба ман бифристад; ё троктуре, ки бо суръати тамом аз сафи ҳамсину солони ман бигузарад ва бо теғ ҳар чӣ ба чангаш омад, битарошаду биравад. Даст ба ғунчаи панба мебарам ва чаҳор ангуштамро ба ҳолате меоварам, ки ангор себе мехоҳам аз дарахт бичинам. Эҳсос мекунам панбаи сафеди зери дастонам нарм- нарм боло ва пойин мешуд. Ангор даст ба пистоне

бурда бошам нарму нозук. Ба атроф нигоҳ мекунам. Донишҷӯён дар ҳоли хаму рост шудананд ва аз ҳаракаташон мешуд ташхис дод, ки бемеҳр, бе муҳаббат даст ба сару рӯи панбаҳо мебаранд ва бидуни ҳеч эҳсоси сард аз ғунча ғӯзаҳоро берун мекашанд ва ба домони овезон ба гарданашон меандозанд.

Аз чаҳор хонаи ғӯза ҳамеша як ё ду тика панба ҷо мегузоранд. Саҳро аз садои панбаҳои дурафтода пур аст. Садои наҳиф ва ларзони панбаҳои танҳо ва ҷомонда.

Дар ҳавои сарди пойизӣ ба саҳро менигарам. Ангор ман аз ҷинси саҳро ва ҷинси панбаам. Ҳамбастагии ман бо ин ду бештар аст то бо донишҷӯёни гурусна ва хаста ва дур аз хонаводаҳои худ, ки бештариншон бори аввал шаҳрро медиданд ва бори аввал аз модари худ дур шуда буданд, то чизеро бо исми панба аз саҳро ҷамъ кунанд ва баргарданд сари дарсу зиндагии худ.

Дастони аз сармо сурхшуда ва хат-хат кафидаи духтарони зебо бароям он қадар ғуссадор набуд, ки панбаҳои нимачида дар саҳро. Кош метавонистам ин ду чизи мутазодро аз ҳам ҷудо кунам ва ҳеч гоҳ дар ҳеч гуна шароите ин ду душманро канори ҳам набинам. Панба ва донишҷӯ.

Барф бо ҳаракоти сабук аз осмон фуруд меомад. Рӯи мижгонҳоям ду-се то аз барфакҳои сафед нишеман карда буд. Дилам шод буд, ки борон наборид. Зери борон намешавад панба чид. Панбаҳои боронхӯрда чандин баробар сангин мешаванд ва замин гилолуда ва роҳ рафтан душвор. Аммо садои норозии ҷавонон аз дур шунида мешуд, ки "чаро барф? Мо, ки борон хоста будем! Эй худо! Ҳастӣ?

Мешунавӣ?"

Зери лаб табассум кардам мисли ҳамон табассуме, ки шабҳо вақте даври оташ донишҷӯён овоз ва шеър мехонанд, дар чеҳраи ман пайдост. Намедонам ҳанӯз, намедонам, ки маънои он чист. Тамасхур аст ё ҳамдилӣ ва ё ҳамдардӣ.

Агар панба набуд ба назарам чизи дигаре намерасад, ки моро тамоми сол саргарм нигаҳ дорад. Аз аввали тобистон то охири зимистон барои мо кор эҷод кунад. Аз шудгор то тухмапошӣ, аз алафи бегона чидан барои хӯроки чорво, то ғузапояҳои онро ба унвони ҳезӯм ҷамъ овардан, то аз сармо раҳоӣ ёбем. Ин ҳама кори тамоми сол аст. Коре, ки поён надорад. Коре, ки меҳвари зиндагии мардум аст.

“То ин сохтори амиқи ҷомеъа барпост, ҳеч унсури мудерн сари пой нахоҳад истод, мефаҳмӣ, фарёд мезад падар. Мефаҳмӣ, то касоне мисли ту бедор нашаванд, тағйире ба вуҷуд нахоҳад омад!!!”

Ҷавоне, ки ман ҳамеша аз ӯ фирорӣ будам ва эҳсос мекардам ӯ танҳо ҳамдарсии ман аст, ки аз ман фирорӣ нест ва ангор маро гоҳу ногоҳ дарк мекунад ва аз ман дифоъ ҳам мекунад. Исмашро дар ёд надорам. Ҷавони камлаёқате дар дарс хондан аст ва шояд аз белаёқатии ман ба дарс ва донишгоҳ аст, ки бо ман эҳсоси ҳамдилӣ мекунад. Он рӯз рӯзномаеро дар даст дошт. Назди ман омад ва барои худ чой пайдо кард ва даври оташ нишаст. Ду-се аксе диққаташро ҷалб карда буд. Нигоҳе ба аксҳо кардам. Гӯсфанди навзоде бо ду сар ба сахтӣ рӯи пойи худ меистод. Дар Қазоқистон дар соҳили дарёчаи Арал чандин тифл ва чандин барра бо ду сар ва ё шаш по ба дунё омада буданд. Бори аввал аз дарёчаи Арал мешунидам.

Садои коргардон баланд шуд: “Стоп! Мисли одати ҳамешагии худ тап-тап кафи дастонашро ба ҳам зад то гурӯҳ мутаввачеҳ шаванд.

“Дарё магар хушк мешавад? Ҳамон тавр ки ҳеч вақт боварам нашуд, ки қатра-қатра

ҷамъ шавад дарё шавад, боварам намешуд, ки оби дарё тамом шавад. Боварам намешуд. “Чӣ тавр буд?” Бо шухӣ гуфт, “ҳанӯз хеле монда то мисли модарат бишавӣ, вале хеле беҳтар аз қабл буд, хеле беҳтар.”

Ҳар ду дасти худро гузошт рӯи шонаам. Шояд ин аввалин тамоси ӯ буд ба баданам чун барқ тамоми баданамро фаро гирифт. Гармои онро муддатҳо рӯи шонаҳоям эҳсос кардам. Ангор утӯи доғеро рӯи шонаам гузошта бошад. Гурӯҳи филмбардориро мураххас кард ва маро низ ба сӯи хаймаҳо ҳидоят.

Дастонашро зери шири об гузошт ва бо ҳавсала бо об бозӣ кард. Чашмонаш шод ва равшан ба назар мерасид. Ҳамеша ба мантиқи об ва хок фикр мекардам, аммо имрӯз фикр кардам ба умқи он бештар расидаам. “Ба чӣ пай бурдед?”

Як нигоҳе ба ман андохт, ки намедонам манзури он нигоҳ чӣ буд. Шояд мехост бигӯяд, ки “чанд бор гуфтам “шумо” нагӯ ва ё ту, ки дигар бояд бидонӣ манзурам чӣ ҳаст.” Аммо гуфт, “бо ҳам халлоқанд ва бидуни ҳам тахрибгар!”

Намедонам чӣ фикр кард. Ба ин ки филмбардорӣ тамом шавад ва бираваду

боз ҳам пушти мизи тадвин дубора тамошо кунад. Мегуфт, “дидани ту аз чашми дурбин лаззат дорад”. Ин қадар калимаи лаззатро ба кор бурд, ки ман ҳар бор рӯ ба рӯи дурбин мешавам ба лаззате фикр мекунам, ки ӯ мегуфт. Маҳви дурбине, ки ба ман фурсат медод ба чашмонаш нигоҳ кунам, бихандам, ҷасур ва далер бошам.

Савори троктур шавам ва дар саҳрои сафеди пур аз панба бо виқор қадам занам.

Ончунон сарбаланд қадам занам, ки вақте ҳам боди нарми саҳро зулфонамро ба чапу рост мезанад, беэътино бо ифтихор ва ғуруб нигоҳ кунам.

Калиди сангин ва равғанолуди троктурро рӯи шонаҳои худ гузошта будам ва бо садои баланду баландтар овоз мехондам. Таронае, ки бо садои мутури троктур омехта мешуд ва дар паҳнои саҳрои пуродам маҳв.

Аз ӯ пурсидам, имрӯз иҷроям чӣ тур буд? Чашмони худро танг карду бо лаби каме каҷ гуфт, “бад набуд”. Аз ҷой ҷаҳидам ва ба сӯи хона давидам. Ҳеч вақт аз кори ман хуб намегуфт. Ҳеч вақт ба рӯи худ намеовард, ки иҷроям беҳтар ва беҳтар мешуд.

Медонистам, ки гирифтори нақши модар

буд ва ман гирифтори донистани назари ӯ. Шояд ҳам худи ӯ. Дар тамоми муддати филмбардорӣ бидуни ин ки хоста бошем бо ҷангу ҷидолҳо ба ҳама маълум карда буда, ки байни мо чизе ҳаст. Алоқа ва ё худозорӣ намедонам, вале ҳар чӣ буд байни дигарон набуд. Борҳо пеш омада, ки тасвири мавриди назарашро бардошта, вале то бардоштҳои панҷум ва ҳафтум ҳам рафта аст. Борҳо шуда, ки гуфта "идома намедиҳем, бас аст, аз ин духтар имрӯз беҳтар аз ин намешавад кор гирифт," вале рӯзи дигар гуфта "саҳнаи баъдӣ!" Шояд кӯмак мекард саҳнаҳои гуфтугӯ бо райиси колхозро хуб бозӣ кунам.

Райиси колхоз дастамро гирифта буд ва кафҳоямро боз карду бо садои баланд гуфт, "ин дастон кори даҳ мардро анҷом медиҳанд. Ин дастон кишварро сарбаланд нигаҳ медоранд. Ин дастони як зани қаҳрамон аст, шумо аз ӯ чӣ камӣ доред?"

Ба дастони хушк ва сиёҳу камгӯшти худ нигоҳ кардам. Ба захмҳои чок-чоки сари ангуштонам, ки дар асари тамоси пай дар пайи ғӯзаҳои панба хат-хат кафида буданд. Дастонамро ба самти худ кашидам. Гарданам ҳамчунон кашида ва чашмонам пур аз шӯълаи шавқу завқ буд. Ин аз он иттифоқоте аст, ки кам рух медиҳад.

Саҳни мактаб пур буд аз донишҷӯён ва устодони донишгоҳҳое, ки дар маҳалли мо машғули кӯмак дар ҷамъоварӣ буданд. Ҳама гирдиҳам омада буданд, то аз охирин ахбори панба дар кишвар огаҳӣ ёбанд.

Ҳама чашм ба райиси колхоз буд, ки бо яке аз духтарони лоғари маҳаллӣ рӯ ба рӯйи онҳо бо ифтихор аз ғунучини панба мегуфт ва аз қаҳрамонии занони шуҷоъ ва ҷасури мантақа, ки агар онҳо набошанд, агар мардонагӣ ва муқовимати онҳо дар муқобили табиъати бешафақат набошад, тамоми ҳамватанонамон дар тангдастӣ хоҳанд монд.

Бо ин ки захмҳои дастонамро пинҳон мекардам ба ин фикр мекардам, ки воқеъан ин панбаҳо ба чӣ дарди мо дармон мешавад? Бо ин ки медонистам модар аз ин тардидҳо дар дил надошт ва ҳеч боре ҳам бо шак аз панба нанавишт. Оё ин далел мешавад, ки ман ҳам бояд мисли ӯ бошам? Ман ҳам ҳамон суолотеро матраҳ кунам, ки ӯ дар дил дошта? Ман радди пои панбаро гум карда будам ва дар зиндагии рӯзмарраи худ аз он намедидам. Намедидам ва намедонистам, ки ин панба барои чист ва ё барои кист? Ин панба давои дарди ҷомеъаи мост ё далели дардҳои фаровони мо?

Бо ин саволҳо дар зеҳн дидам, ки коргардон ишора кард “ҳоло” ва ман бо ифтихор дунболи ошное, дӯсте ва ё рафиқе гаштам бо умеди фаровон дар чашм, ки кош ин хабар ба гӯши мардум бирасад. Хабар бирасад, ки аз мо қадрдонӣ шуд! Билохира, назди ин шаҳриҳои ноздона ва коргурез сари моро бардоштанд ва қадрдонӣ карданд. То тавонистам сарамро баланд бардоштам.

Офтоб сар аз гиребони теппаҳо берун бароварда буд ва чашмҳоро хира мекард.

“Падарсаг билохира кори хайре ҳам дар мавриди мо кард.” Дар дил аз райис ташаккур мекардам. Ҳарчанд ҳеч вақт намебахшамаш, ки тароват ва ҷавониро аз ман гирифт ва бо пӯсти сӯхта ва ожангҳои рӯ-рӯйи ҳам даври чашму зери гарданам, ки аз ман як одами гӯшагир сохта.

Ҳануз чеҳраи ҷавон ва дастони сафеду зебоям ёдам ҳаст ва ҳамеша аз рӯ ба рӯ шудан бо касе дар оташи шарм месӯзам. Дар ҳасрати тамом месӯзам, ки “вой одамҳо, ман ҳам замоне зебо будам. Замоне бисёр кӯтоҳе аммо зебо будам!”

Райис суханони худро ба поён расонда буд ва ҳама ба ман чашм дӯхта буданд.

Нафаҳмидам, ки чӣ шуд? Райис дубора дасташро ба сӯи ман дароз кард ва ангор мегуфт, “чизе бигӯ, чизе бигӯ лаънатӣ чаро даҳонатро боз намекунӣ?” Ҳазор бор печу тоб хӯрдаву шармандавор гуфтам: ” Хуш омадед меҳмонони азиз! Ва бо табассуми аҳмақона бар лаб мунтазири кафкӯбиҳои тӯлонӣ шудам. Касе каф накӯбид ба ҷуз райис, ки бо дастони сангинаш тап-тап ба шонаи ман зад ва маро ба поёни саҳна ҳидоят кард.

Мусиқӣ садо дод ва ҳамаи донишҷуён ба рақс шурӯъ карданд. Райис бо як даст меҳмононро ба рақс мехонд ва бо як дасти дигар бозӯи маро гирифта буд ва бо каме шитоб аз байни издиҳом берун мекашид. Сар ба поён андохта будам ва ба доманҳои кӯтоҳ ва хушранги духтарон нигоҳ мекардам. Лаҳзае ба он фикр кардам, ки рӯи ин пошнаҳои баланд чӣ гуна мерақсанд? Калӯши нави модар ва шалвори кӯҳнаи бародарам беҳтарин либосе буд, ки тавонистам пайдо кунам дар ин ҷаласа бипӯшам.

Эҳсос кардам, ки райис аз ҳузури ман дар ин ҷаласа шарм медорад. Росташро гӯям ман ҳам шарм медорам. Худро дар маҳалли худ ва дар мадрасае, ки дар он даҳ сол таҳсил

кардаам, бегона эҳсос мекардам. Худро дар пӯсти худ бегона эҳсос мекунам. Чанд сол аст, ки ин ҳисро дорам. Вақте ба ойина ва ё чашми касе менигарам мефаҳмам, ки ман оне нестам, ки мехостам бошам. Медонистам, ки танҳо ҷое, ки роҳатам, саҳрост. Аз канори утоқе рад мешавам, ки он ҷо даҳ сол пушти мизи аввал менишастам ва ҳамеша орзӯ мекардам, ки дарс тамом шавад ва баргардам хона. Нону чое бихӯрам ва биравам сари мазраъаи панба.

Аз ин даҳ соли таҳсил танҳо намои панҷараро ба ёд дорам. Дар тӯли даҳ сол муаллимони мухталиф меомаданду чизҳое мегуфтанд ва мерафтанд. То рӯзи 25 моҳи май расид ва ин дафъа ман баъд аз даҳ сол дарсхонӣ аз мадраса рафтам, яъне хатм кардам. Фирор накардам. Сабр кардам то даҳ сол бигзарад.

Ҳамеша ин моҳи солро дӯст доштам. Вақте донишҷӯён барои кӯмак меомаданд ва моро аз дарс мураххас ва утоқҳоямонро барои донишҷӯён вогузор мекарданд, мадраса ба хобгоҳи кӯмакчиён табдил мешуд. Мисли ҳоло ки боз омадаанд кӯмак кунанд то ҳосили панбаро ҳарчӣ зудтар, қабл аз зимистон ҷамъоварӣ кунем.

Ҳоло ки ноибраиси колхоз таъйин

шудаам, медонам, ки ҳарчӣ зудтар омадан ва рафтани донишҷуён нишони муваффақият аст. Нишони он аст, ки колхоз барномаи солонаашро иҷро карда ва бақияро мешавад, мешавад... ба ман гуфтаанд, ки ба шумо нагӯям.... Фикр кунам аввалин чизе, ки ман аз дунёи берун дидам мазраъаи панба буд.

Модар шояд бо ҳамон шеваи модаронаи худ мани навзодро рӯи даст гирифта ва аз панҷара ба берун нишон дод: "Бибин! Тиллои сафедро бибин!

Сармояи миллии мост! Замини мост! Давлати мост! Кишвар, Ватани мост!"

Замини кишти панба аз пушти панҷараҳои мо шурӯъ мешавад ва то ҷойе идома дорад, ки чашматон қодир ба дидан аст. Аммо росташро гӯям, баъд аз он ҷойе, ки дигар чашмонатон ҳам қодир ба дидан нест, мазраъаи панба аст.

Модар мегӯяд ман дар миёни кишти панба ба дунё омадаам ва баъд ман ва модарамро ба ҳамин троктуре, ки ман алъон ронандагӣ мекунам, савор кардаанд ва ба хона овардаанд.

Пурсидам, "чаро ба бемористон набурданд?" "Одам бемористон замоне

меравад, ки мариз бошад ва ё ба кӯмаки пизишкон ниёз дошта бошад, ман на мариз будам ва на ба кӯмак ниёз доштам. Ман хушбахт будам, ту ба дунё омада будӣ!” Ба қоби панҷара нигоҳ кардам. Ин қоби рӯзгори ман аст. Ба ҳамин тангӣ ва ба ҳамин чаҳорчӯби майдони панба маҳдуд аст.

Наташа бо дастае коғаз вориди утоқ шуд. Хабари хубе оварда буд. Эҳтимолан барқарории ҳофизаам шаст дар сад буда ва мумкин аст дар ҳамин рӯзҳои наздик аз хоб бедор шавам ва ангор дар як кумое будаам ҳама чизро ба ёд хоҳам овард ва метавонам ба хонаамон биравам. Худкорро рӯйи хатҳои дафтар гузоштам ва фикр кардам.

Фикр кардам, ки чӣ қадар сахт аст навиштан вақте ҳеч чизе дар ёд надорӣ ва чизеро дар ёд дорӣ моли ту нест ва ба ту бигӯянд, ки чӣ моли ту ҳаст ва чӣ моли ту нест ва ту қодир ба ташхиси он набошӣ. Вақте танҳо нигарониат дарди сару эҳсоси истифроқ аст. Навиштам: “Ду рӯз аст, ки саргичаам кам шуда ва дар тахти хоб боло наовардаам.

Наташа ҳангоми рафтан ва бастани дар гуфт, хушҳолам, эҳсоси беҳтаре дорӣ ва дардҳоят кам шуда.” Навиштам: ” Лабханд. Хушвақтӣ. Модарбузург… Як доираи се насл”. Намедонам модар буд

ва ё модарбузург. Модари ман буд ё модарбузурги модар, ки мегуфт, “инсони хушбахт он аст, ки дунёгардӣ кунад ва ниҳоятан дар ҳамон гӯшае аз замин хок шавад, ки рӯзгораш он ҷо шурӯъ шуда.”

Тамоми сагҳои хонаводаро дар боғча гӯр мекарданд ва ман аз хӯрдани ҳар мева ва сабзӣ аз боғ худдорӣ мекардам. Ҳоло ба ин саҳрои бекарони панба нигоҳ мекунам ва фикр мекунам “ман куҷои ин саҳро хок хоҳам шуд?”

Аз ин фикр метарсидам ва мутури троктурро хомӯш мекунам. Ёди он устухонҳое меафтам, ки аз зери чархҳои троктур кашидаам.

Касе ин давру барҳо нест. Касе ҷуръати қадам задан дар ин соати рӯз дар ин қисмат аз майдон надорад. Замин ҳайбате дорад, ки танҳо ман бо он унс гирифтаам. Модар мегуфт, “ҷинҳои ман бо ҷинҳои саҳро ҳамхонанд.” Мантиқи ман бо мантиқи ононе, ки дар бистари гарм ва утоқи сарбаста ба дунё омадаанд фарқ дорад. Ман аз хона ва зери сақф метарсам. Хатари фурӯ рафтани сақф бештар аст, то фурӯ рехтани осмон!

Кори ман дар ҳар фасли сол мутафовит

аст. Вале замин ҳамон, троктурам ҳамон.

Дар рӯзҳои аввали донишҷӯйи дар худ вазнинии нигоҳеро рӯи шонаҳои худ пай мебурдам. Нуре аз ду чашмонам ҷудо мешуд ва ба сафар мерафт. Гоҳе ба сӯи ҷавоне, ки канори ман нишастааст ва гоҳе ба саҳроҳои дурдасти маҳалламон.

Садои устоди навбатдор омад, ки мехост донишҷуён баргарданд ба мадрасаи деҳ, ки ҷойи иқомати мо аст. Барф рӯи ниҳолҳои панба ҳамрангие эҷод карда буд. Дастонам аз сармо хушк шуда буд ва вақте талош кардам домони пурро аз замин баланд кунам, пӯсти дастонам ангор торс-торс кафид ва хат-хат хун пушти дастонам пайдо шуд. Дастонамро ба даҳонам наздик бурдам. Хостам бо гармои нафасам пӯсти дастонамро нарм кунам. Лаби пойинам бо аввалин ҳаракат ангор ба ду тақсим шуда бошад теғ кашид.

Роҳи дигаре надоштам, ба ҷуз овезон кардани домони панба ба банди дастонам, ки эҳсос мекардам қуввати бештаре доштанд. Наметавонистам панбаи ҷамъкардаамро аз ҷой такон диҳам. Ба ду домон тақсим кардам ва ҳар дуро бо навбат ним метр ба самти тарозӯ кашидам. Касе ба кӯмакам намеомад. Аз нигоҳҳояшон пайдо буд, ки

мегуфтанд, натиҷаи худнамоӣ ва зиёд чидан ҳамин аст!

Донишҷӯён аввали субҳ бо таваҷҷуҳ ба ҳосили замин ба худ қарор медоданд, ки он рӯз сари кас чанд килу бичинанд. Ман ҳеч гоҳ ба ин нурми тавофуқии онҳо қаноъат намекардам ва ҳамонеро мечидам, ки бо модари худ ва занони маҳал мечидам.

Ҳамонеро мечидам, ки замин фароҳам карда буд. Ман ангор аз тоифаи худи панба будам, ки ҳамклосиҳо ба ман ва саҳро бо як дид нигоҳ мекарданд.

Дар ин сармо бештар эҳсоси танҳоӣ мекардам. Вақте эҳсоси танҳоӣ дорам ба гармо фикр мекунам ба гармои бадан ва ба ҳамхобагиҳое, ки дар филмҳо дида будам.

Боди хунак ва нарм саҳро ҳамеша маро ба ёди ҳамхобагӣ меандозад.

Аз замоне, ки бо замин рафту омад доштам, яъне аз давороне, ки худро мешинохтам ҳамеша шоҳиди ҳаракоти шаҳвонии касоне будам, ки ҳар чӣ заминитар ҳамон қадар шаҳвонитаранд. Ҳар қадар камсаводтар ҳамон қадар чашм ба ҳамхобагианд.

Намедонам замин аст ё осмон, ки ин ҳисро

дар кас барафрошта мекунад. Ва ё паҳнои байни замин ва осмон аст, ки ҳайбате дорад ва инсонҳо ба оғӯши ҳамдигар паноҳ мебаранд. Нисфи рӯз буд. Шишаҳои троктурро боз гузошта будам ва пойҳоям рӯи ҳам аз шиддати гармо нимҳуш дароз кашида будам. Ларзиши наҳифе дар баданам такон мехӯрд ва мавҷи ҳафифи ноошное баданамро фаро гирифта буд. Мавҷи гуворое торҳои баданамро танзим мекард. Ангор қодир будам овоз бихонам ва бирақсам.

Он тавр ки дар намоишҳои оперо ва балет дида будам. Аммо дилам чизи бештар аз рақсу овоз мехост. Гармои ҳиссеро дар ман бедор мекард, ки барояш ном надоштам, намешинохтам. Бо гармои ҳаво ба хунукии замин ронда мешудам ва бо аввалин тамос бо замин, бо хок эҳсоси роҳатӣ мекардам ва эҳсоси раҳоӣ ба ман даст медод.

Эҳсоси рушду нумӯъ ва малаху мурчаҳои ташнаро роҳ медодам рӯи пӯстам роҳ раванд ва маро кашф кунанд ва ман худро.

Соати панҷи субҳ буд. Зани масъул бо оҳистагӣ дар зад ва бидуни ин ки чизе бигӯям ворид шуд. Дар даст як истакони қаҳва дошт. Рӯйи миз гузошт.

Вақте канорам гўшаи тахт нишаст, гуфт, “худатро зиёд даргири гузашта накун, азизам. Он ҳам гузаштае, ки худоро шукр пушти сар шуд. Намедонам дунболи Наташа гаштан чӣ қадар кўмакат мекунад.”

“Хоҳиш мекунам. Боз ҳам кўмак кунед. Намедонам чаро вале, бояд пайдояш кунам.

Бояд бидонам куҷост! Хоҳиш мекунам кўмакам кунед.”

Дасташро бо ду даст гирифта будам. Гўйи метарсидам фирор кунад. Бо дасти дигар қаҳваро аз рўи миз бардошт ва ба дастам дод. “Сард мешавад, бихўр.” Дасташ аз байни дастонам лағзид. Аз ҷой баланд шуд ва дами дар рафт. “Бошад, бибинам чӣ коре метавонам бикунам.”

Дубора рўи тахт дароз кашидам. Лаззати кашфи гузашта туғён карда буд. Даст ба дафтари қадимӣ мебарам. Дафтаре, ки Наташа бароям фиристода буд. Дафтаре, ки намедонам дафъаи чандум ғарқи он шудам ва замону макон маҳв шуда буд. Дар зеҳнам чеҳраҳое буданд, ки рўз то рўз равшантар мешуданд ва дар осмони гоҳ тира ва гоҳ офтобӣ ҷавлон мезаданд. Чеҳраҳое, ки гоҳе дар ҳам маҳв мешуданд. Наташа бо Михаил ва Михаил бо модар ва модар бо ман. Гоҳе

хамире буданд, ки дар ҳам мешуриданд ва раҳо меёфтанд. Сарам гиҷ мерафт аз бозии рангҳо дар нури чароғҳои утоқ.

Наташа дастпухти худро гузошта буд рӯи миз, ки бӯи дилкашаш тамоми фикрамро ба худ кашид. Дигар наметавонистам ба чизе ғайр аз он фикр кунам. Даври миз нишастем ва шириниҳои Соли Нави масеҳиро, ки Наташа оварда буд, васат гузоштем. Ҷойи чойи талх холӣ буд. Наташа тукмаи болои тахтро зад ва супориши чой дод. Соати тиллоӣе дар банди дасташ буд ва вақте шириниро тақсим мекард ангор море буд, ки дар ҳимоят аз дастони булӯринаш ҳалқа зада буд ва гоҳе ҷарақае аз он мехест, гӯйи аз чашмони он мор буд. Наташа пурсид "чизеро ба ёд овардӣ?" Нороҳат шудам, ки чаро ин қадар исрор дорад, ки ман чизеро ба ёд биоварам. Ман қонеъ будам ба ҳамине ки дорам. Нигоҳаш ба рӯйкашҳои болиш афтода буд, вақте вориди утоқ шуд. Аммо чизе нагуфта буд. Медонам манзураш он навиштаҳост.

Аммо навишта навишта аст, муҳим нест, ки воқеъият бошад ё моли ину он. Кас менависад, то роҳи нафасаш боз шавад, то санге аз синааш пойин билағзад ва эҳсос кунад, ки сабук шудааст.

Эҳсос кунад, ки заҳреро аз зеҳни худ дур рехтааст. Аммо Наташа дӯст дорад бидонад, ки чӣ ва чаро навиштаам. Вақте тикаи шириниро газ мезанад ангушти дасти чапаш ба сӯи болин буд ва талош мекард бихонад. Чӣ тавр мешавад ин навиштаро хонд. Ҳатто ман худ талош кардам бихонам, натавонистам. Гӯйи касе дар қолаби ман бедор мешавад, вақте мехобам ва аз дастони ман мехоҳад, ки бинависам. Ва ман менависам. Тунд ва бидуни ин ки фикр кунам менависам. Менависам, ки навишта бошам: Худо Ҳофиз Панбаҳои худхоҳ, Ки рӯҳи дарё чашида аст Так-таки донаҳои шумо!

Ин навиштаи писари шоирнамо, ки дар рӯйи домони панбаи худ бо худкор навишта буд. Ҳамеша ману ӯ будем, ки пушти сари ҳам ба тарозу наздик мешудем ва ҳамеша домони ӯ камбортар буд. Ҳар бор навиштаи домонаш бештар ва бештар мешуд. Бисёр кунҷков будам, ки навиштаҳояшро бихонам. Иҷоза намедод. Гоҳе ҳам дар ивази чанд килу панба мегузошт ду-се ҷумла бихонам. Аммо дӯст доштам, гаштаву баргашта ҳамин навиштаро бихонам. Яке аз шабҳое, ки даври гулхан нишаста будем, канори ман нишаст.

Ин бор кунҷков шуда буд, ки чаро ман байни он ҳама навиштааш он якеро дӯст дорам ва ҳар бор онро мехонам. Аслан истилоҳи "панбаҳои худхоҳ" зеҳнамро он чунон машғул карда буд, ки ангор дар хунам рафту омад мекард. Гуфтам, "манзур аз он навишта чӣ буд?" Гуфт, "баъд аз дидани акси дарёчаи Арал навиштаам. Ҳатман рабте ба ҳам доранд."

Бори аввал робитаи дарёча ва кишти панбаро аз ӯ шунидам. Борони нарме меборид ва ҳамаи донишҷӯён бо шӯхӣ ва бозӣ саҳроро тарк мекарданд. Даст ба панбаҳои аз борон таршуда задам ва ҳарфҳои он шоири ҷавонро ба ёд овардам: Ин панбаҳое, ки мебинӣ  Моҳиёне будаанд Дар обҳои Арал.

Нигоҳи гурги саҳроӣ бо гурги кӯҳистонӣ фарқ дорад. Дар саҳро дурбинӣ ва тездавӣ маҳорат аст. Дар кӯҳистон ҷаҳиши баланд аз санг бар санги дигаре. Мегӯянд, қарор буда ронандаи троктур бошад. Аммо сабукдушаш кардаанд. Иван гуфта, "бибин ин гоз, ин турмуз, ин данда ва ин тугма барои пошидани моеъи зидди ҳашарот ва ин ҳам барои ин ки дандонаҳояшро иваз кунӣ, ин ҳам барои шудгор… ва ҳамин."

Райис гуфт, "бипар бибинам аҳлиин кора

ҳастӣ аслан!” Ва ман чизе ёдам намонда буд, ки чӣ тугмае барои чӣ коре буд. Ба ёди он афтодам, ки ҳамин роҳнамойиро ба ман ҳам дода буд.

Аммо райис набуд ва ман ҳамаи тугмаҳоро бо навбат фишор медодам ва шигифтзада аз он будам, ки ин ҳама оҳантудаи азимҷуссаро мешавад бо як ангушт аз ҷо такон дод, роҳ бурд ва шона ба сару мӯи замин зад. Шигифтзада механдидам. Хандаи ҳаяҷонзада ва тарсолуда. Руймоламро боз кардам ва арақи гардан ва сари синаамро пок. Аз рӯзе, ки орзӯи рондани ин троктурро доштам, то ба ҳол даҳ сол гузашта буд ва ман ҳар сол ҳудуди се то чаҳор килу вазн изофа карда будам. Баъзе вақт фикр мекардам, аз зарофат ва занонагиам чизе намонда, то ба ин трокутур расидам; гоҳе ҳам шак мекардам. Шояд аслан вокеият ин буд, ки то ба худ қиёфаи мардона нагирифтам троктурро ба ман надоданд. Зиндагониро аз замин омӯхтам ва сабки зиндагӣ карданро аз троктури сурхранги колхоз, ки таку танҳо дар авҷи шайдоӣ бо замин ишқ меварзид. Дар ҳама фасли сол бо шеваҳои мухталиф бо он ишқбозӣ мекард. Вале ҳечгоҳ таркаш накард.

Вақте аз кор афтод ва тикаҳои ҷисмаш аз

ҳам рехт, худро дар оғӯши замин супурд ва пинҳон шуд. Дафъаи охир, вақте аз замини колхоз, ки дигар моли колхоз набуд дидор кардам аз троктур танҳо дандонаҳои бузурги оҳанинаш монда буд, ки чун устухонҳои динозавр дар гӯшае аз саҳро афтода буд ва ду-се кӯдак рӯи он ҷасту хез мекарданд. Ба падарам гуфтам, "троктур бояд зери ҳамин хок бошад." Бо табассуми малеҳ ба ман нигоҳ карду гуфт, "тикаҳои троктурро то охирин қисмаш пайдо карданд ва фурӯхтанд." Аз панҷара ба берун нигоҳ кардам. Аз замини панба хабаре набуд. Ҳамаро хона сохта буданд. Ҳамаи он замине, ки панбазори бепоён буд аз коноли боло то коноли пойин густарда буд, дигар зери пойи хонаҳои навсохт буданд. Ангор аз замоне, ки деҳро тарк кардам ҳама сокинон шабу рӯз дар ҳоли бачча овардан ва хона сохтан будаанд.

Офтоб! Як қадам ба пеш! Райиси донишгоҳ, ки рӯзи охир бо мо донишҷӯён мехост ҷаласа дошта бошад, аввал хост бо маросими тақдири мо шурӯъ кунад. Ман ва боз чаҳор нафари дигарро як қадам ба пеш хост ва ба ҳамаи мо дар ҳоле, ки аз мо ташакур мекард ва даст мефишурд, дафтари ёддоште ҳадя медод.

Ин танҳо чизе буд, ки бар ивази кори семоҳа

дар саҳрои панба ба даст оварда будем. Интизори чизи дигарро ҳам надоштем. Шод будем аз ин ки бармегардем сари дарсу рӯзгори донишҷӯёнаи худ, ки бибинем билохира донишҷӯйи яъне чӣ.

Вақте баъд аз солҳо ба дидори Орол рафтам, дидам танҳо чизе, ки тавонистам дарк кунам, киштиҳои бузурге буд, фуру рафта ба рег ва устухонҳои хурду резшудаи моҳён, парандагон. Бо ҳамон шевае, ки троктури колхоз фурӯ рафта буд ба хок.

Ба худ фикр кардам, ки чаро ҳеч боре ҳам орзӯ накардам ронандаи киштӣ бошам ва аз ин соҳил ба он соҳили дарё биравам. Шояд ба он далел, ки ба ҷуз хок чизи дигареро надидам, нашнохтам ва дарк накардам.

Аммо аз кӯдакӣ кобусе доштам, ки ҳар тобистон такрор ба такрор медидам: Киштии бузургтар аз Титаник пушти мадраса таваққуф карда аст ва охирин буғҳои худро мезанад. Ҳама мунтазири мананд. Аммо ман ҳамеша дунболи чизе мегардам ва киштӣ бидуни ман аз саҳрои панба убур мекунад ва меравад ва аз чашм дур мешавад.

Дунболи чизҳои кӯчак, гоҳ либоси шино ва гоҳ ҷомадон ва гоҳ дафтари хотироти

модар мегардам. Аммо ҳар бор киштиро аз даст медиҳам. Ҳеч кобусе бадтар аз ин надоштам. Киштии сафед ва азиме, ки бо армон буғҳои охири худро ба ҳазорон ҳазор километр мефиристад то ман бишнавам ва худро бирасонам. "Ман ҳамин ҷоям, ҳамин ҷо пушти панҷара!!! Як лаҳза сабр кунед, дафтарро пайдо намекунам. Дафтар?! Бидуни дафтар намеравам чаро?

Танҳотарин ва бе орзутарин дар маҳал будам. Гоҳе ҳатто хобҳоямро ҳам ба касе намегуфтам. Касе шояд дарк намекард. Ангор дигарон кобус намедиданд ва метарсидам, ба ҳолам биханданд. Киштӣ? Дар саҳро? На ин хобҳоро ба касе намешавад гуфт.

Вақте дар умқи дарёи Орол истода будам ва бод регҳои сабукро ба чашмонам мезад дарк кардам, ки чаро ҳамдарсиҳо аз ман мутанаффир буданд.

Дар пойизе, ки Иттиҳоди Шуравӣ барҳам пошид қаҳрамонии ман ҳам ба пойин расид. Аммо дақиқ намедонам, ки аввал навҷавонии ман пойин ёфт ва баъд Иттиҳод аз ҳам пошид ё баракс. Аммо дақиқ медонам, ки бо ҳам робита дошт.

Ҳоло монда будам байни ду ҳақиқат.

Ҳақиқати замин ва ҳақиқати дарё.

Зери дарахти бебарге канори роҳ нишастам ва домони пур аз навиштаи шоъири ҷавонро паҳн кардам ва ба тамоми навиштаҳояш хира шудам.

Моҳӣ кабл аз панба, Тиллоӣ буд.

Ҳеч бўса ҳалол нест, Вақте замин ғусса дорад Дар фироқи об!

Доя вақте дасти маро мегирифт ва ба сўи саҳро мерафт, бароям аз боғҳои Самарқанд мегуфт. Танҳо чизе, ки аз ин боғҳо хушам меомад номҳояшон буд.

Боғи Зоғон, Боғи Тилло, Боғи Шамол, Боғи Боло ва дигар ёдам нест боз чӣ номҳое доштанд. Мегуфт, қадимҳо вақте мехостӣ аз деҳ ба шаҳр биравӣ, бояд чандид боғро пушти сар мекардӣ.

Зери чархҳои троктур қурс-қурс садои шикастани устухон ба гўшам мерасад. Аммо дигар одат карда будам, дигар наметарсидам. Дигар ба ҷабри рўзгор тан дода будам.

Ҳақиқат мисли мазор аст, мисли гўристони деҳ, ки ҳар чӣ наву тозатар тарсноктар аст ва

ҳар чӣ кўҳнатар ва рехтатар қобили тахриб ва фаромўш шуданӣ.

Модарбузург мегуфт, дар қадим панбаро ҳар хонавода дар ҳади ниёзи худ кишт мекард. Ҳоло ҳар ҷо хоке пайдост, дар он панба коштаанд ва мардум иҷоза надоранд домоне аз он бичинанд ва ё ҳатто бихаранд. “Резтарин корҳои бофанданиро модарбузургат анҷом медод”, навишта буд модар.

Тика-тикаҳои панбаро ранг мекард, хушк мекард ва байни ангуштони пояш мепечид ва нах-нах мекард ва мебофт. Аз чигит чидан то нақшу нигор, ҳамаро худаш анҷом медод ва чӣ фахре ҳам дошт вақте дар либоси арўсу домоде кори дасти худро медид.

Аммо ҳоло нишастааст мунтазири лўлии даврагард, ки ресмон бихарад. Ба қавли худаш бо он ресмонҳои бепадару модар кор хуб дарнамеомад.

Бори аввал эҳсос кардам, ки гиря гулўгирам аст ва дилам мехоҳад фарёд занам.

Зери поям порае аз киштӣ ва ҳалқаҳои наҷот хобидаанд. Пирмарде шутурсавор аз миёни дарё мегузашт. Пўсти замин торс-торс кафида буд ва пойи шутур байни

сурохҳо дар мемонд ва дакка мехӯрд.

### Рӯзи чаҳоруми нувомбри соли 1998

Наташа аз синамо баргашт. Дидани филми “Тиллои сафед” рафта буд. Гуфт, “бисёре аз саҳнаҳои филмро буридаанд. Ҳадс мезанам, ки сонсур шуда.” Эҳтимоли зиёд сонсур шуда. Гуфтам, “назарам иваз шуд, мехоҳам филмро бибинам.” Гуфт, кай? Гуфтам, “ҳамин алъон.” “Намешавад фардо биравем?” “Фардо боз назарам иваз хоҳад шуд.” Хандиду гуфт, “пас биравем.”

Садои мусиқии маҳзуне дар биёбон печида буд. Дурбин ором ба ҳаракат дармеояд ва киштӣ дар рег фурӯ рафтааст. Домани сафеди духтаре дар бод бозӣ мекард.

Дурбин ба самти домани духтар меравад. Меравад ва дар сафедии мавҷҳо маҳв мешавад. Аз мавҷ берун меояд ба саҳрои шукуфои панбаи беохир. Мусиқӣ шиддат мегирад ва метаркад.

Тасвири занеро мебинам, ки пой дар рикоби троктур дар даст парчами сурх дорад. Саҳро пур аз шиша дурбин хушк шудааст. Нигоҳи Наташа дар торикӣ барқ мезанад. Мусиқӣ қатъ шуд ва садои мардум баланд шуд, ки канор нишастаанд ва дар даст

бушқобҳои оҳанин дар сафи ғазо истодаанд. Достони филмро дар ёд надорам. Дар тӯли филм ба ин фикр мекардам, ки “чаро намеравам дар яке аз он киштиҳои ғарқи рег мустаққар шавам. Чаро дар ин утоқи торики бемористон мондаам. Мунтазири чӣ ҳастам?”

Ҳама аз солуни синамо рафта буданд. Танҳо ману Наташа бо гунаҳои тар нишаста будем. Ман аз торикӣ ва бебарқии киштӣ мегиристам. Ғамгнок буд. Ноумедкунанда буд фикр кардан ба ин ки баъд аз ин ҳама талош ва орзӯ дар гӯшае аз биёбон дар киштие мустаққар бошӣ, ки дигар ҳатто нойи буғ задан надорад, ки мусофиронро садо занад: “Биравем! Биравем ба сӯи соҳили дигар! Биравем дар дарё гардиш кунем!”

Ғамнок буд андешидан ба либоси шино, ки дигар ниёзе ба он набуд. Ниёз ҳатто ба ҷомадон ҳам набуд. Киштӣ мехкуб шуда буд дар пойи биёбони фаромӯшшуда.

Наташа ба биёбон менигарад ва ба киштии хушкида дар танӯри офтоб ва навиштаҳо рӯи тасвири он мерафтанд. Гӯё маросими дафни киштиҳо буд.

Дастони Наташа рӯи шонаам сангинтар шуд. Хонуми миёнсоле бо ҷойрӯби дасташ

ба сӯи мо ишора кард, ки биравем. Ман намехостам аз солун ва ба хусус аз ҳолу ҳавои филм берун оям. Наташа бозӯямро гирифт, биравем. Дастаҳои сандалиро маҳкам гирифта будам ва намехостам аз солун берун равам. Мехостам дубора бибинам. Даҳбора бибинам ва боз ҳам бибинам, ки он духтар, ки дигар пир буд, куҷост ва чаро нишонҳои сари синаашро ба пойи киштиҳои пӯсида гузошт.

Духтаре, ки вақте медавид бо тамоми қудрат, бо тамоми ҷоне, ки дошт, садои тапиши қалби ман ангор тамоми муҳитро гирифта буд. Гуп, гуп, гуп... Садои ровӣ бо оромиш мегуфт: “Ин хоҳари бузурги ман аст ва ба кӯмаки модарам медавад...”

Гушҳоям аз шунидани садои худам қуфл мешуд ангор ки ба ҷуз виз-визи сукут дигар чизеро намешунидам. Вақте чашмони худро боз кардам марде бо мӯйлабҳои мошу биринҷ канори тахти ман нишаста буд ва бо нигаронӣ ба ман нигоҳ мекард. Марде, ки ангор ӯро ҷое дидаам ангор ин нигоҳро бори аввал нест, ки мебинам. Дастонамро гирифт ва сурати худро пинҳон кард. Дастонам хис шуда буд ва аз ин ки наметавонистам ба ёд биоварам мехостам худро ба дару девор бизанам. Мехостам бо тамоми садо фарёд

занам, аммо ором ба мӯйҳои мошубиринҷи ин мард миёнсол нигоҳ мекардам. Мард сари худро бардошт ва ба чашмонам нигоҳ кард. “Ин манам! Ман, Михаил! “

Ҳамшираи тиб бо суръат вориди утоқ шуд ва ӯро берун бурд. Дарро пушти сараш оҳиста пӯшид. Наташа бо тарс дарро боз кард ва бо лабханди сохтае вориди утоқ шуд. Рӯи ҳамон сандалӣ нишаст, ки он мард нишаста буд. Мисли он мард дастони маро ба кафи дастонаш гирифт ва ба лабонаш наздик бурд. Чашмонаш ангор аз бехобӣ сурх буд. Дастони Наташаро маҳкам гирифтам ва дигар намехостам раҳо кунам.

**Бидуни торих**

Наташа вақте навиштаҳоямро мехонад сукути тӯлонӣ мекунад. Эҳсос мекунам, ки дигар аз навиштаҳоям хушҳол намешавад. Эҳсос мекунам аз ман хаста шудааст ва бадтар аз ҳама аз ман ноумед аст. Шоири ҷавон аз Самарқанд омада буд ва ҳар рӯз бо дастае гул дарро бо нохун мезад ва вориди утоқ мешуд. Наташа ба ман гуфтааст, ки шоири ҷавон ҳамсари ман аст, вале худи ӯ чизе дар ин маврид намегуфт. Чандто шеър мехонд ва дастонамро рӯи синаам мегузошт ва худоҳофизӣ мекард.

Бо ӯ роҳаттар будам. Чун ҳеч чизеро ба ман таҳмил намекард. Чизе аз ман намехост. Аз ман намехост ӯро ба ёд орам. Ангор хушҳол буд, ки ман ҳама чизро фаромӯш кардаам. Дирӯз дар яке аз шеърҳояш навишта буд:

Гузашта чизе нест
Оянда чизе нест
Ҷуз шақоиқи шӯрида аз бод
Имрӯз аммо
Лаҳзаҳои тару тозаи нигоҳи туст
Бар гунаҳои ман.

Аз шоири ҷавон бештар баҳра бурдам. Аз чизҳое мегӯяд, ки дилам барои шуниданашон муштоқ аст. Аз афроде намегӯяд, ки намешиносам ва ё бояд ба ёд биорам. Аз имрӯз мегӯяд ва гузаштаро пушти сари худ намекашад. Роҳи дигаре надоштам ба ҷуз ин ки мардумро аз нигоҳашон бишносам ва танҳо ӯ буд, ки ба ман оромиш медод. Нигоҳ ангор шиносномаи касоне буд, ки худро аз наздикони ман медонанд. Ошно набудан тарси инсонро ҳазор баробар мекунад. Ба духтаре, ки канори ман нишаста буд ва бо сахтӣ пеши роҳи ашкҳои худро мегирифт, нигоҳ кардам. Чашмонаш ғайр аз ин ки шабеҳи чашм буд, маъное дошт. Маъное шабеҳи ин ки мегуфт, бовар намекунам, ки маро дар ёд надошта бошӣ.

Модар бо ҳамон шонаҳои паҳн ва сари баланд қадамзанон аз дур намоён шуд.

Наздиктар расид бар чеҳрааш араққи нозук дамида буд ва аз ҳар қадамаш нишонҳои сари синааш ба ҳам бармехўрданд, мисли зангула. Чашмони Наташа ба ман дўхта буд. Мехост ҳамаи ҳаракоти моро ёддошт кунад. Ором ба ҳаракоти зане менигаристам, ки модари ман буд. Зане бо мидолҳои зиёд....ҷаранг-ҷаранг садои ба ҳам хўрдани медалҳои модар бо зарби роҳ рафтанаш тамоми шаб дар гўшам занг зад. Ҳеч наметавонистам бовар кунам, ки ин зан модари ман аст.

Михаил барге байни дандонҳояш гузошта буд ва онро тоб медод вақте ба сўям омад ва канори гулхан рў ба рўи ман нишаст. Бидуни ҳеч муқаддимае гуфт, “медонӣ, ба назарам ту як иштибоҳе кардаӣ ва дар он мондаӣ.” Бо тааҷҷуб ба ў нигоҳ кардам. Асабонӣ будам, ки чаро рўзҳои охир ҳама ба ман панду насиҳат мегўянд.

Ҳама мехоҳанд маро ёрӣ кунанд. Ангор дар гил дармонда бошам. Касе мегўяд, “бале, биё, пои худро ин ҷо бигзор.” Касе дигар мегўяд, “на такон нахўр фурўтар меравӣ.”Каси дигаре мегўяд, “чаро аслан васати он гил рафтӣ?” Дигаре мегўяд,

“ҳамаи мо аз ин роҳ ё гузаштаем ва ё хоҳем гузашт.” Асабонӣ будам. Аммо бо оромиш ба ӯ нигаристам. Бигзор ҳарфашро бизанад, ҳоло ки шӯълаи гулхан қомат барафрошта ва гунаҳоро доғ карда. Бо табассуме, ки ангор мегуфт, дарк мекунам, бале медонам аз сарат чӣ мегузарад, гуфт, “ту бехудӣ рӯзгори худ ва модаратро дар ду пиллаи як тарозӯ мегузорӣ. Ин ду арзишҳо ва таҷрибаҳои мутафовити ду насланд. Ду хаму печи як торих.”

Дуди сигор қаҳвахонаи канори роҳро гирифта буд. Марди осиёӣ назди панҷара омад ва сигоре хост. Садобардор бидуни ин ки покати сигорашро боз кунад онро ба сӯи ӯ дароз кард. Мард як дона сигор берун кашид ва бо такон додани сар ташакур кард. Роҳравон сигорро равшан кард ва дубора ба сӯи мо нигарист. Ба садобардор нигоҳ кардам. Яъне ки пурсида бошам, ”ӯро мешиносӣ?” Саре такон дод, “на.”

Мард оҳиста қадамзанон дур шуд. Маро ёди райиси колхоз овард, аммо пиртар ва жулидатар. Шояд ҳам ӯ буд. Шояд ҳам на.

Ба дуди сигор хира шудам. Дудҳо шабоҳати аҷибе ба ҳам доранд. Аз нуқтае сар мезананд ва ба куҷо мерасанд пайдо нест. Вале ҳар он қадар ки доман паҳн мекунанд таъсирашон

бештар аст. Ин мисоле буд, ки Михаил оварда буд вақте ба гулхани нимшаб хира шуда будам. Модар нигарони натиҷаи филм буд ва Михаил бидуни ин ки қавле бидиҳад талош кард, хаёли ӯро роҳат бикунад.

Чӯбе аз замин бардошт ва ба оташи сурхранги гулхан наздик бурд. Мо дар ин марҳала ҳастем. Дар марҳалаи сӯхтан аз шавқи ида ва сохтани достоне, ки дуди он маълум нест ба куҷоҳо хоҳад расид ва чашми чӣ касонеро хоҳад сӯзонд.

Ба гулхан нигаристам ва фикр кардам, ки рост мегӯяд. Касе ин ҷо дар ин саҳро гулхан равшан накардааст ва шояд ҳам накунад. Гурӯҳи филмбардор бо худ нур оварда буд ба саҳрои рӯзгори ман ва модар. Ба саҳрои панба, ки шабона зулмат ҳукмфармо буд ва рӯзона офтоб.

Бештар нигарони поёни филмбардорӣ будам. Чӣ хоҳам кард вақте ҳама хаймаҳоро биканананд ва савори қатор шаванд. Чӣ хоҳам кард. Дубора донишгоҳ ва ё... Чизе ёдам намеомад, ки қабл аз моҷарои филм ба он машғул будам.

Ангор боби ҷадиди китобе буд, ки бо достони қаблӣ рабте надошт. Дар оне ки пештар мерафтам, гузашта маҳвтар мешуд

ва ё шояд дурусттараш ин аст, ки бигӯям маъно ва арзиши худро аз даст медод.

Рӯзҳои дароз нигаристан ба кори дурбин ва бозу баста шудани он маро одат дода буд, ки ба оянда фикр кунам ва достони тозаеро шакл диҳам ва даргири гузашта набошам. Ҳатто даргири саҳнаи қаблӣ. Он тамом шуда фаромӯш кун, бо ҳол ва ҳавои тоза вориди саҳнаи баъдӣ бишав! Ин ҳарфҳои Михаил дар гӯшам наво медод. Тозагиҳо ва мутафовит буданаш буд, ки диламро бурда буд. Ҳар бор арзишеро зери пой мекард, ки маро озор диҳад, аммо ба самти тозаву нав ҳидоятам мекард, сарзанишам мекард, ки “мухолифат накун!”

Ман дар ҳар бор ки баракси гуфтаҳояшро кардам, лаззати бештар бурдам. Вокуниш танҳо роҳе буд, ки аз ишқ бигӯям ва аз ҷасорате, ки ин ишқ ба ман медод, то худам бошам. Ишқе, ки ҳидоятам мекард аз дарҷомондагӣ фарор кунам, бо сахтӣ, бо гиря, аммо бо шавқ рӯ ба чизҳое боз кунам, ки бароям тозагӣ дошт. Гӯё Михаил ҳамон киштие буд, ки модар дар кобусҳояш медид. Киштие, ки буғ мезад, “биё, он ҷо намон!

Аммо ҳамеша баҳонае доштам, ки дер кунам ва нарасам ба киштӣ ва фурсатро аз даст бидиҳам. Фурсати фирорро, фурсати

рушду нав шуданро. Аммо садои заъифе дар умқи дилам мегуфт, бимон, аз муқадассоти ранграфтаи худ дифоъ кун.

Сигор сӯхта ва дуде ҳам дар он намонда. Ба садобардор нигоҳ мекунам, ӯ ҳам дар худ ғарқ аст ва нигоҳаш аз шиша берун рафта, ки рафта. Ангор ӯ ҳам мутаваҷҷеҳ аст, ки дигар тасвири ҳафт моҳи бемор̣ӣ бароям равшантар аст. Дигар ҳоҷат ба ҳарфу баён нест. Ангор суде дар гуфтугӯ нест. Сукут пуррангтар аст байни мо. Аммо дилам мехоҳад як саволи кӯчаке бипурсам. Бипурсам, "чаро... чаро Наташа аз аввали кори филмбардорӣ ҳузур надошт." Аммо сукути ба ин зебойи ва роҳатбахшро чаро бояд бишканам ва аслан маълум нест, ки ҷавобе бигирам.

Дар чашмонаш туғёне буд ошно. Туғёне, ҳамроҳ бо гирдбоде, ки мардуми чашмашро гоҳ ба ташвиш меовард. Аммо сукут, ин сукути сирояткунанда.

Сигор байни лабҳояш фаромӯш шуда буд. Дуди нозукаш ҳамхат бо димоғи зарифи занонааш ба боло қад мекашид.

Оромиш дошт сукуташ. Агар аз аввал ҳарф мезад. Агар аз аввал вақте канорам менишаст мегуфт, ки "дар дил чӣ шӯре

дорад,” шояд кор ба ин ҷоҳо намекашид.

Шояд рӯёҳои ман ба ин сон реша дар шӯразор намекард.

Модари Наташа буд, ки гуфт, чаро ӯ бо гурӯҳ наомад. “Наташа аз Питер фосила мегирифт. Аз садобардоре, ки алоқамандиаш ангор бори гароне барои Наташа буд.

Питер девонавор Наташаро дӯст дошт, Наташа девонавор Михаилро ва Михаил девонаи кор буд.”

Наташа буд, ки рӯзномаро ба дасти Михаил дод ва гуфт, мавзӯъи филми баъдӣ!

Дӯст дошт дӯстдоштаҳои Михаилро ҷамъоварӣ кунад ва бо ин роҳ таваҷҷуҳи худро ба ӯ нишон диҳад.

Дасти Питерро гирифтам: “Меравам. Мехоҳам бибинамаш.” Ба атроф нигоҳ кард. Ангор дунболи сукуте буд, ки шикастам. Ҳарчи қадар бештар мешинохтам, бештар фосила мегирифтам, вале боз ҳам бештар мехостам бидонам. Нафрате пайдо карда будам, ки адои муҳаббат дошт. Ё муҳаббате бедор мешуд, омехта бо нафрат. Намедонистам.

Модари Наташа рафта буд чой биёрад. Тӯл кашид. Сайри дигаре ба деворҳо кардам. Утоқи пазирои̅ дар соли ҳаштодум таваққуф карда буд ва бӯи коғаздевориҳо аз замони рафта мегуфт. Пардаҳои гардгирифта аз беэътиноии соҳибхона мегуфт. Соҳибхонае, ки ангор ҳеч алоқа ба иттифоқоти берун надошт ва дару панҷараро ба рӯи худ баста буд.

Анкабуде ҷой хуш карда буд бар рӯи торе, ки рӯи телевизион бофта буд. Танҳо чизе, ки барқ мезад, финҷонҳои кристалии саф кашида дар ҷевони чӯбини рӯ ба рӯям буд.

Аз ҷой бархостам ва ба ошпазхона рафтам. Модари Наташа нигоҳашро часпонда буд ба чойдоне, ки қиёми гули савсан дошт. Ба сураташ нигоҳ кардам. Мехостам, бидонам, ки чи̅ чизе дар зеҳнаш ба ҷӯш меояд, вақте ин гуна амиқ сукут мекунад.

Дами дар боз ба сайри девор рафтам. Аксе аз Наташа буд. Ранграфта ва каме дасту пой ҷамъ карда аз нарми̅ ва гармии бухорҳои ошпазхона. Михаил даст ҳалка карда буд ба гардани Наташа ва бо ҳам ангор ба ман механданд. Ба замон фикр кардам, то маънои табассумашонро пайдо кунам. Ин лаҳза дар чи̅ рӯзе буд? Мошин дами конол истода буд ва буғ мезад. Ҳамаи гурӯҳ шурӯъ

карданд ба каф кӯбидан. “Омад! Наташа омад!“

Танҳо ду нафар пой ба хок фурӯ бурда буданд. Ман ва Питер. Ҷамъи мардум ба сӯи мошин мерафтанд. Дари мошин бо оҳистагӣ боз шуд. Духтаре пой рӯи замин гузошт, ки зери кӯлоҳи сафеде аз офтоб пинҳон шуда буд. Дастмоли сафеди гарданашро боз кард ва ба сӯи ҷамъ такон дод. Эҳсос кардам, ки бояд биравам. Ин саломи сафед паёми торике медод.

Питер дастамро гирифта буд ва ба сӯи ҷамъ мебурд. Кулуххҳои хушк нарм-нарм зери поям об мешуданд. Нохунҳои панба рӯи зонувонам хат меандохтанд.

Аммо нигоҳам байни дастони Михаил ва духтари сафедпӯш баста буд. Михаил дастони сафед ва нозуки духтарро бо эҳтиёт баланд кард ва чашм аз чашмонаш раҳо намешуд вақте лабонаш рӯи дастони сафедаш ҷамъ шуда буд. Бӯсае, ки дар пӯстам парвона медавонд ва дар хунам оташ ба по карда буд.

Дастонам аз кафи Питер афтод ва ба шонаҳоям сангинӣ кард. Бидуни ин ки банди нигоҳам биканад ба сӯи троктур роҳ афтодам. Чанд қадам ва дигар медавидам.

Медавидам, ки аз нигоҳи ҳама пинҳон шавам. Мехостам, мўъҷизае шавад ва ман аз ёди ҳама биравам. Фаромўш шавам. Рашк на, шарм буд, ки шўъла зада буд ва ҳама ҳастиро ба коми худ мекашид. Нигоҳи модари Наташа ба ман хўрд. “Намедонистӣ?”

“На.” Бидуни ин ки бипурсам чиро ва ё бидуни ин ки бароям кунҷковӣ оварда бошад, такрор кардам, “на.” Гўё достони забонзаде бошад, шурўъ кард ба қисса кардан. Гули беэътиноии маснуъйи маро хўрд ва сари забонаш боз шуд. “Солҳо бо ҳам ошно буданд. Ошноияшон ба ҳамкорӣ расид. Агар ба Осиёи Миёна намерафтанд шояд ҳамхона ҳам мешуданд.”

Мақолае аз намедонам кадом рўзнома ҳама чизро тағйир дод. Қиссаеро шурўъ карда буд, ки дар он ҷой барои ман надошт. Ба лабонаш нигоҳ мекардам, то вожаҳоро ҳадс бизанам. Садои троктур баланд буд. Намегузошт бишнавам. Намегузошт аз он майдони пурнур аз ҳузури духтараки сафедпўш берун оям. Берун оям аз ҷамъи мардуме, ки ангор мехостанд зери кўлоҳи бузургаш аз офтоб пинҳон шаванд. Даври ўро маҳкам гирифта буданд.

Модари Наташа мегуфт, дар рўзнома мехонад, ки зане дар дарёи Орол роҳ

меравад ва искелети моҳӣ мечинад. Фикр кунам унвонаш “Соҳибони Тиллои Сафед” буд ва ривояти зане буд дар Осиёи Миёна. Зане, ки ба унвони қаҳрамони меҳнат ва хидмати тӯлонӣ ба унвони райиси як колхози маҳаллӣ фаъол буда ва ҳоло баъд аз фурӯпошии шӯравӣ бо ҳашт фарзанд бидуни кор ва дар сахтӣ ба сар мебарад. Ҳар ду ошиқи ин мавзӯъ мешаванд ва суроғи он занро пайдо мекунанд.

Аммо намедонам, чӣ мешавад, ки Наташа бо гурӯҳи филмбардорӣ намеравад.

Шояд мехост аз Питер фосила бигирад.

Садои троктур ҳануз дар гӯшам ғур-ғур мекард. Дар гузашта ва ҳол ҳамзамон ҳузур пайдо карда буда ва ҳамзамон, ки рӯ ба конол мерафтам аз модари Наташа пурсидам, “чаро?”

Гиря гулӯяшро гирифта буд, ки ниҳоятан таркид. Димоғашро маҳкам гирифта буд, вақте мегуфт, ҳомила буд. Дуди сузоне дар гулӯяш ҷамъ шуда дар ин ҳама муддате, ки аз духтари ягонааш хабаре надорад. Хабаре надорад, ки Наташа куҷост ва дар чӣ ҳол аст. Троктур ба лабаи конол бархӯрд. Замин такон хӯрд ва замон ларзиду маҳв шуд. Питер дуди сигорашро бо садо фурӯ

кашид вақте дубора такрор кардам, “бале, мехоҳам бибинамаш.” Аммо ин бор садоям моли ман набуд, ки меҳрубон ва ё сабур бошад. Садои хаста вале ҳушёре буд, ки аз тоби саромадае паём медод. Сигор байни дандонҳояш ҷо монд, вақте даст ба ҷайб бурд ва худкор берун овард.

Тунд-тунд рӯи покети сигор чизе навишт. Худкорро дубора ба ҷайб гузошт ва сигорро аз байни дандонҳояш ба байни ангуштонаш мунтақил дод.

Даст рӯи дастонам гузошт “муваффақ бошӣ ва худо нигаҳдор.” Вақте аз дар берун мерафт, дасташро мушт кард ва ба қалби худ ду-се бор зад. Коре, ки дар майдони филмбардорӣ зиёд мекард, вақте дилгир ва ё нороҳат будам. Бо табассум фазои қаҳвахонаро гарм карду рафт. Рӯи покет одреси Наташаро навишта буд. “Лаҳистон?” Рафта буд, бидуни ин ки посухе диҳад. Ҳамеша ором меомаду тунд мерафт. Ғайри қобили пешбинӣ буд, Питер. Аммо калиди ганҷеро, ки дунболаш будам, ба дастам дода буд. Дигар ангор коре надоштам ба ҷуз таҷриба кардани он чӣ ӯ дар сар дошт.

Одреси Наташаро бо сигорҳояш дар киф гузоштам ва даст бардоштам барои ҳисоб. Духтари борике ба сӯи миз омад. Табассуми

равшане дошт, аммо чеҳраи ман ба андозаи одреси рӯи покет торик ва пургумон буд.

Нина хонум дар зад ва бидуни ин ки сабр кунад, вориди утоқ шуд. “Чаро наомадӣ барои шом? Саҳми моро меоранд ин ҷо бо ҳам бихӯрем.” Сарам ба монанди санги осиёб рӯи болин вазнин афтода буд. Иртиботи байни сар ва танамро гум карда будам.

“Зиёд хобидӣ ” гуфт Нина хонум. “Лобуд иштиҳо ҳам надорӣ. Вале ман магар мегузорам, ки ғазо нахурӣ. То ҳамаашро нахурӣ ба ҳолу ҷонат намегузорам.”

Нина хонум борҳо талош кард, маро аз рафтан ба Лаҳистон боз дорад. Тамоми талошамро мекардам эҳсоси бедоршударо дубора ба хоб ва фаромӯшӣ бифиристам.

Дубора ба обе ғутта задам ва зеҳнам поки пок шуд аз ҳар чӣ озордиҳанда аст.

Чӣ озорам медод, намедонам. Ҳомила будани Наташа ва ё ин ки падари фарзандаш Михаил буд? Эҳсоси хубе надоштам, ба тарзи аҳмақонае аз худам безор будам.

Охир чӣ тавр мешавад, ки сар ба робитаи ду нафаре фурӯ бибарӣ ва нахоҳӣ берун

биёйи. На. Бояд мерафтам, ки бибинам шаҳомате ба андозаи Наташа дорам ё на. Оё метавонам занеро, ки ошиқ аст, навозиш кунам, парасторӣ кунам ва хайрхоҳаш бошам.

Худро ба ду тақсим карда будам ва бо худ ҳарф мезадам. Мегуфтам агар Михаил ҳозир буд мегуфт, ту чӣ истеъдоде дорӣ дар гузоштани худ дар тарозӯи дигарон.

“Муддате дар тарозӯи модар будӣ, ҳоло худро ба тарозӯи Наташа ҷой кардӣ ва ҳай фикр бикунӣ, ки оё ман ҳам метавонам? Эй духтар, ту чаро ба худии худат арзиш қоил нестӣ? Чаро бояд сари роҳи ин ё он бошӣ?” Аммо дигаре мегуфт, “на, бояд равшан бикунӣ, гиреҳҳоро боз бикунӣ вагарна оромиш нахоҳӣ дошт.”

Гӯшаи телефон ҳанӯз дар дастам буд, вақте зане бо банди ангушт ба шиша зад ва садои троктур дар гӯшам пош хӯрду маҳв шуд. Садои баландгӯ ҷойгузинаш шуд. Эълом мекард, “Парвози Маскав ба Варшав омода аст! Парвози Маскав ба Варшав...”

Гӯшаи телефонро гузоштам ва худро аз девор кандам. Садои Наташа шод ва равшан буд. “Азизам, Маҳтоб, Офтобам...” Садои модарона дошт гӯйи ман ҳанӯз маризам ва

ӯ табиби ман аст, дастёр ва мададгори ман аст. “Худоро шукр, ки занг задӣ, азизам. Аз беқарорӣ мехостам мунфаҷир шавам. Мехостем бо Михаил биравем Самарқанд дидани шумо азизон....” Гӯширо бидуни ҳеч эҳсосе гузоштам ва дари кобинро ба рӯи зани русе, ки маълум буд аҷала дорад, боз кардам. “Бифармоед сӯҳбати ман тамом шуд.”

Борони нарме меборид, вақте ба фурӯдгоҳи Фредрик Шупен дар Варшав расидам.

Бо ҳар нафаси амиқ, оромише дар дилам бод мекард ва пахш мешуд. Мусиқии нарму абрешимии Шупен дар тӯли парвоз пахш мешуд ва варақ-варақ аз дарахти изтироби ман кам. Ҳамзамон ба ин ки мусиқӣ гӯш медодам, ба ҳаракати ангуштони Шупен фикр мекардам. Ба равонии панба чидани як зани ҷавон буд. “Бронислава Чико, шумораи 50,” ронандаи токсӣ дубора такрор кард. “Бале. Ҳамин ҷост.” Дубора ба атроф нигоҳ кардам. “Хеле иваз шуда?” Ронанда фикр карда буд, ки замоне ин ҷо будаам ва ҳоло баргаштаам у намешиносам.

Бо дароз кардани пул ба сӯяш сӯҳбатро куштам. Зеҳнам холӣ буд аз он ки аслан ман чаро инҷо ҳастам. Омадаам чӣ кор кунам? Иштибоҳи гузаштаро такрор ва ё туғёни

хобидаро бедор кунам? Ангор омада будам дар хиёбони Наташа ва Михаил қадам бизанам ва сигоре бикашам ва баргардам. Пойи телефун садои Наташа иштиёқи дидорро кушта буд. Якбора кунҷковиам ба поён расид. Ангор тамоми неруям сарозер шуда буд ва араќи гарме ба гунаҳоям хориш медод.

Зане дар боғча бо кӯдакон бозӣ мекард. Зани миёнсоле буд. Марде сар аз панҷара берун карда буд ва таровати ҳаворо дам мекашид. Ба осмон нигоҳ кард ва дастонашро ба рӯи пешинааш соябон гузошт ва садо зад, “Луказ, биё пойин!”

Зиндагӣ ҷараёни сабзе дошт. Бӯйи об меомад. Шояд Михаил ҳам ба қоби яке аз ин панҷараҳо унс гирифта бошад. Панҷарае, ки рӯ ба дарёчаи сабзе боз аст ва ба рафту омадҳои офтоби кӯчак менигарад.

Даври боғча қадам задам. Аз қадам то ба қадами дигар қоматам росттар мешуд.

Ин ҷо фазо фарқ мекард. Дарё сабз ва лабрез буд ва саҳро маҳв шуда дар ҳар дона дарахти азимҷусса ва биноҳои баланди пой гузошта бар синаи замин. Ин ҷо мутафовит буд ва мутафовит метавонистам фикр кунам, дарк кунам, ки мешавад мутафовит

зист. Мутафовит андешид ва эҳсоси тарс надошт.

Модар, Нино хонум ва модари Наташа вақте рӯ ба ойина меистанд ба чӣ фикр мекунанд? Шояд ба биноҳое, ки сохтаанд, ба заминҳое, ки обод кардаанд ва насле, ки офаридаанд ва тарбият кардаанд.

Омада будам сипос гузорам, аммо фаҳмидам, ки бояд маъзарат хоҳӣ кунам. Ҳоло ангор фаҳмида будам мисли кӯдаке бо шикам афтода будам рӯи ширинтарин лаҳзаи рӯзгори Михаил ва Наташа.

Модари Наташа ба ман эҳсоси наздикӣ пайдо карда буд ва ҳар бор ки аз гузашта ҳарф мезад аз ман исм намеовард. Шояд ба хотири исмҳои мухталифе буд, ки дар тӯли беморӣ ба забон овардаму зуд фаромӯш кардам. Ё шояд ба хотири ин буд, ки гузаштаро мехостам бо имрӯз пайванд надиҳам.

Намедонам, ба ҳар ҳол ба ман унс гирифта буд. Ё шояд умед дошт, ки ман духтарашро пайдо кунам. Эҳсоси гуноҳи амиқе пайдо карда будам. Ҳама бо рӯзгоре банд буданду коре доштанду сахт саргарм. Ба ҷуз ман, ки гирифтори гузаштаи худ будаму даври он мегаштам. Ростӣ ман чӣ кораам? Ман чӣ

орзӯ дорам? Вақте кор ба инҷо мекашид, маъмулан шаб буд ва чизе набуд, то худро машғул кунам. Шабҳо қад кашида буданд ва рӯзҳо сангину кӯтоҳ шудаанд.

Замони дил кандан буд аз Маскав ва баргаштан ба оғӯши модар. Вале дилам ҳанӯз банд буд. Банди чизе бе ном. Шояд банди дурӯғе буд, ки бофта будам, то худро аз дидор бо Наташа ва Михаил дур кунам. Дурӯғе, ки дар дилам зор мезад вале ба забон намеомад.

Вақте чашмонамро мебастам эҳсоси раҳоӣ мекардам. Ангор поям ба ҳеч ҷой банд набуд. Ангор ба ғори торике фурӯ рафта будам. Калимаҳоро дар ёд доштам, аммо талаффуз, рангу бӯйи онҳоро фаромӯш карда будам. Мехостам бинависам. Аммо аз чӣ? Бо чӣ забон ва барои кӣ? Модар маро дошт, Михаил Наташаро, Нино хонум он ҳама дӯсту ҳамкор. Питер ҳам гоҳе ба модари Наташа саре мезад ва сигоре мекашид ва ба акси рӯи девори ошпазхона оҳе мефиристод. Ман чӣ... Осмон гирифта буд ва абри тирае бо суръат ба замин наздик мешуд. Шиддати бод буд, ё аҷалаи худи абрҳо, намедонам. Аммо ҳар чӣ буд тарснок буд.

Надоштан тарснок аст. Намедонистам, ки ин абр аз куҷо бархестааст. Аз шарқ ё ғарб?

Аслан чаро муҳим аст? Намедонам чаро шарқу ғарб муҳим аст. Шарқ куҷост?

Касе набуд то бипурсам. Тарс тамоми вуҷудамро фаро гирифта буд. Дилам мехост ҷойе пайдо кунам ва нақши офтобе бикашам.

Ҳолати рӯзеро пайдо карда будам, ки модар аз Самарқанд омада буд ва канорам нишаста буд. Наташа рафта буд, ки зуд баргардад ва бо ҳам дубора дидани филм биравем. Вақте бо модар дар утоқ танҳо монда будам, намедонистам, ки рӯҳ, ақл ва бадани ман дар куҷое аз замин банд буд. Дар куҷой ин замин бистарӣ будам ва аз куҷоям ва куҷо мерафтам.

Дар солуни синамо мунтазири шурӯъи филм будам. Модар баъд аз сукути тӯлонӣ ангушт ба сари синаи худ бурд ва гуфт. “Медонӣ, инҳоро чаро ба ман додаанд?”

Ман сари худро ба чапу рост такон додам. Ҳарчанд дилам намехост аз ман саволе ё ҷавобе бихоҳад.

Ангушти худро рӯи аввалӣ гузошт, нишони сари сина, ки бо порчаҳои сабзу сурх васл буд ва шакли сикаи тиллоӣ дошт, “соли 1975 барои ҳифозат аз манобеъи табиии давлат.

Он мавқеъ ҳомила будам. Ту дар батнам будӣ. Ҳаштумин фарзандам ва ин мидоли сурхро барои ба дунё овардани ҳаштумин фарзанд ба ман додаанд.

Рӯзе, ки ин медолро ба ман доданд, ман танҳо набудам. Садҳо мисли ман саф кашида буданд то қадрдони шаванд. Баъзеҳо акси фарзандонеро бо худ ҳамроҳ доштанд, ки дар ҷангҳои шӯравӣ дар Афғонистон аз даст дода буданд."

Бо ҳеч кадом аз ин ҳарфҳои ӯ робита барқарор намекардам. Мехостам, ҳарф назанад. Чизе аз чизе нагӯяд. Оби чашму димоғаш мерехт ва бо дастмоле пок мекард. Бо сари хам гуфт, "ман аммо модари баде набудам. Тамоми талошамро кардаам, то ту ҳеч кадом аз ин заҳматҳоро набинӣ. Нагузоштаам ҳатто ангушти пойҳоят ҳам замини панбаро ламс кунад." Дастонашро боз кард ва қалбашро маҳкам гирифт. Ба назарам омад, дард дошт. Эҳсоси хубе надоштам. На, чаро эҳсос мекардам, ки аз ин зан метарсам. Ба атроф нигоҳ мекардам. Дунболи Наташа мегаштам.

Дигар ба ҳарфҳояш гӯш намедодам тамоми гӯшу ҳушам ба пардаи синамо буд.

Дафъаи дуввум бо модар дидани филм

омада будам. Филми “Тиллои Сафед”.

Охири филмро беш аз ҳама дӯст доштам. Духтаре бо рӯймоли сурх байни панбазор истодааст ва ба ғуруб нигоҳ мекунад. Бод домонашро такон медиҳад.

Модар гуфт, “бо ҳамон либос туро ба бемористон бурданд. Рӯймолатро коргардон бӯсид ва ба дасти ман дод. Медонистам чӣ мекашад. Медонистам туро дӯст дошт.

Рӯймолро гузоштам пеши ӯ, хостам, ки аз ту муроқибат кунад.”

Ҳазорон нафар зану мард ҷамъ шуда буданд ва бо шавқ замин меканданд, роҳ боз мекарданд барои об, барои роҳи баргашти об ба дарё. Дақиқан бо ҳамон шевае, ки чандин даҳсола пеш ҳама обҳое, ки ба дарёчаи Арал мерехт ба заминҳои кишт, ба заминҳои панба фиристоданд. Аммо дигар дер аст. Арал дилшикаста ва аз надидани таваҷҷӯҳ даст ба худкушӣ задааст. Зарра-зарра обҳои ширинашро ба захр табдил карда ва ба атрофиёнаш додааст. Бе ишқ, ҳатто дарё ҳам нотавон аст.

Модар дар дафтари ёддошти худ навишта буд: Агар аз дастам бармеомад, роҳи оби уқёнусро боз мекардам ба сӯи Осиё, ба сӯи

Арал, ба сӯи Зарафшон, ба сӯи биёбонҳои сӯхтаи Самарқанд, Бухоро.

Дастонашро бо тарс гирифтам. Дар торикии синамо роҳаттар будам. Дасти занеро гирифта будам, ки ҳар чӣ аз рӯзгори худ дар ёд доштам, моли ӯ буд. Зане, ки ангор омада буд, бигӯяд ман чизе надорам ба ҷуз ӯ. Вақте ба майдони панбазор расидем, модар шурӯъ кард ва қисса кардани хотироти худ. Гуфт, "бояд хуб гӯш кунӣ ва мисли алафҳои бегона хотироти маро аз сарат барчинӣ ва тухми хотироти худро фурӯ барӣ. Ин майдоне аст, ки рӯзгори маро дар он ҷо бозсозӣ кардӣ. Бозсозие, ки худ дар он ғарқ шудӣ. Достони филмро аз бар кардӣ ва дар он достон фурӯ рафтӣ."

Модар ба канори ҷӯйборе ишора кард, инҷо дурбини филмбардорӣ ду моҳи тамом дар рафту омад буд ва ту дар иҷрои нақш ва талош барои писанд омадан.

Писанд омадан ба коргардоне, ки ба ҷуз филм чизе барояш муҳим набуд. "Аммо он чӣ ту доштӣ ишқ буд. Ишқ, ки ман ҳеч бор таҷриба накардаам ва ба ҳеч марде натавонистам дил бандам." Ба дастони пур аз ожанг ва пири худ нигоҳ мекунад.

Аммо "дил надодан шояд беҳтар аз ба

ноҳамҷинс дил додан бошад, намедонам."

Модар тамоми пушти саҳнаи филмро бароям қисса кард. Достоне, ки кандаву пароканда дар ин чанд моҳи гузашта ҳар ҷо ки тавонистам навиштам. Навиштам, то фаромӯш накунам. Шояд навиштам, ки фаромӯш кунам.

Ҳар чӣ модар мегуфт, пардае боз мешуд ва ангор нур ба чашмонам бармегашт.

Саҳро пур аз мардуме буд, ки мисли одати чандинсолаи худ дар ҳоли ҷамъоварии панба буданд.

Ҳолати ман ва модар диққати дигаронро ҷалб карда буд. Марди низомӣ ба мо наздик шуд. Худро муаррифӣ кард ва гуфт, "лутфан кифи худро ба ман бидиҳед."

Бо тааҷҷуб ба ӯ нигаристам. "Чаро?" Гуфт, вориди ин мантақа шудан барои хориҷиҳо мамнӯъ аст. "Ман хориҷӣ нестам!"

Модар худро ақиб кашид. Дар чашмонаш шодӣ барқ мезад. Садои ман, мани воқеъиро шинохта буд. Мане, ки бо садои худ аз худ дифоъ мекардам.

"Ман ин ҷо ба дунё омадаам! Ин зодгоҳи

ман аст!" "Бибахшед. Лутф кунед бифармоед савори мошин шавед." Пӯсти офтобнахӯрда ва рангпаридаи ман нишон аз он медод, ки моли ин мантақа нестам ва ё муддати дарозе дур аз чашмони ҳамагири офтоби сӯзони Осиё будаам. Барои ин марди низомӣ ҳар ду ҳолат як маъно дошт. Нигоҳам чизҳоеро медид, ки вақти филмбардорӣ намедид. Ангор сафар ба Маскав пардаи зардеро аз нигоҳи ман берун кашида буд. Рангҳоро равшан ва нишонаҳоро дақиқ медидам. Чизе, ки марди низомӣ ташхис дода буд. Шӯълаи муқоисаро дар нигоҳам дида буд. "Бибахшед бояд ҳамин ҳоло баргардед." Бозувонамро аз дасташ мекашам. "Бояд дӯстонамро бибинам. Ман дар ин хок бузург шудаам. Хуни нофам дар ин хок рехтааст!!!" Марди низомӣ гуфт, ба ман рабте надорад, хонум вақтро беҳуда талаф накунед.

"Ман зиндон омадаам магар? Ин чӣ рафтор аст?" Ин ҳам шиносснома ва ин ҳам одреси хонаи ман." Мард бо лаҳни каме нармтар мегӯяд, "фақат як дидори кӯтоҳ ва бояд зудтар баргардед. Акс гирифтан ва сӯҳбат кардан мамнуъ." Ногаҳон нафрат дар дилам ҷавона зад.

Нафрат аз итоъат. Ба мард ҳеч таваҷҷӯҳ намекунам ва ба сӯи модар меравам.

"Модар ҷон," ҳар ду дар оғӯши ҳам мемонем ва бӯи якдигар меошомем. "Хуш омадӣ духтарам! Хуш омадӣ!"

Ҳоло ки ҳамаро пайдо карда будам мехостам фаромӯш кунам. Дами дар нишастам.

Дами даре, ки аз таваллуд то 25 солагӣ дар он нишастаам ва баргаштаам. Хонае, ки аз остонаи он ба осмон гӯш додаам ва нафаҳмидаам вақте ба гӯшам хонда: "Ин ҷо саратро бо панба мебурранд, ҳушёр бош!" Хобам намеомад ва рӯ ба панҷараи торики меҳмонхона ба осмони Варшав чашм дӯхта будам. Занги телефон аввалин бор ба садо даромад. Вуҷудам таконе хӯрд ва ёдам омад, ки аз куҷоям ва чаро ин ҷоям.

Меҳмондор паёме аз Нино хонум дошт. Гуфтам, "лутфан бигӯед нестам, берун рафтаам. На, бигӯед баргашта Самарқанд ва гуфта, худаш бо шумо тамос хоҳад гирифт." Тамосе нагирифтам.

Танҳо пушти корте бо тасвири шаҳри кӯҳнаи Самарқанд навиштам: Сипос аз ҳама муҳаббатҳои шумо. Ман баргаштаам ба рӯзу рӯзгори худам. Дӯстдори шумо ҳамеша, Маҳтоб.

Як ҳафтаи тамом дар Варшав пиёдагардӣ кардам. Ҳар қадар Маскав пуродам буд, Варшав камодам ва сарсабз. Аз пиёдагардӣ хаста намешудам ва боре ҳам аз гум шудан нигарон набудам. Аммо ангор даври қаҳвахонае мегаштам, ки рӯ ба рӯдхона дошт ва мизу сандалии кӯчаке ҷойи ҳамешагии ман буд. Гоҳе борон меборид ва маҷбур дохил мерафтам. Аммо рӯзҳои бебордон берун менишастам чашм ба рӯдхона.

Одати қаҳва хӯрдан надоштам, аммо бӯи қаҳваи тоза хумори чойи сабзи Самарқандро аз сарам мепаронд. Ҳар бор ки қаҳваам нотамом сард мешуд, занеро медидам, ки бо саге аз канори қаҳвахона рад мешуд. Зане, ки бештар ба бехонумоне шабоҳат дошт. Бо саге жӯлидамуйтар аз худ канори қаҳвахона мегашт ва бидуни ин ки ба атроф нигоҳ кунад, оҳиста қадам мебардошт ва саг аз ӯ пештар. Саг гоҳе ба ақиби худ нигоҳ мекард, гӯйи мехост мутмайин бошад, ки зан дунболаш меояд.

Рӯзи охир, ки дигар тасмим гирифта будам баргардам, дунболи зан ва сагаш роҳ афтодам. Кунҷковиам гул карда буд, ки ин зан ҳар рӯз аз ин роҳ ба куҷо меравад.

Поёни хиёбон ба майдоне расид ва саг дигар бидуни ин ки нигарони ҷой мондани зан

бошад, тундтар рафт ва канори муҷассама васати майдон нишаст. Зан ҳам ба ӯ пайваст. Ҳар ду канори муҷассама нишастанд ва зан чизе аз ҷайби худ баровард ва байни дандонҳояш гузошт. Гуфтам, шояд нон аст. Аммо садои маҳзуни най баланд шуд. Саг рӯ ба муҷассама кард ва ҳамхон бо садои най ба нола шурӯъ кард. Саг овоз мехонд ва мардум даври муҷассама ҷамъ мешуданд. Ба муҷассама нигоҳ мекарданд ва чизе мегуфтанд. Муҷассамаи зане буд, шамшер ба даст, аммо урён. Вақте аз майдон дур мешудам, бори дигар баргаштам ва ба мардуме, ки даври муҷассама ҷамъ шуда буданд, нигоҳ кардам. Аммо чизе дидам, ки водорам кард, баргардам. Муҷассама дум дошт. Думе ба сони моҳӣ. Вақте даст ба тани парии дарёйи задам, дар хаму рости пулакчаҳояш дарёе барқ мезад.

Муҷассамаи парии дарёӣ, ки дар баробари мардуме ки аз банд озодаш карданд, санг шуда буд то аз шаҳри онҳо барои абад дифоъ кунад.

Варшав қоматамро рост карда буд. Ҳар боре ки аз Маскав оварда будам, ба обҳои Варшав рехтам. Аз гузашта раҳо будам ва дилам суроғи оянда буд. Ояндае, ки дар хиёбонҳои сангфарши Самарқанд ҳайрон

монда аст.

Аммо наметавонистам биравам бидуни худоҳофизӣ бо ҷавонмарди хуштабассуме, ки ҳар бор вориди қаҳвахона мешуд нимтаъзиме ба сӯи ман мекард ва мерафт суроғи даре, ки барои кормандони қаҳвахона буд. Ҳамон қаҳвахонае, ки соатҳо дар он менишастам ва зеҳнамро муназзам мекардам. Хотираҳоямро берун мекашидам ва баҳо медодам, ки оё меарзад ҳифзаш кунам?

Ҷавон дар қаҳвахона набуд. Пешхидматро садо задам. Барои хӯрдан чӣ доред?

Вақте ғазоро рӯи миз гузошт, пурсидам, "он ҷавоне, ки ҳар рӯз ин ҷо меояд исмаш чист?" "Луказ?" Китфонамро боло кашидам, шояд. Ҳар ду хандидем. Агар медонистам магар мепурсидам. Гуфт, "писари соҳиби ин қаҳвахона аст ва шояд сари вақти ҳамешагиаш саре бизанад. "Гуфтам, рӯзи охири ман аст дар ин шаҳр аст."

Мехостам бигӯям, ки намедонам чаро дилам мехоҳад бо ӯ худоҳофизӣ кунам, вале муҳим надонистам. Аслан чаро мехостам ӯро бибинам? Намедонам. Вакте ҳисоб кардам ва берун рафтам Луказ дами дар буд. Бо шодӣ гуфтам, "салом ва ва... Худоҳофиз".

“Меравед?” “Бале, ин рӯзи охири ман аст, дар Варшав.” “Шумо инҷоӣ нестед?” “На.” “Аз куҷоед пас?” “Аз Самарқанд.”

“Чӣ ҷолиб.” Марде мехост, вориди қаҳвахона шавад. Мо сари роҳи ӯро гирифта будем. Ду қадам дуртар рафтем. Луказ ҳам ба ҳамон самт қадам гузошт ва идома дод ва идома додам.

Роҳ мерафтем ва суолҳои берабт мекардем ва шояд ӯ низ нисфунимаи ҳақиқатро мегуфт. Гоҳе, ҳолате ба ман даст медод, ки гузашта ва ояндаи афрод бароям муҳим набуд, муҳим ҳузурашон аст. Ҳузури дилнишине, ки маъмулан ё нигоҳи гиройе доштанд ва ё нишоне аз хубӣ, ки аз ҳолати самимияшон пайдо буд. Ва ё ба қавли Наташа, ситораҳои афрод ба ҳамдигар мутаносиб меоянд ва агар бо ҳам бегона ҳам бошанд, эҳсоси наздикӣ ва роҳатӣ мекунанд.

Ситораи Луказ гарм буд. Аз он ситораҳои гарме, ки ҳатто аз дурии байни замин ва осмон ҳам, ки бибинӣ гармиашро эҳсос мекунӣ. Ногаҳон эҳсос кардам ниёз дорам ба ин гуна нарм-нарм роҳ рафтан, бо афроде, ки намешиносам ва шунидани қиссаҳои ноошнои дигарон. Ангор қиссаи ман такрорӣ ва ранграфта буд.

Дигар намехостам худро дар баробари афрод бигзорам, балки дӯст доштам бо достони рӯзгори марду зани ҷавомеъи дигар муқоиса кунам ва дардҳо ва хотиротам сабук ва нарм мешуд. Камранг ва маъмулӣ мешуд. Ғуссаҳоям кӯчак ва гирифториҳоям фаромӯш мешуд.

Бо саволҳои кӯтоҳ аз таҷрибаҳо ва рӯзҳои дуру наздикаш мепурсидам. Дӯст доштам, вақте мешунидам ва гиреҳ аз гиреҳҳои хотиротам боз мешуд. Дарвоқеъ маҳв мешуд. Доман ҷамъ мекарданд ва барои достони тару тозаи Луказ ҷой боз мекарданд. Нарм роҳ мерафтем ва гарм ҳарф мезадем. Ба ёди филмҳои рӯсӣ афтода будам, ки ду фарде бо ҳам дар хиёбон ошно мешуданд ва достони филм шакл мегирифт. Дарро боз кардам. Утоқи меҳмонхона баҳамрехта аст ва ба беҳавсалагӣ рӯи тамоми ашёи утоқ зул мезанад.

Ихтиёр дасти ман набуд, вагарна аз Луках мехостам, беруни дар мунтазир бимонад ва либосҳоямро мураттаб мекардам. Накардам. Нахостам, ин ҳиссеро пайдо кунад, ки чизеро пинҳон кардаам ва ё мехоҳам асли воқеиямро аз дид ӯ махфӣ дорам ва ё аз чизе шарм медорам. Ангор ӯ ман буд. Ангор бо худам вориди утоқ шуда

будам. Ангор Луказ бофтаи хаёли ман буд, ки аз ӯ ҳеч ибое надоштам. Гӯйи ӯро солҳо боз мешиносам ва бароям азиз ва меҳрубон аст. Дигар ҳар ду дар сукути тамом будем ва танҳо дона-дона тугмаҳои пероҳани худро боз мекардем. Нигоҳ дар нигоҳи ҳам. Бидуни ҳарф. Бидуни ишора. Гӯйи бори аввалам набуд. Эътимодбанафси аҷибе дар пӯстам барқ мезад. Ба равонии нӯшидани об ниёзе нозук рехта буд, байни мо. Бидуни ин ки ба ҳам даст зада бошем, лаб ба лабҳои ҳам гузоштем ва ҷуръа-ҷуръа чашидем.

Ҳар бор маҳкамтару бештар. Ташнагӣ ҳарисона ҳисси ғаризаи занонаеро дар ман мавҷ мезад ва вақте оҳе шикаста пора берун ҷаст, ёдам омад. Ёдам омад, ки даст ба дастҳои Михаил дода будам ва як қадам наздик ва як қадам дур мешудем. Гармои баданаш рақси миёни моро доғ мекард ва аз гунаҳоям арақ мерехт, вақте гуфта буд, ту хеле бокираӣ! Либос аз тахт афтода буд ва мисли шӯълаи гулхан дарҳам мепечидам ва дуди нафасҳои сӯхтаро берун медодам. Ба ҳамин содагӣ ниёзеро байни ҳам тақсим мекардем.

Бидуни тардид ва бидуни таваққӯъ. Дастони Луказ рӯи баданам чанг андохта буд.

Дар баданам сайр мекард ва дубора рӯи китфонам таваққуф. Дар ҳалқаҳои мӯяш нишон аз офтоб медидам. Охирин оҳ фавора зад. Ба ҳамин соддагӣ ҳайбати ваҳшиёнаи мардонагиро фатҳ карда будам. Ҳайбате, ки дигар бароям на хатари дузахе дошт ва на ваъдаи биҳиште. Урён рӯ ба рӯи ойина чархидам. Варшав бо мо чархид. Вақте рӯи тахт фуруд омадам, ҳамаи гузаштаро ба ёд оварда будам, мамнун ва бахшида будам. Ангор дастони ин ҷавони тозаошно тарозӯе буд, ки муҷаддадан ҳамаи ҳастии маро арзёбӣ карда буд.

Вақте аз панҷараи қатор ба берун нигоҳ мекардам, зеҳнам аз дафтари хотироти модар берун ҷаста буд ва ба андозаи китобхонаи модар мураттаб ва муназзам буд.

Дар ҳоле ки ҳамаи китобҳоро бо ранг ва ҳаҷм ва унвонашон дар ёд доштам, аммо гирифтори ҷузъиёти ҳеч кадом набудам.

Михаил монанди як китоби сангин ва сабзранг дар бойгонии ҳофизаам ҷило дошт ва мисли китобе хондашуда, дигар ҳаяҷоне надошт. Нино хонум ҳам, шабеҳ ба китоби афсонаҳои мардумӣ буд, ки модар шабҳо бароям мехонд ва ҳамеша дӯст доштам боз ва боз бихонад ва ман гӯш кунам. Наташа

шояд дафтари шеъре буд, пур аз ашъори шоирона, ки вақте як мисраъ ба ёд орӣ ҳамаи ашъор зинда мешавад ва агар як мисраъ ёдат биравад, ҳамаи шеърро фаромӯш мекунӣ.

Ва аммо модар шабеҳи Шоҳнома буд ва порае аз рӯҳи ӯро дар ҳама китобҳои дӯстдоштаам медидам. Шоҳномае пур аз майдони набард ва ҷонбозонии заноне, ки бо шохаҳои панба дар даст ба мусофирони қатори мо паёме медоданд.

Бо чеҳраҳои пӯшида аз офтоб. Чӣ касе буд, ки мегуфт: Париён вуҷуд надоранд?!

Пас ин ҳама париёне, ки ниме зан ва ниме фурӯ рафта дар хоканд ангор, киҳоянд?

Париёни саҳроӣ ман! Медонам агар аз хок раҳоӣ доштед, агар дастҳо аз панба раҳо доштед, сар ба дарё мебурдед. Сар ба дарёи орзуҳои ғарқшудаи худ. Ҳатман хобҳоятон киштиҳое дорад, ки шаб то субҳ занги ҷудоӣ мезанад.

Ба пирмарде, ки канорам нишаста буд ва дар қиссаҳои ҷавониаш худро ҷой гузошта буд, гуфтам, “Медонед чаро касе дигар парии дарёӣ намебинад?”

Сар такон дод, “на.” Чун дерест, ҳамаашон

ба саҳро паноҳ бурдаанд. Пирмард табассум мекунад ва ба занони сафедпӯше, ки то миён дар саҳрои панба ғӯтта задаанд, даст такон медиҳад. Гӯё қонеъ нашуд, кафашро бӯсид ва ба сӯяшон ҳаво дод.

Пирмард устоди мадраса буд. “Магар безнишаста нестед?!” Бо таъаҷҷуб мепурсам.

Мегӯяд, “бале”. Вале ҳама муҳоҷират кардаанд ва кам касе бо маоши ночизи муаллимӣ созиш мекунад. Ҳануз чашм ба саҳрои бепоён баста буд. Канори роҳи оҳан даври самовари оҳанин, гурӯҳе аз кӯдакони мадраса ғизо мехӯрданд. Касе даст такон медод. Писароне санг меандохтанд ба сӯи қаторе, ки шояд ҳеч бор савори он нашаванд ё шояд тамоми умри худро дар ҳамин купаи қатор дар рафту омад байни Ватан ва Русия бигзаронанд...

Духтароне дар оби конол косаву пиёла мешӯстанд. Панбазор масоҳати байни замин ва осмонро гирифта буд... Вориди клос шудам ва бо шарм бо так-таки кӯдакон ошно шудам. Ман муаллими ҷадиди шумо ҳастам. Номи ман Маҳтоб аст. Кӯдакон ҳама бо ҳам дастҷамъи фарёд заданд: “Саааалоооооом!” Касе садоям зад: Маҳтоб! Ба сӯяш меравам. Бо тӯдаи кӯдакон давру барам ва садо ҳамчунон такрор мешуд:

Маҳтоб! Кӯдакон ба шӯр омада буданд ва баъзе бо ҳам фарёд мезаданд “Синамо! Синамо!!!”

Баъзеи дигар фарёд мезаданд, Боғи Вахш! Боғи Вахш!!! Касе, ки садоям мезад, бастае дастам дод. Боз кардам. Наворе буд бо аксе рӯи он. Акси девори бемористон бо офтобҳои кӯчаки ранграфта. “Офоби Сард”, филми достонии сохтаи Михаил Молников, созандаи филми “Тиллои Сафед”... Кафи дастонамро ба ҳамдигар мезанам ва таваҷҷуҳи кӯдаконро ба худ ҷалб мекунам, “Натиҷаи баҳс чӣ шуд? Синамо ё боғи ҳайвонот?”

Боз садоҳои мутафовит ва ноҳамоҳанги кӯдакон баланд мешавад. “Онҳое, ки мехоҳанд тамошои филм бираванд, даст баланд кунанд ва онҳое, ки мехоҳанд боғи ҳайвонот, дастҳои худро пойин нигаҳ доранд...14 нафар. Ҳоло онҳое даст баланд кунанд, ки мехоҳанд боғи ҳайвонот биравем... 15 нафар! Пас боғи ҳайвонот меравем!” “На!!! Як нафари фисин бештар бошад, бошад, чӣ фарқе мекунад? Синамо меравем! Синамо!!!”

Як нафар метавонад таъсири зиёде дошта бошад. Худатон шоҳид шудед, ки як раъй бештар моро ба боғи ҳайвонот мебарад

ва як раъй камтар синамо рафтани моро номумкин мекунад! Меравем тамошои маймунҳои навзод ва рӯзи дигар синамо меравем, бошад?

Ҳама механданд ва ман аввалин бор бо ханда аз хоб бедор мешавам.

Намедонам чанд муддате буд, хоб будам. Оё Варшав ҳастам ё Маскав? Ба атрофи худ нигоҳ мекунам. Телефони сабзранге рӯи миз канори тахт ба рӯи ман буд.

Нигоҳаш ёдам овард, ки ба Нина хонум паёми ғалат додаам. Дурӯғ гуфтаам. Луказ чӣ? Хоб буд ё бедорӣ? Рӯи болин самти чапам асари ангуштонаш ҷо монда буд.

Ангор вазн надоштам. Ангор бол задам ва аз тахт баланд шудам. Ангор нав шуда будам. Ангор дилам ба ҷойе банд набуд. Ҳеч ҳиссе надоштам. На ҳисси гуноҳ, ва на ранҷи талабкорӣ аз касе. Раҳо шуда будам аз қайди ҳамаи гирифториҳое, ки доштам. Ангор аз синамо берун омада бошам ва филми тира ва сангине ба поён расида бошад. Раҳо шуда будам ва ҳеч ҳиссе надоштам.

То ин ки дубора даст ба телефон бурдам ва ба Наташа занг задам. Баъд аз гиряи тулонӣ гуфт, “Гӯширо нагзор, нигаҳ дор.

Ман ба хотири ту намегирям. Аз ту хаёлам роҳат аст. Ҳади ақҷал бо ҳар чӣ ба ёд дорӣ ва надорӣ, метавонӣ рузгоре бошта бошӣ. Аммо... аммо Михаил беш аз чанд моҳи дигар умр надорад. Саратони хун...” гӯши раҳо мешавад,...

Дарро худи Наташа боз кард. Тифле дар бағал дошт ва ашки дардолуде дар чашм.

Ба чашмони обии тифлаш нигаристам, вақте бо садои ором ва канда-канда ба гӯшам ҳар чӣ пойи телефон гуфтаашро дубора такрор мекард. Мехост мутмайин бошад, ки ёдам нарафта. Ёдам нарафта бошад, ки Михаил намехоҳад маро бибинад.

Оғӯшаш бӯйи шир медод. Бӯи маъсумияти кӯдакона. “Агар бифаҳмад омадаӣ, меранҷад. Аз ман меранҷад, ки ба ту роҳ додаам. Ман қавл додаам, мефаҳмӣ?”

Дастони Наташаро бӯсидам, “Ором бош, фақат як лаҳза. Ҳолаш хуб нест...”

Панҷара боз буд. Марде рангпарида рӯи тахт хобида буд. Бо даҳони нима боз ва лабони хушку борик. Марде пир ва пурожанг, ки агар татуи рӯи бозӯяш пайдо набуд, бовар намекардам, ки ӯст. Михаил.

Михаил, мисли Арал хушк шуда буд ва офтоби бозӯяш пажмурда.

2010-05-11